**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

*Бо ҳукми дастнавис*

**ВБД: 63.3 (2 тоҷик)**

**МУҲАММАДЗОДА БОБОҶОН МУҲАММАД**

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИЗОМИ ДАВЛАТДОРИИ ИМПЕРИЯИ ҲАХОМАНИШИЁН

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси
(07.00.02 – Таърихи ватанӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои таърих,
профессор **Расулиён Қ.Р.**

**БОХТАР – 2025**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.......................................................................................... 3**

**БОБИ I. МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ ҲАХОМАНИШИЁН**

§1. Империяи Ҳахоманишиён – аввалин империяи ҷаҳонии аҳди қадим.............................................................................................. 21

§2. Рушди низоми давлатдорӣ: аз давлат то империяи порсҳо............. 45

**БОБИ II. АСОСҲОИ ТАШКИЛИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ**

§1. Пояҳои ҳокимияти шоҳаншоҳӣ...................................................... 69

§2. Ташкили ҳокимияти марказӣ......................................................... 93

**БОБИ III. РОБИТАИ БАЙНИ ДАВЛАТ ВА МИНТАҚАҲОИ ТОБЕЪ**

§1. Мақомоти идораи воҳидҳои маъмурӣ – хшатра (сатрапия)-ҳо........ 114

§2. Нақши хшатраҳои шарқӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии давлати Ҳахоманишиён................................................................................. 127

**ХУЛОСА............................................................................................ 148**

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия................................................ 148

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот..................... 154

**ФЕҲРИСТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА..... 157**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.................................................................................... 179**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Сарзамини аҷдоди гузаштаи халқи тоҷик – мардумони ориёиасл аз аҳди бостон гаҳвораи тамаддуни қадима ва рушдёфта буда, онҳо аз аввалинҳо шуда ба ҷодаи рушди таърихиву иҷтимоӣ ворид шуданд ва ҳанӯз дар аввали ҳазораи III то милод давлатдории худро ташкил доданд ва анъанаҳои умури давлатдории онҳо таърихи чандҳазорсола дорад. Ба сарнавишти пуршебу фарози таърихӣ нигоҳ накарда, аҷдоди мо дар тули ҳазораҳо анъанаву арзишҳо ва фарҳангу тамаддуни худро ҳифз ва ғанӣ намуда, ба кишварҳои дуру наздик таъсири судманд расониданд ва дар навбати худ аз арзишу фарҳанги онҳо баҳраманд гардиданд.

Дар байни олимону муҳаққиқон ва доираи васеи хонандагони тоҷик таваҷҷуҳ ба таърихи аҳди қадимаи аҷдодамон ҳамеша бештар буд. Ин аз он сабаб аст, ки аз давраҳои аҳди қадимтарин то имрӯз гузаштагони мо бо мардумони сарзаминҳои паҳновар аз Мисру Осиёи Хурд дар ғарб то Қафқоз, Шарқи Наздику Миёна, Осиёи Марказиву Ҷанубӣ ва шимоли Ҳинд дар шарқ робитаҳои зичи иқтисодиву тиҷоратӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ доранд.

Мубрамии омӯзишу таҳқиқи мавзуи мазкур бо нуктаҳои зерин асоснок мешавад:

**Аввал**, омӯзиш ва таҳлили вижагиҳои таърих ва фарҳанги аҷдоди халқи тоҷик, абардавлати Ҳахоманишиён – нахустин империяи аҳди қадим, ташаккул ва рушди низоми давлатдорӣ, таҷрибаи таърихии давлатдорӣ, ташкили ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ, робитаи байни воҳидҳои идорӣ-маъмурӣ, байни порсҳо ва қавму мардумони кишварҳои ҳамсоя ва дур, ки дар ташаккул ва рушди фарҳанги давлатдорӣ на танҳо дар Шарқи Қадим, балки дар таърихи башарият нақши бузург бозидааст.

**Дувум**, анъанаҳои умури давлатдорӣ, ки дар давлатҳои гузашта, аз ҷумла, абардавлати порсҳо – Ҳахоманишиён ташаккул ёфта буданд, дар тули таърихи инсоният ҷузъи муҳимми рушду тавсеаи низоми давлатдории

халқҳои ҷаҳон ба шумор рафта, ба афкори сиёсӣ ва ҷамъиятии халқҳои олам таъсири амиқ гузоштанд.

**Сеюм**, имрӯз дар шароити рушду густариши бесобиқаи равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки аз як тараф барои наздикшавии кишвару мардумони гуногуни ҷаҳон мусоидат намуда, аз тарафи дигар боиси бесуботӣ ва шиддат гирифтани вазъи сиёсӣ дар минтақаи Шарқи Наздик ва Миёна гардидаанд, таҳқиқи таърихи муштарак ва давлатдориҳои аҳди қадим, ки мардумону сарзаминҳои васеъро дар ҳайати худ муттаҳид менамуданд, барои рушди руҳияи таҳаммулгароёна байни давлату миллатҳо, ҳифзи сулҳу субот дар минтақа, ҳалли низоъҳои минтақавӣ ва мушкилоти фаромиллӣ (глобалӣ), ҳамзистии осоиштаи мардум ва дарки сарнавишти муштараки таърихӣ мусоидат хоҳад намуд.

**Чорум**, омӯзиши таърихи давлатдориҳои аҳди қадими гузаштагони мо, қабл аз ҳама, таърихи абардавлати Ҳахоманишиён дар шароити имрӯзаи рушди давлатдории муосири мо аҳаммияти бесобиқа пайдо менамояд, зеро дарки арзишҳои маънавию ахлоқӣ, таърихиву фарҳангӣ ва анъанаҳои давлатдории ниёгонамон дар замони муосир барои татбиқи ниёзҳои давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявии тоҷикон – Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти ахлоқиву тарбиявӣ дошта, дар эҳёи ҳувияти миллии халқи тоҷик амри ниҳоят зарурӣ мебошад.

**Панҷум**, зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи таърих ва фарҳанги ниёгони аҳди қадими халқи тоҷикро таъкид намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависад: «Баъзе олимону муаррихон аз чӣ бошад, умри давлатдории тоҷиконро аз давраи Сомониён оғоз намуда, чандин силсилаи муқаддами давлатдории ниёгони моро аз мадди назар дур меафкананд. Ин акида, ба назари ман, қобили дастгирӣ нест, зеро суннати давлатдории онҳо аз давраҳои хеле қадим дар қаламрави Балху Бохтар, то аҳди Ҳахоманишиён устувору побарҷо будааст» [23, с. 147]. Ин эроди

сарвари давлати Тоҷикистон нисбат ба таърих ва фарҳанги империяи Ҳахоманишиён ба маврид аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар бораи таърихи давлатдории аҷдоди халқи тоҷик, аз ҷумла таърихи ташаккули давлат ва фарҳанги Ҳахоманишиён, маълумоти сарчашмаҳои зиёди таърихӣ, қабл аз ҳама сангнабиштаҳои шоҳаншоҳон, солномаҳои таърихӣ, фармону асноди дафтардории ҳокимияти марказӣ ва ҳокимони маҳаллӣ, асноди ҳуқуқӣ, мукотиботи расмии мансабдорони сатҳи мухталиф, дастурамалҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ, асноди ҷамъоварии андозу пардохтҳои давлатӣ, асноди дигари марбут ба ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангӣ, маълумоти таърихнигорон ва ҷуғрофиёдонони юнониву румӣ, рисолаҳои илмӣ ва мазҳабӣ ва ғайра то имрӯз расидаанд. Сарчашмаҳои гуногун, ки ба забонҳои порсии қадим, ошурӣ, оромӣ, эломӣ, бобулӣ, юнонӣ, румии қадим, арманӣ ва ғ. навишта шудаанд, имкон медиҳанд раванди воқеаҳои таърихӣ, таърихи лашкаркашиҳо ва ҷангҳои Ҳахоманишиён ба кишвару сарзаминҳои ҳамсоя, ташкили низоми марказӣ ва маҳаллии давлатдорӣ, хусусиятҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, оину анъанаҳо ва расму русуми қавму мардумони сокини давлати Ҳахоманишиён, робитаи Ҳахоманишиён бо сарзаминҳо ва мардумони дигар – Бобул, Миср, Юнон ва дигарон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шаванд.

Дар бораи таърихи ташаккули давлатдории порсҳо то барпо гардидани давлати абарқудрат, марҳилаҳои рушду такомули давлати Ҳахоманишиён, хусусиятҳои равобити дуҷониба бо сарзаминҳову мардумони сокини империя, кишвару давлатҳои ҳамсоя адабиёти васеи илмӣ ба забонҳои тоҷикӣ, порсӣ, юнонӣ, ибронӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, русӣ ва ғ. мавҷуд аст. Таҳқиқоти олимони тоҷик ва кишварҳои хориҷӣ ба масъалаҳои мухталиф ва ҷанбаҳои гуногуни таърихи рушду такомули абардавлати Ҳахоманишиён ва сохтору ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии он бахшида шудаанд. Барои таҳлил ва баррасии адабиёти

мавҷуда оид ба мавзуи мавриди тадқиқ зарур мешуморем, ки онҳоро ба чанд гурӯҳ ҷудо намоем:

Ба ***гурӯҳи аввал*** таҳқиқоти ходимони давлатӣ ва олимону муҳаққиқони тоҷик дохил карда шуданд. Боиси хушнудӣ аст, ки масоили таъриху фарҳанги гузаштагони халқи тоҷик, муайян намудани саҳми онҳо дар таърих ва рушди илму адабиёт ва фарҳанги умумиҷаҳонӣ доимо дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти олии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ходимони барҷастаи давлатӣ ва олимону муҳаққиқони тоҷик мебошад. Дар ин росто, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи саҳифаҳои дурахшони таърих ва фарҳанги аҷдоди гузаштаи мо, аз ҷумла нахустин абардавлати аҳди қадим – давлати Ҳахоманишиён, чеҳраҳои мондагори таърихи халқи тоҷик, муаррифии ходимони намоёни илму адаби тоҷик ниҳоят бузург аст. Барои равшанӣ андохтан ба масоили мухталиф ва марҳилаҳои рушди давлати Ҳахоманишиён, мақоми аввалин давлатдориҳои халқи тоҷик дар таърих ва фарҳанги ҷаҳонӣ, аҳаммияти омӯзиши таъриху фарҳанг ва арзишу анъанаҳои давлатдориҳои тоҷик дар тарбияи насли наврас, эҳёи арзишҳо ва боло бурдани ифтихори миллии мардуми тоҷик осори таълифнамудаи Сардори давлати тоҷикон аҳаммияти калони сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ доранд [21-26].

Саҳми олимони тоҷик дар таҳқиқи ҷанбаҳои таърихии ташаккул ва рушди давлати Ҳахоманишиён, масъалаҳои умумии ташкили умури давлатдорӣ ва идораи давлатӣ дар минтақаҳо, робитаи Ҳахоманишиён бо кишвару мардумони ҳамсоя, муайян намудани саҳми онҳо дар рушди фарҳанги башарият басо калон аст.

Ҷанбаҳои умумии таърихи давлати Ҳахоманишиён дар осори академик Б.Ғ. Ғафуров инъикос ёфтаанд. Вай натиҷаҳои таҳқиқоти олимони кишварҳои мухталифро ҷамъбаст намуда, ба ҷойгоҳ, нақш ва саҳми Ҳахоманишиён дар таъриху фарҳанги ҷаҳонӣ баҳои баланд додааст. Муҳимтарин хулосаи Б.Ғ. Ғафуров дар таҳқиқи таърихи давлат ва

фарҳанги Ҳахоманишиён аз он иборат аст, ки вай дар баробари омӯзиши ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ин абардавлати аҳди бостон, ақидаи хатои аксари муҳаққиқони ғарбгаро дар мавриди он, ки гуё рушди ҷомеаи «сукуткарда» ва «заиф»-и Шарқ баъд аз таъсири «фаъол»-и юнону мақдуниҳои тамаддунофар оғоз ёфта буд, интиқод менамояд, зеро чунин арзёбӣ марҳилаҳои қаблии рушди иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои Шарқро дар аҳди Ҳахоманишиён ба инобат намегирифт. Устод таъкид менамояд, ки тамаддуни Ҳахоманишиён яке аз тамаддунҳои қадим ва рушдёфта эътироф гардида, дар ташаккули тамаддуни башарият саҳми бузург ва беназир гузоштааст [32, 108-110].

Дар таҳқиқи таърихи давлати Ҳахоманишиён саҳми олими тоҷик И.В. Пянков калон аст. Вай ҳанӯз аз солҳои 60-уми асри гузашта сар карда дар мавриди лашкаркашии Куруши Кабир ба муқобили массагетҳои саҳрогард, маълумоти сарчашмаҳои таърихии юнонӣ ва румӣ дар бораи таърихи барпоёбии абардавлати Ҳахоманишиён, вазъи Осиёи Марказӣ дар аҳди Ҳахоманишиён мутобиқи маълумоти Ктесий – муаррихи Юнони Қадим ва умуман ҷанбаҳои умумии таърихи минтақа дар аҳди бостон таҳқиқоти пурарзиш гузаронидааст [43, 183-186].

Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик, профессор Қ. Расулиён бештар аз дигарон ба омӯзиши таъриху фарҳанги аҳди Ҳахоманишиён таваҷҷуҳ намудааст. Дар таҳқиқоти худ вай бештар ба сароғози таърихи ориёиҳо, хостгоҳ ва раванди паҳнгардидану сукунат ихтиёр намудани онҳо, умумияти таърихӣ-фарҳангии мардумони ориёитабор, ки заминаи устувори ташаккул ва рушди давлати Ҳахоманишиён гардида буд, таъкид намуда, дар муттаҳид намудани қабилаҳои мухталифи ориёӣ нақши бунёдгузори абардавлати порсҳо Куруши Кабир барҷаста медонад. Устод Қ. Расулиён ба масъалаҳои муҳимми омӯзиши таърихи аҳди бостони аҷдоди халқи тоҷик таваҷҷуҳ намудааст, ки метавонанд роҳнамои муҳаққиқони ҷавон гарданд [44-53].

Муҳаққиқони дигар дар бораи вазъи минтақаҳои шарқии давлати Ҳахоманишиён, инъикоси мақому манзалати Куруши Кабир дар сарчашмаҳои таърихӣ, инъикоси таърихи аҳди бостони халқи тоҷик дар таърихнигории муосир, нақши тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон, вижагии ташкили низоми ҳуқуқӣ дар аҳди Ҳахоманишиён, вазъи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ, сангнабиштаҳои аҳди Доро ва бовариҳои мардумони ориёиасл ва ба дигар масоили мубрами таърихи аҳди қадим таваҷҷуҳ намудаанд. Дар ин робита метавон ба осори С. Бобомуллоев [108], Н.У. Ғаффорӣ [31], Н.С. Муродов [38], Ҳ. Назаров [42], Э.С. Насруддинов [171], Д. Саймиддинов [8], Ҳамза Камол [61], М. Ҳазратқулов [59] ва дигарон ёдоварӣ намуд.

Масъалаҳои таърихи Эрони бостон, пайдоиш ва аз байн рафтани давлатдориҳои қадим дар ҳудуди Шарқи Наздик ва Миёна, робитаи мутақобилаи фарҳангии мардумони Шарқ ва шаҳрҳо ва марказҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ ва саҳми мардумони минтақа дар рушди илму фарҳанг ва таърихи башарият дар осори олимону мутафаккирони бузурги форсу тоҷик ва олами ислом мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар доираи масъалаҳои дар рисола баррасишаванда маълумоти саҳеҳ ва пурарзиш дар осори Муҳаммад Ҷарири Табарӣ [18], Алӣ ибн Ҳусейни Масъудӣ [14], Аҳмади Яъқубӣ [20], Ибни Балхӣ [7], Ибни Арабӣ [6] ва дигарон дучор меояд.

Маълумоти фаровон дар бораи давлати Ҳахоманишиён, шоҳаншоҳони он, қавму мардумони дар қаламрави он сукунат дошта, расму русум ва оину анъанаҳои давлатдорӣ, фарҳанги ташрифотӣ дар дарбори шоҳаншоҳӣ ва ҷанбаҳои дигари низоми давлатдории порсҳо дар аҳди қадим, мушкилоти равобит бо давлатҳои ҳамсоя дар осори таърихию ҷуғрофиёӣ ва таърихномаҳои муаллифони Юнон ва Рими Қадим – Ҳеродот [3], Арриан [2], Диодори Ситсилиягӣ [4], Квинт Куртсий [9], Ксенофонт [10-12], Ктесий [13], Плиний [15], Плутарх [16], Эсхил [218] ва дигар муҳаққиқону таърихнигорон ва ҷуғрофиёдонҳои аҳди қадим вуҷуд дорад.

Доир ба масъалаҳои таърихи тамаддун ва давлатдориҳои Шарқи Қадим, аз ҷумла абарқудрати Ҳахоманишиён, равобити онҳо бо давлати Юнон ва халқҳои кишварҳои дигар, анъанаҳои давлатдорӣ ва расму русуми давлати порсҳои қадим, рушди тамаддун ва фарҳанги халқҳои Шарқ аз ибтидои таърих шарқшиносону муҳаққиқон ва олимони намоёни аврупоӣ таваҷҷуҳи калон доштанд.

Л. Аллен бештар ба фарҳанги оламшумул ва ёдгориҳои меъмории аҳди Ҳахоманишиён таваҷҷуҳ намуда, дар мисоли пойтахти давлати порсҳо – Тахти Ҷамшед (Персеполис) ва дидгоҳи аврупоиён ба ёдгориҳои меъмории ин давраи таърихӣ ва шарҳи матни сарчашмаҳои таърихӣ оид ба давлати Ҳахоманишиён иқдом намудааст [220-221].

Олими фаронсавӣ П. Бриан бештар ба вижагии ҳукмронии шоҳони ҳахоманишӣ, низоми ҷамъоварии андоз ва уҳдадориҳо дар аҳди Ҳахоманишиён таваҷҷуҳ намуда, доир ба таърихи давлати Ҳахоманишиён ду асар эҷод намудааст, ки аз оғози ҳукмронии Куруши Кабир то саршавии истилои мақдуниҳоро дар бар мегиранд [225-228].

Муҳаққиқи намоёни англис Мэри Бойс доир ба афкори мазҳабии Эрони бостон, таърихи ташаккул ва густариши дини зардуштӣ, ҳаёти мазҳабӣ дар замони Куруши Кабир ва дигар шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ, вазъи иҷтимоӣ ва нақши табақаҳои иҷтимоӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлати Ҳахоманишиён андешаҳои ҷолиброро баён намудааст [229-230].

Дар омӯзиш ва таблиғи таърих ва фарҳанги Эрони бостон саҳми шарқшиноси намоёни амрикоӣ Ричард Фрай хеле назаррас аст. Вай умри худро сарфи таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърих ва фарҳанги Эрону сарзаминҳои ҳамҷавор, аз ҷумла Осиёи Хурд ва Осиёи Марказӣ намуда, осори пурарзиш аз худ боқӣ мондааст, ки ба қатори шоҳкориҳои илми ҷаҳонӣ дохил шудаанд [57, с. 238].

Эроншиноси португалӣ Мариа Брозиус дар таҳқиқоти хеш бештар ба фаъолияти дарбори шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ ва ташкили умури ташрифотӣ, вазъи занон ва нақшу мақоми онҳо дар соҳаҳои мухталифи

ҳаёти империяи порсҳо таваҷҷуҳ намуда, доир ба таърихи давлати Ҳахоманишиён таҳқиқоти мукаммал анҷом додааст [231-233].

Қобили ёдоварӣ аст, ки олимони кишварҳои аврупоӣ доир ба таърихи давлатдории Ҳахоманишиён таҳқиқоти мукаммал анҷом дода, ҳамзамон ба масоили накш ва мақоми таъриху фарҳанги Эрони бостон дар таърихи ҷаҳон, ёдгориҳои оламшумули санъату меъмории аҳди Ҳахоманишиён ва дигар паҳлуҳои таърих ва фарҳанги империяи порсҳо осори илмии худро бахшидаанд, ки ба қабили гурӯҳ аз Р. Гиршман [74], В. Дюрант [76], У. Куликан [152], Масперо [162], А. Олмстед [248], А. Тойнби [95], К. Хавер [97], Р.Н. Шарп [19] ва дигаронро метавон дохил намуд.

Олимони эронӣ дар осори худ бахшида ба таърихи Эрон ва масъалаҳои умумии таърих ва фарҳанги мардумони эронитабор зимни баррасии давлатдориҳои гузашта дар бораи таърихи ташаккули давлати Ҳахоманишиён, лашкаркашиҳои шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ, бахусус истилои Лидия, Бобул, Миср ва ғ., сиёсати дохилӣ ва муносибати Ҳахоманишиён бо кишварҳои дигар, фарҳанг ва таъсири фарҳангии эрониён дар аҳди қадим маълумоти фаровони илмӣ ҷамъоварӣ ва ба самъи ҳаводорони таърихи давлатдориҳои қадим гузоштаанд, ки дар таҳияи рисола васеъ истифода гардид. Бояд таъкид намуд, ки аксари таҳқиқоти олимони эронӣ ба масъалаҳои умумии таърихи аҳди бостон, бахусус доир ба таърихи Эрони бостон бахшида шудааст.

Ҳанӯз дар ибтидои солҳои 70-ум, дар маъракаи ҷашни 2500-солагии шоҳаншоҳии Эрон Ш. Баёнӣ доир ба зиндагӣ ва корнамоиҳои бунёдгузори давлати Ҳахоманишиён – Куруши Кабир таҳқиқот анҷом дода, ба накши Куруши Кабир дар ташкил ва устувор гардонидани пояҳои абардавлати порсҳо баҳои баланд додааст. Дар асари дигари худ доир ба таърихи Эрони бостон муаллиф ба накш ва ҷойгоҳи империяи Ҳахоманишиён дар таърихи мардумони ориёитабор, Шарқ ва ҷаҳон аҳаммияти калон додааст [67-68].

Абулҳусейни Зарринкӯб – олим ва адабиётшиноси намоёни Эрон муаллифи асарҳои зиёд оид ба таърих ва фарҳанги Эрони бостон мебошад ва дар таҳияи рисола бештар аз ду асараш, яке таърихи мухтасар ва дигаре таърихи мукаммали Эрон мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст, аз ҷумла андешаҳои ӯ дар бораи таърихи ташаккул ва устувор гардидани империяи Ҳахоманишиён арзиши баланди илмӣ доранд [77-78].

Муҳаққиқони дигар М. Машкур [81], Ҳ. Пирниё [88-90], М. Ровандӣ [93], Р. Шаъбонӣ [216], Э. Яршотир [100] ва дигарон дар осори худ роҷеъ ба таърихи Эрон ба паҳлуҳои мухталифи таърихи давлати порсҳо ва унсурҳои муҳимми низоми давлатдории онҳо равшанӣ андохтаанд.

Ҳамчунин дар таҳқиқоти Н. Бахтуртош [69-70], А. Баҳманиш [71], Х. Ганҷӣ [73], К. Гулшанирод [75], Ғ. Ҷаводӣ [134], А. Сомӣ [94], Ҷ. Оштиёнӣ [87], А. Накуӣ [83-84], А. Олам ва А. Пурпошокосин [86], А.А. Толезорӣ [205] ва дигарон, ки бевосита ба таърихи ташаккул ва рушди давлати Ҳахоманишиён, сиёсати онҳо дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии замони Ҳахоманишиён бахшида шудаанд, доир ба масъалаҳои дар рисола таҳқиқшуда маълумоти муфид дастрас гардид. Доир ба ҳаёт, фаъолияти давлатсозӣ ва давлатдории бунёдгузори абардавлати Ҳахоманишиён Куруши Кабир – шахсияти намоёни Шарқи Қадим, саҳми ӯ дар пойдорсозӣ ва густариши ҳудуди давлати порсҳо олимони эронӣ – Ш. Баёнӣ [67-68], Ғ. Наводирӣ [82], А. Халилӣ [96], Ш. Шаҳбозӣ [99] ва дигарон таҳқиқоти ҷолиб гузаронидаанд.

Дар омӯзиши таърих ва лашкаркашиҳои шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ, васеъ гардидани ҳудуди сарзамини давлати порсҳо дар давраи кишваркушоиҳои Куруши Кабир ва Дорои I ва мушаххас намудани воқеаҳои таърихии замони Ҳахоманишиён саҳми муҳаққиқи намоёни таърихи Шарқи Қадим академик В.В. Струве ниҳоят калон аст. Струве дар таҳқиқоти хеш ба масъалаи вазъи хшатраҳои шарқӣ ва мубоӣризаи мардумони Бохтару Суғд ва саку массагетҳо ба муқобили сиёсати ҳахоманишиён таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда буд [199-204].

Ҷойи баҳс нест, ки дар нимаи дувуми асри XX ва замони ҳозира олими намоён, муҳаққиқи таърихи Эрони бостон М.А. Дандамаев дар омӯзиши аслу насаби сулолаи Ҳахоманишиён, ҷанбаҳои мухталифи таърихи ташаккул ва барқарор гардидани империяи Ҳахоманишиён, ҷойгоҳи давлати қадими порсҳо дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон саҳми бузург гузоштааст. Асарҳои пурарзиши М.А. Дандамаев дар таҳқиқи масъалаҳои муҳимми таърихи абардавлати Ҳахоманишиён барои чанд насл олимону муҳаққиқони таърихи Эрони бостон роҳнамои таҳқиқоти илмӣ боқӣ хоҳанд монд [124-133].

Дар даҳсолаҳои охир дар фазои пасошуравӣ дар шаҳрҳои Қазон, Минск ва ғ. чанд марказҳои илмӣ ба таҳқиқи таърихи аҳди бостони Эрон, бахусус ҷанбаҳои таърихии рушду нумуи империяи Ҳахоманишиён машғул буда, доир ба мақоми шоҳаншоҳ, нақш ва мақоми иҷтимоии аъёну ашрофи қабилаҳои порс дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён, сулолаҳои ҳокимони маҳаллӣ, вижагиҳои ташкили идораи давлат ва лашкар ва ғ. таҳқиқоти бунёдӣ анҷом доданд, ки дар ин замина таҳқиқоти В.П. Орлов [175-178], Э.В. Рунг [187-194], А.С. Сапогов [195-196] ва дигарон аҳаммияти калони илмӣ доранд.

Ниҳоят, маврид ба таъкид аст, ки доир ба масъалаҳои мухталиф ва таърихи ташаккул ва мақоми мансабдорони ҷудогона дар низоми идории давлати Ҳахоманишиён, робитаҳо бо кишварҳои ҳамсоя, вазъи иҷтимоӣ ва мақому манзалати аъёну ашрофи қабилаҳои порс ва дигар ҷанбаҳо таърихии ҳукмронии Ҳахоманишиён таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Тоҷикистон, Эрон, Русия ва дигар кишварҳо анҷом дода шудаанд, ки бештар моҳияти таърихнигорӣ ва омӯзиши афкори фарҳангӣ доштаанд ва дар таҳияи рисолаи диссертатсионии Р.Р. Вергазов [113], Г. Ҷаводӣ [134], И.Н. Медведская [164], М.В. Мельников [167], Н.С. Муродов [169], В.П. Орлов [178], И.Р. Пичикян [181], Э.В. Рунг [188], А.С. Сапогов [196] мавриди истифода қарор гирифтанд.

Таҳлил ва баррасии маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ дар бораи таърих, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва фарҳангии империяи Ҳахоманишиён, аз ҷумла марҳилаҳои асосии ташаккулёбӣ, лашкаркашиҳо ва раванди васеъшавии ҳудуди давлат, фаъолияти сохтор ва ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷанбаҳои дигари таърихи империяи Ҳахоманишиён нишон медиҳад, ки то имрӯз доир ба марҳилаҳои ташаккул, вижагиҳои низоми давлатдории Ҳахоманишиён, асосҳои ташкили ҳокимияти марказии давлатӣ ва маҳаллӣ таҳқиқоти ҷудогона ва воҳид гузаронида нашудааст. Бинобар ин, масъалаҳои таҳаввули сохти давлатдорӣ, пояҳои ҳокимияти марказӣ, нақши мақомоти идораи воҳидҳои маъмурӣ – хшатраҳо, нақши хшатраҳои шарқӣ дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён ва дигар хусусиятҳои низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён, ки ба таҳлили назариявӣ ва илмӣ-амалӣ зарурат доранд, дар рисолаи мазкур ҳадафи таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» мутобиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои солҳои 2021-2025 таҳия шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Дар рисола бар асоси таҳлил ва баррасии маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён, хусусиятҳои ташкили ниҳод ва сохторҳои марказию маҳаллӣ ва нақши хшатраҳои шарқӣ дар ҳаёти давлати Ҳахоманишиён мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Барои расидан ба мақсади асосӣ ҳалли **вазифаҳои зерин** дар назар дошта мешавад:

– асоснок намудани марҳалаҳои ташаккул ва рушди давлатдории Ҳахоманишиён аз давлати қабилаҳои порс то империяи ҷаҳонии аҳди қадим;

– муайян намудани аҳаммияти таърихӣ, нақш ва мақоми абардавлати Ҳахоманишиён дар рушди таърих ва фарҳанги ҷаҳонӣ;

– баррасӣ ва муайян намудани вижагиҳои раванди ташаккули сохторҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– муайян намудани ҳадафҳои сиёсати давлат дар сарзаминҳои тобеъ бо мақсади ташкили хшатраҳо – ниҳодҳои низоми идорӣ-давлатдорӣ дар маҳалҳо;

– таҳлил ва баррасии маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, сангнабиштаҳои аҳди Ҳахоманишиён, таърихнигорон ва ҷуғрофиёдонони юнонӣ дар бораи низоми давлатдории абарқудрати порсҳо;

– муайян намудани мақом ва нақши хшатраҳои шарқӣ – Бохтар, Суғд, Хоразм ва ғ. дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии давлати Ҳахоманишиён;

**Объекти таҳқиқоти** рисолаи диссертатсионӣ империяи Ҳахоманишиён мебошад.

**Мавзуъ (предмет)-и таҳқиқот** таърихи ташаккул, марҳилаҳои асосии таҳаввул ва рушди низоми давлатдорӣ, вижагиҳои ташкили мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, салоҳиятҳои мансабдорон ва мақомоти воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии давлати Ҳахоманишиён мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот** (доираи таърихии таҳқиқот) асосан давраи ташаккулёбӣ ва рушди давлати порсҳо аз давлати қавмӣ то империяи ҷаҳонӣ, рушду нумӯ, истиқрор ва ба маркази сиёсии аҳди қадим табдил ёфтан ва аз байн рафтани он – солҳои 550–331 то милодро дар бар мегирад. Ҳамчунин бо мақсади муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва аҳаммияти таърихии империяи Ҳахоманишиён ба давраҳои қаблӣ ва баъдии таърихӣ муроҷиат гардидааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** хулосаҳо ва дастовардҳои илмии таърихшиносон ва муҳаққиқони даврони гузашта ва замони муосир, аз

ҷумла сиёсатмадорону олимони тоҷик доир ба таърих ва тамаддуни Шарқи Қадим, давлатдориҳои аҳди қадим, ташаккул ва рушди низоми давлатдории Ҳахоманишиён ташкил медиҳанд:

– доир ба таърих ва тамаддуни Шарқи Қадим (Э. Раҳмон [21-26], Б.Ғ. Ғафуров [32, 115-117], В.В. Бартолд [105], Э. Бенвенист [107], В. Дюрант [76], А. Зарринкӯб [77-78], М.С. Иванов [139], Масперо [162], А. Тойнби [95], М. Бойс [229-230], Р. Фрай [210, 238] ва диг.);

– доир ба таърих, фарҳанг ва низоми давлатдории Ҳахоманишиён (М.А. Дандамаев [124-133], М.М. Дяконов [135-136], Ю.С. Кухарчик [153-158], В.П. Орлов [175-178], Э.В. Рунг [187-194], В.В. Струве [200-203] ва диг.);

**Асосҳои методологии таҳқиқот** бо дар назар гирифтани вижагиҳои объекти таҳқиқ муайян гардида, ба сифати усули ҳамагонии илмӣ назарияи диалектикии маърифат истифода гардид, ки имкон дод низоми давлатдориро ҳамчун сохтори мураккаби ҷамъиятӣ ва ҷузъи муҳимми низоми умумии ташкили ҳокимияти давлатӣ дониста шавад. Дар рафти таҳияи рисола аз усулҳои умумиилмӣ – таҳлил, синтез, хулосабарорӣ, таърихӣ ва усулҳои махсуси илмӣ – таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-таҳлилӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, шарҳи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ғ. истифода гардиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар илми таърихнигории муосири тоҷик бори аввал мавзуи низоми далатдории империяи Ҳахоманишиён, марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди он, вижагии ташкили ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии низоми давлатдорӣ ва дигар ҷанбаҳои таърихии ташкили ҳокимияти давлатии бузургтарин империяи аҳди қадим мавриди таҳқиқи илмии ҳамаҷониба ва баррасӣ қарор гирифта, ба таври мушаххас чунин ифода меёбад:

– марҳалаҳои ташаккул, таҳаввул ва рушди давлатдории Ҳахоманишиён аз давлати қабилаҳои порс то империяи ҷаҳонии аҳди қадим асоснок карда шудааст;

– аҳаммияти таърихӣ, нақш ва мақоми абардавлати Ҳахоманишиён дар рушди таърих ва фарҳанги ҷаҳонӣ муайян гардидааст;

– вижагиҳои раванди ташаккули сохторҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баррасӣ ва нишон дода шудаанд;

– ҳадафҳои сиёсати давлат дар сарзаминҳои тобеъ ва воҳидҳои маъмурӣ-идорӣ бо мақсади ташкили хшатраҳо – ниҳодҳои низоми давлатдорӣ дар маҳалҳо муайян гардидааст;

– маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, сангнабиштаҳои аҳди Ҳахоманишиён, таърихнигорон ва ҷуғрофиёдонони юнонӣ дар бораи низоми давлатдории абарқудрати порсҳо таҳлил ва баррасӣ гардидааст;

– мақом ва нақши хшатраҳои шарқӣ – Бохтар, Суғд, Хоразм ва ғ. дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии давлати Ҳахоманишиён мушаххас гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дастовардҳои сиёсӣ ва низомии шоҳаншоҳони Ҳахоманишиён – ташкили нахустин абардавлати аҳди қадим ба он оварда расониданд, ки таҳти ҳокимияти онҳо минтақаи васеъ – аз Миср дар ғарб то Ҳинди Шимолӣ дар шарқ ва аз соҳилҳои баҳри Эгей дар шимол то соҳили халиҷи Форс дар ҷанубро дар бар гирифта, дар ҳайати ин абардавлати ҷаҳонӣ бештар аз 70 қавму мардумони мухталиф умр ба сар мебурданд. Империяи Ҳахоманишиён аз лиҳози сохтори маъмурӣ-идорӣ беш аз 20 хшатра – воҳиди маъмурӣ-идорӣ иборат буда, аксари онҳо меъёрҳо ва низомҳои ҳуқуқӣ, анъана, расму арзишҳои мазҳабии хосси худро ҳифз намуда, дар ташкилу барқарор намудани низоми давлатдории Ҳахоманишиён саҳм гузоштанд. Ташкил ва таҳаввули давлати Ҳахоманишиён ба империяи ҷаҳонӣ бар асоси анъана ва таҷрибаи давлатдориҳои гузаштаи аҳди қадим – ошуриҳо ва модҳо оғоз ёфта, минбаъд дар истикрори империяи Ҳахоманишиён нақши расму оин, анъана ва фарҳанги қабилаҳои ориёиасл, аз ҷумла порсҳо назаррас буд, зеро маҳз бо муносибат ва фарҳанги башардӯстона, таҳаммулпазирона, созанда, ҳамраъйӣ бо мардумони ҳамҷавор ва муносибати мусолиҳаомез ба расму оин ва фарҳанги мардумони тобеи давлат, Ҳахоманишиён тавонистанд дар баробари ҳифз намудани мероси ниёгони худ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ ва

давлатӣ, ҳамзамон дастовардҳои беназири фарҳангу тамаддуни худро ба ҷаҳониён мерос гузоштанд.

2. Низоми муназзами умури давлатдории Ҳахоманишиён аз ниҳодҳои марказии ҳокимияти давлатӣ – шоҳаншоҳ ва дарбори ӯ ва сохторҳои маҳаллии ҳокимият иборат буд. Ҳокими олӣ ва мутлақ шоҳаншоҳ буда, мансаби олии давлатӣ танҳо дар ихтиёри сулолаи Ҳахоманишиёни қабилаи порс буд. Мансаби шоҳаншоҳӣ меросӣ буда, шоҳаншоҳ ҳокимияти номаҳдуд дошт. Дар низоми давлатдорӣ, маъмурияти марказӣ ва дарбори шоҳаншоҳӣ – ҳазорпат волотарин мансабдори давлатӣ баъд аз шоҳаншоҳ маҳсуб ёфта, масъулияти назорат аз болои фаъолияти мансабдорони давлатӣ, таъмини амнияти шоҳаншоҳ ва дарбор, риояи бечунучарои расму қоидаҳои ташрифоти расмӣ ва барқарор намудани робита бо кишварҳои хориҷиро иҷро менамуд.

3. Дар давлати Ҳахоманишиён ҳокимон ва мансабдорони воҳидҳои маъмурӣ – хшатра (xsaθra,«خْشَثْرَ»)-ҳо унсури муҳимми низоми идораи давлат, татбиқу амалӣ намудани ҳадафҳои ҳокимияти шоҳаншоҳӣ дар маҳалҳо маҳсуб меёфтанд. Мансабдори асосии хшатраҳо – хшатапаван (xšaçapāvan, «нигаҳбони давлат») буд, ки маъмулан аз намояндагони сулолаи ҳукмрон таъйин мегардид. Дар баробари ҷамъоварии андозу пардохтҳо, хшатапаванҳо салоҳиятҳои муҳимми дигар – ҳалли масъалаҳои баҳсӣ дар маҳкама, дар ҳудуди воҳиди маъмурӣ амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқи зарб задани сиккаро доштанд. Аз ҷумлаи салоҳиятҳои низомии хшатравапан ташкили сафарбаркунии аскар ба лашкари шоҳ буд. Маъмурияти хшатраҳо сохтори дарбори шоҳро нусхабардорӣ намуда, хшатраҳо ба воҳидҳои хурдтари маъмурӣ-идорӣ тақсим мешуданд. Мансабдори дигар девондори шоҳаншоҳ буд, ки вазифаи ӯ иҷрои ваколатҳои идорӣ – ташкил ва ба расмият даровардани умури давлатдориву коргузорӣ, назорати ворид гардидани амру фармонҳои шоҳаншоҳ ва иҷрои онҳо ва ба ҳокимияти марказӣ ирсол намудани асноди

расмӣ буда, ҳамзамон дар бораи фаъолияти хшатравапан, сипаҳсолор ва муқаррабони онҳо ба шоҳаншоҳ маълумот медод.

4. Ташкилёбии абарқудрат (империя)-и Ҳахоманишиёнро намунаи олӣ ва нуқтаи баланди раванди ҳамгироии фарҳанги қавму мардумони Шарқи Қадим мебошад. Дар ҳайати империяи Ҳахоманишиён муттаҳид гардидани қавму халқҳои мухталиф, аз ҷумла мардумони хшатраҳои шарқӣ – Бохтар, Суғд, Хоразм ва ғайра, ки дар зинаҳои гуногун рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ қарор доштанд, дар вусъат ёфтани робитаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, рушди ниҳодҳои сиёсӣ ва табодули арзишҳои фарҳангӣ дар дохили давлат ва дар арсаи ҷаҳонӣ таъсири калон расонд.

5. Таҷрибаи таърихии низоми давлатдории Ҳахоманишиён дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихи мардумони Шарқ ва инсоният – дар замони ҳукмронии Мақдуниҳо, Селевкиҳо, Ашкониён, Сосониён ва дигар давлатдориҳои минтақа ва ҷаҳон эҷодкорона истифода гардида, аксари ҳокимони ин давлатҳо худро бо ифтихор меросбарони ин давлати бузург медонистанд. Дар вазъи кунунӣ истифодаи таҷрибаи таърихӣ метавонад барои ҳимояи манфиатҳо ва муайян намудани афзалиятҳои давлатӣ, самтҳо ва мақсадҳои сиёсати хориҷӣ, устувор гардидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар арсаи ҷаҳон мусоидат намояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳо, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои омӯзиши таърих ва фарҳанги давраи Ҳахоманишиён, сохтор ва ташкили умури давлатдорӣ, ташкили ҳокимияти давлатӣ дар сарзаминҳои тобеъ, вазъи хшатраҳои шарқӣ, ҳаёти иқтисодӣ ва робитаи Ҳахоманишиён бо кишвару мардумони ҳамсоя ва дигар масъалаҳо муфид хоҳанд буд. Маводи диссертатсия барои таҳияи корҳои илмӣ доир ба таърихи халқи тоҷик, Эрон ва кишварҳои ҳамҷавор метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки маводи илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсионӣ барои муколамаи байнидавлатӣ, рушди

фарҳанги таҳаммулгароӣ байни мардумони кишварҳои Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва кишварҳои дигари Шарқи Миёна, дар раванди ташкили таълим дар макотиби олӣ аз рӯйи ихтисосҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи кишварҳои Шарқ», «Таърихи умумӣ», «Таърихи фарҳанг» ва ғ. истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои ба даст омадаи рисолаи диссертатсионӣ дар заминаи таҳлили маълумоти дақиқ ва саҳеҳу боэътимоди сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқоти илмии ходимони намоёни давлатӣ, олимон ва муҳаққиқони намоёни ватанӣ ва хориҷӣ доир ба мавзуи рисола асос ёфта, мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқотӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ ба нашр расидаанд ва хулосаву пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати идомаи таҳқиқот доир ба мавзуи рисолаи диссертатсионӣ асоси эътимоди илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ доранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ, таҳияи рисолаи диссертатсионӣ ва пешниҳодҳо барои омӯзиш ва таҳқиқи минбаъдаи масоили умур ва низоми империяи Ҳахоманишиён маҳсули чандсолаи фаъолияти илмии муаллифи рисола мебошад. Ҳама марҳилаҳои таҳқиқотро муаллиф анҷом дода, натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рисолаи диссертатсионӣ ироа гардидаро муаллиф мустақилона иҷро намудааст.

**Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот** аз давраи ба вуҷуд омадани заминаҳо, ташаккул ва рушди давлати қабилаҳои порс ва таҳаввули он ба империяи ҷаҳонии Ҳахоманишиён – миёнаҳои асри VII то милод оғоз

гардида, то соли 331 то милод – давраи аз байн рафтани давлати Ҳахоманишиён ва оғози истилои юнону мақдуниҳоро дар бар мегирад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардидааст. Доир ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ гузориш карда шуда, маводи онҳо ба табъ расидаанд: конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров (14.11.2023, ш. Хуҷанд); конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров (16.12. 2023, ш. Бохтар); конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 1020-солагии мутафаккири бузург Носири Хусрав (25-26.10.2024, ш. Бохтар) ва ғ.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи рисола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми бештар аз 6 ҷузъи чопӣ ва 4 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ ба чоп расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб ва 6 зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти илмии истифодашуда (257 номгӯй) иборат буда, дар ҳаҷми 183 саҳифаи чопи компютерии А4 омода шудааст.

# БОБИ I. МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ ҲАХОМАНИШИЁН

## 1.1. Империяи Ҳахоманишиён – аввалин империяи ҷаҳонии аҳди қадим

Таърихи империяи Ҳахоманишиён, ки дар тули бештар аз ду қарн вуҷуд дошт, дар баробари таърихи ниёгони мо – мардуми ориёиасл, ҳамзамон таърихи кишвару халқҳои минтақаи васеъ аз Мисру Ҳабашистон дар ғарб ва шимолу ғарби Ҳинд дар шарқ маҳсуб меёбад. Дар аҳди Ҳахоманишиён ниҳодҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳамчунин арзишҳои фарҳангӣ ташаккул ва рушд намуданд, ки дар таърих ва тамаддуни ҷаҳон нақши муҳим бозиданд. Маҳз нақши муайянкунандаи низоми давлатдории Ҳахоманишиён – аввалин империяи ҷаҳонии аҳди қадим дар таърихи ҷаҳон боиси он гардида аст, ки доираҳои илмӣ ва муҳити фарҳангии халқҳои ҷаҳон аз аҳди қадим то давраи муосир ба таърих ва фарҳанги он таваҷҷуҳи хос зоҳир менамуданд.

Академик Б. Ғафуров қайд менамояд, ки: «Дар замони Ҳахоманишиён дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат тағйироти муҳим – рушди муносибатҳои кишоварзӣ, боло рафтани аҳаммияти меҳнати ғуломон ва вусъат ёфтани тиҷорат ба амал омад» [32, с. 95]. Давлат бо мақсади ба вуҷуд овардани низоми ягонаи пулӣ ва риояи тартиби пардохти андозҳои давлатӣ, дар мадди аввал имкониятҳои иқтисодии воҳидҳои идорӣ-маъмуриро ба назар мегирифт ва барои танзими умури идораи давлат забон ва хати расмӣ – забони оромиро ҷорӣ намуда буд. Тавре маълум аст: «Қонунгузории ягонаи умумидавлатӣ кор карда баромада, дар қаламрави тамоми салтанати Ҳахоманишиҳо ҷорӣ карда» шуда бошад ҳам, «дар айни замон қонунҳои пешинаи халқҳои гуногун қувваи худро нигоҳ медоштанд» [32, с. 95].

Барои дарки пурраи миқёс ва ҳаҷми равандҳои дар аҳди давлатдории Ҳахоманишиён ба амал омада, метавон ба таҳқиқотҳои муосир дар мавриди усулҳои баррасии таърихи империяҳои гузашта муроҷиат намоем.

Олими рус Н.И. Грачев дар таҳлили ин масъала шаш нишонаи империяро ҷудо намудааст: «*якум*, империя давлатест, ки бо дигар шаклҳои давлат умумият дошта, ҳамаи унсурҳо ва нишонаҳои онҳоро фаро мегирад (аз нигоҳи берунӣ ҳудуди худро дорад ва аз лиҳози дохилӣ – ҳокимият, дастгоҳи давлатӣ, низоми ҳуқуқӣ, хазина ва сохтори минтақавӣ); *дувум*, дар тафовут аз дигар давлатҳо, ки шакли мавҷудияти миллату халқҳои алоҳида мебошанд, империя ҳамчун шакли давлатӣ-ҳудудии тамаддунҳои муайян, падидаи томи таърихӣ ва намунаи хосси таърихӣ-фарҳангӣ зуҳур менамояд; *сеюм*; империя давлати миқёсан бузург мебошад, ки бузургии миқёси давлат (ҳудуди он) ҷузъи унсури идея ва амали ташкили империя буда, ғояи муқаддаси абарқудрати ҷаҳонӣ ҳамчун ҷанбаи асотирии он ифода меёбад; *чорум*; ҳудуди империя аз лиҳози вижагии этникӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ гуногунтаркиб буда, ҷузъҳои сохтори он аз лиҳози сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва мақоми расмӣ дар зинаҳои мухталиф қарор доранд; *панҷум*, пойтахти империя, ки соҳибихтиёрии он дар ниҳодҳои сиёсии он таҷассум ёфтааст, мақоми хосси маъмурӣ дорад, ки татбиқи ҳокимият ва ташкили идоракунии империяро таъмин менамояд; *шашум*, империя маъмулан давлати идеократӣ (ҳатто теократӣ) мебошад, ки низоми ба худ хосси арзишҳо ва эътиқодотро дорад» [121, с. 21-24].

Аксари империяҳои аҳди қадим, аз ҷумла империяи Ҳахоманишиён дорои ин нишонаҳо буда, аз ин лиҳоз аз давлатдориҳо ва иттиҳоди қабилаҳои Шарқи Қадим тафовут доштанд. Масалан, агар дар давлатҳои Мисри Қадим, Модҳо ва Бобул низоми мураккаби давлатдорӣ вуҷуд дошта, ҳокимияти марказӣ бо сарварии ҳоким ба он такя мекард, пас дар шаҳр-давлатҳои юнонии Осиёи Хурд ниҳодҳои демократии идораи давлат амал мекарданд, вале дар давлатҳои Бохтар ва Суғди қадим бошад, ҳанӯз ҳам муносибатҳои патриархалӣ-авлодӣ ҳукмрон буданд. Умумият ва тафовут бо дигар давлатдориҳои аҳди қадим ва вижагиҳои рушди таърихӣ, ба назари мо, дар ташкили давлат, сохтори дохилӣ, фаъолияти воҳидҳои

маъмурӣ ва ба амал баровардани сиёсати берунаи империяи Ҳахоманишиён таъсири калон доштанд.

Хушбахтона, бояд таъкид намуд, ки на танҳо дар Тоҷикистону дигар кишварҳои Шарқ, балки дар кишварҳои аврупоӣ аз замони қадим то имрӯз таваҷҷуҳ ба масоили таърих ва фарҳанги империяи Ҳахоманишиён калон буда, маълумоти зиёд ҳанӯз дар осори муаррихони Юнон ва Рими қадим мавҷуд буд. Доир ба ин мавзуъ маълумоти зиёд дар осори Арриан, Геланник, Ҳеродот, Ктесий, Динон, Диодори Ситсилиягӣ, Троги Помпеӣ, Николаи Димишқӣ, Ксенофонт ва дигарон пайдо мешавад, вале маълумоти Ҳеродот ва Ксенофонт бештару саҳеҳтар ва мукаммал мебошанд. Дар Рими аҳди қадим [163, с. 199-206] ва асрҳои баъдӣ [220, с. 313-342] таваҷҷуҳ ба давлати Ҳахоманишиён зиёд буда, ҷанбаҳои мухталифи таъриху фарҳанги он дар адабиёт ва осори санъат инъикос меёбад [239, с. 266]. Ҳатто дар фарҳанги оммавии муосир симои шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дар филмҳои ширкатҳои синамоӣ воқеъ дар Ҳолливуди Амрико, ки ба ҷангҳои байни порсҳо ва юнониён бахшида шудаанд, равшан инъикос ёфтааст [241, с. 383-404].

Бори аввал номи қабилаҳои порс дар осори хаттии ошурии асри IX пеш аз милод зикр ёфта, баъдтар онҳо дар охири асри VIII пеш аз милод дар минтақаи Парсумаш давлати худро ташкил доданд. Ба ақидаи М.А. Дандамаев эҳтимол дар он замон порсҳо иттиҳоди қабилавӣ ташкил дода буданд, ки сулолаи Ҳахоманишиён пешвои он буда, ба онҳо роҳбарӣ менамуданд [125, с. 94].

Ташкили давлати пуриқтидор ва сипас империяи бузурги аҳди қадими қабилаҳои порс, ки онҳоро Ҳеродот «соҳибони Осиё» меномад [3, с. 76], дар ибтидои қарни V натиҷаи лашкаркашиҳои васеи шоҳони нахустини Ҳахоманишиён – Куруши Кабир (ҳукмронӣ солҳои 558-530 пеш аз милод), Камбуҷӣ (ҳукмронӣ солҳои 530-522 пеш аз милод) ва Дорои I (ҳукмронӣ солҳои 522-486 пеш аз милод) буд. Ба ибораи Р.В. Кинжалов ва В.Г. Луконин бунёди давлати қадимаи порсҳо чунин буд, ки «таърихи он ношӣ

аз набарду пирӯзӣ ва мағлубияту комёбиҳо буда, аз худ барои тамаддуни башар ёдгориҳои беназири фарҳангӣ, шабакаҳои бузурги обёрӣ ва «шоҳроҳҳо»-и машҳурро боқӣ гузошт» [148, с. 3-4].

Дар бораи вусъати империяи беканори Ҳахоманишиён Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон навишта аст: «Куруши Кабир ба нахустин империяи мутамаддини ориёӣ бунёд гузоштааст, ки то замони лашкаркашию кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт. Империяи таъсисдодаи ӯ мутобиқи маълумоти катибаҳои Дорои Бузург ва муаррихони Юнони қадим чандин давлатҳои ҷаҳони куҳан – Порсу Мод, Бобулу Ошур, Мисру Финиқия, Лидияву Урарту, Парфияву Гиркания, Бохтару Суғд ва ғайраро дар қаламрави 22 вилоят муттаҳид намуда, дар ҳудуди се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва Африқо доман густурда будааст» [23, с. 27].

Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ барқарор гардидани ҳокимияти Ҳахоманишиён бо сарварии Куруши Кабир дар Эрони Шарқӣ эҳтимол меравад пас аз забти Бобул ба амал омада, Бохтар ва сарзамини сакоиҳоро тасхир намуда буд. М.А. Дандамаев ин ақидаро зери шубҳа мегузорад [128, с. 27], вале ҷойи баҳс нест, ки сарзаминҳои шарқӣ то салтанати Дорои I ба ҳайати ин давлати пуриқтидор дохил гардида буданд. Далели он маълумоти катибаи Беҳисутун аст, ки мутобиқи он дар қатори мулкҳои фатҳгардида Марғиён, Бохтар ва Хоразм, сарзаминҳои дигари Осиёи Марказӣ, Гандҳара ва Саттагидия дар шарқи Ҳинд номбар гардидаанд. Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз дар давраи зиндагии Куруши Кабир ҳукмронии Ҳахоманишиён дар ҳудуди шимолу ғарби Ҳинд, ҷануби Ҳиндукӯш ва ҳавзаи дарёи Сир (юнонӣ –Ἰαξάρτης, Яксáртес) бо талафоти кам таъмин гардида буд.

Дар бораи лашкаркашӣ ва футуҳоти Ҳахоманишиён дар сарзаминҳои шарқӣ маълумот дода, Плиний дар бораи тахриб гардидани шаҳри Каписа (Каписо) аз тарафи лашкари Куруши Кабир хабар медиҳад [15, с. 92]. Ин шаҳр дар шимолтари Кобули имрӯза воқеъ буд [224, с. 20]. Арриан дар

бораи ҳамлаи Куруш «ба сарзамини индҳо» (эҳтимол Гандҳара дар назар бошад) ва талафоти бузурги лашкари Ҳахоманишиён маълумот медиҳад [2, с. 3]. Муаррихи румӣ Диодори Ситсилиягӣ бошад дар бораи қабилаи ариаспҳои маскун дар марзҳои ҷанубии Дрангиана (Систони имрӯза) хабар дода, менависад, ки онҳо лашкари Куруши Кабирро бо озуқа таъмин намуда, аз пардохти андоз ба хазинаи давлати Ҳахоманишиён озод гардида буданд [5, 64].

Ба давлати Ҳахоманишиён ҳамроҳ гардидани сарзаминҳои дар гузашта ба ҳайати давлатҳои қаблӣ дохил буда, барои таҳкими пойгоҳи давлати муттамарказ ва ҳамзамон барои рушди ҳамаҷонибаи ин сарзаминҳо мусоидат намуд. Паёмади ташкили империя ва ҳукмронии Ҳахоманишиён рушди беназири равандҳои наздикшавӣ ва муттаҳид гардидани фарҳанг ва боварҳои мазҳабии қавму қабила ва халқҳои мухталиф буд. Ба ин вусъат гирифтани робита байни минтақаҳои гуногун мусоидат намуданд, ки дар давлатдориҳои қаблӣ ва замонҳои гузашта собиқа надоштанд. Ташкили пойгоҳҳои низомӣ ва ба мансабҳои давлатӣ дар минтақаҳо таъйин намудани намояндагони қавмҳои дигар, сафарбар ва истифода намудани косибони ҳама гӯшаву канори кишвар дар корҳои сохтмонӣ ва коргоҳҳои давлатӣ ба ташаккули фазои ягонаи иҷтимоӣ-сиёсӣ мусоидат намуд. Дар натиҷа дар аксари шаҳру маҳалҳо аҳолӣ омехта гардида, якҷоя бо порсҳо оромиҳо, иломиҳо, бобулиён, лидиягиҳо, юнониҳо, мисриён, аъроб, яҳудиҳо, ҳиндувон, сакоиҳо ва ақвоми бешумори дигар сукунат доштанд [125, с. 101].

Дар ташкили идораи давлат нисбат ба ҳокимони Мод, Миср, Ошур ва Бобул Ҳахоманишиён дастовардҳои бештар дошта, пас аз истилои ин сарзаминҳо ҳукмронии худро дар шакли иттиҳод бо мардуми бумӣ амалӣ намуда, мутобиқ ба расму ойин ва анъанаҳою арзишҳои мазҳабии онҳо маросими тоҷгузориро барпо ва аз солшумориҳо ва усулҳои идораи давлатии онҳо истифода менамуданд. Ҳахоманишиён сайъ доштанд «дар сарзаминҳои ишғолнамуда барои рушди кишоварзӣ, косибӣ ва тиҷорат

шароити мусоид фароҳам биёранд. Куруши Кабир ва Камбуҷӣ бошад низоми идории сарзаминҳоро ҳифз намуда, аз лиҳози идорӣ минтақаҳо ва халқҳои истилогардида худмухтор буданд» [142, с. 76].

Таҳқиқоти муосир собит намудаанд, ки дар асрҳои VIII-VI пеш аз милод дар минтақаи васеъ байни Юнон ва Чини Қадим, аз Ҳинд дар шарқ ва соҳилҳои Бахри Сиёҳ дар ғарб мардуми порсзабон сукунат намуда, решаҳои муштараки ориёӣ дошта, робитаҳои фарҳангӣ ва қавмии худро устувор ҳифз намуда буданд. В.М. Мешков ба хулоса омадааст, ки бинобар ҳамин омил – нақши муттаҳидкунандаи порсҳо дар ҳаёти сиёсӣ-низомии империяи Ҳахоманишиён, «фарҳанг, расму одат ва арзишҳои динии онҳо бистари маънавии империяро ташкил дода, ба қавму халқиятҳои истилошуда маҷбурӣ таҳмил намешуданд» [168, с. 111]. Ба ақидаи муҳаққиқи мазкур империяи порсҳо дар қиёс бо давлатҳои дигари он давра аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ-маънавӣ давлати рушдёфта, сарватманд ва пешрафта маҳсуб меёфт.

Ба андешаи олими рус М.Н. Крюк ғояи ҳукмронии ҷаҳон дар Шарқи Қадим яке аз ғояҳои васеъ паҳнгардида буд. Шуури ҷамъиятӣ аз тарафи ашхоси беназир (ба истилоҳи имрӯза харизматикӣ) ташаккул меёфт, ки масири рушди онро муайян менамуданд ва танҳо шоҳ метавонист чунин хислатро доро бошад. Дар сарчашмаҳои то имрӯз расида, хислатҳои нотакрори шоҳ – хирад, фаъолияти ҳадафмандона, эътибору обрӯйи бемисл дар байни омма ва ғ. таъкид гардида аст. Мардуми одӣ, одатан ба шоҳи худ ба мисли худоён саҷда намуда, ҳеҷ кас ҷуръати мухолифат карданро надошт, зеро шуури ҷамъиятии мардуми Шарқ тахти таъсири ғояи сифоти илоҳӣ доштани шоҳ ташаккул ёфта буд. Маҳз барои ҳамин ҳокимони кишварҳои аҳди қадими Шарқ мақсади ҳукмрони ҷаҳон гаштанро дошта, аксари ҳокимони кишварҳо барои «барпо намудани империяҳои ҷаҳонӣ талош менамуданд» [150, с. 8].

Ғоя (таълимот)-и расмӣ – маҷмуи ақида, андеша ва ғояҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ дар аҳди Ҳахоманишиён тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва

давлатӣ – асосҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ, мақоми сулолаи ҳукмрон ва намояндагони он дар ташкили идоракунии давлат, сиёсати давлат дар мавриди танзим намудани соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ, танзими меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тобеини давлат, ба амал баровардани сиёсати хориҷӣ, муносибат бо сарзаминҳои истилогардида ва кишварҳои ҳамсоя ва дигар ҷанбаҳои ташкили ҳаёти иҷтимоӣ ва низоми идоракунии давлатиро дар бар гирифта, дар истиқрори низоми идораи давлат ва таъмини суботи иҷтимоӣ нақши калидӣ доштанд. Ин таълимоти ҷомеаи эронӣ марҳалаи тулонии рушду таҳаввулро сипарӣ намуда, дар давоми беш аз 200 сол талаботи давлат ва ҷомеаро қонеъ менамуд.

Қаблан ёдовар гардида буд, ки анъанаҳои ташкили низоми давлатдории Ҳахоманишиён ҳанӯз аз давраҳои қадимтари таърихӣ – аз давраи ташаккул ва рушди давлатдориҳои гузаштаи Шарқи Қадим, бахусус давлати Элому Мод ба мерос монда буданд ва дар барпо гардидани давлати қабилаҳои порс дар мулки Аншан ва Парсуа ва баъдтар зимни истиқрори империяи ҷаҳонии Ҳахоманишиён аҳаммияти бештар пайдо намуданд.

Ғояи таълимоти расмии доираҳои ҳукмрони давлати Ҳахоманишиён ҳанӯз аз солҳои аввали мавҷудияти давлат ташаккул ёфт ва дар муайян намудани унсурҳои сиёсӣ ва низомии он саҳми бунёдгузори империяи ҷаҳонии порсҳо – Куруши Кабир калон буд. Давлати ташкилдодаи Куруш албатта аз арзишу тафаккури қабилавии порсҳо озод набуд, андешаҳои порсҳо нисбат ба ташкил ва сохтори ниҳодҳои иҷтимоӣ, қабл аз ҳама давлат, бар пояи таълимоти дини зардуштӣ ташаккул ёфта буданд. Яке аз унсурҳои расмии ғояи ташкили ҳаёти иҷтимоӣ, ки ҳанӯз аз аҳди давлатдориҳои Элому Модҳо боқӣ монда буд, тасаввурот дар мавриди қаробати шоҳ бо мардуми кишвар буд. Маҳз аз ҳамин сабаб дар таълимоти расмӣ шоҳони ҳахоманишӣ ҳамчун «падари халқ», ғамхори пешрафту тараққӣ ва таъмингари беҳбудии онҳо муаррифӣ мегардиданд. Ҳеродот дар

бораи тасаввуроти порсҳо дар мавриди шоҳонашон сухан гуфта, таъкид менамояд, ки порсҳо Курушро ҳамчун шахси ғамхору меҳрубон ва фароҳамсозандаи ҳама неъматҳо медонистанд [3, с. 167]. Ҳеродот таъкид менамояд, ки аъзои ҷомеаи порсҳо аз лиҳози сиёсӣ раияти «шоҳи бузург» буданд ва раияти сарзаминҳои тобеи империя ҳамзамон раияти шоҳони маҳаллӣ низ буданд [3, с. 85].

Унсури муҳимми ғояи давлати порсҳо муайян намудани ҳудуди кишвар ва инъикоси он дар унвони расмии сардори давлат буд. Дар «Устувонаи Куруш» Куруши Кабир бар пояи анъанаҳои гузаштагонаш худро «шоҳи олам, шоҳи Бобул, шоҳи Шумеру Аккад, шоҳи чор самти олам», дар тафовут аз аҷдоди сулолаи Ҳахоманишиён, ки шоҳони бузург ва шоҳи мулки Аншан буданд, эълон намуда буд. Минбаъд унвони «шоҳи бузург» ба сифати ҷузъи таркибии унвонҳои фахрӣ ва расмии давлатдорони Ҳахоманишиён дониста шуда буд.

Дар сангнабиштаҳои аҳди Ҳахоманишиён ишора ба замин (būmi-) ҳамчун ҷузъи муҳимми ғояи ҳукмронии ҷаҳон дучор меояд. Чунин дарки ҳудуди ҳокимият аз тарафи шоҳони ҳахоманишӣ реша аз матнҳои муқаддаси дини зардуштӣ, аз ҷумла «Авесто» мегирад, ки дар он Аҳурамаздо «холиқи замин» – *Ahuramazdā haya imam būmīm adā* дониста мешавад. Дар аксари матнҳои ин аҳд шоҳи порсҳо унвони «шоҳи кишварҳо» омада, номи кишвару мардумон зикр намегардад ва мақоми шоҳ моҳияти хулосавӣ ва умумӣ дорад ва аз ҳокимияти номаҳдуди шоҳони ҳахоманишӣ далолат менамояд [192, с. 133].

Дар аҳди қадим, дар ташкили идораи давлат ва танзими ҳаёти ҷамъият нақши боварихои мардум ва эътиқоди мазҳабӣ калон мебозид. Ба таҳлили амиқи ғояҳои дини зардуштӣ ва нақши онҳо дар муттаҳид сохтани мардумони ориёитабор напардохта, зарур медонем ба таври мухтасар дар бораи ҷойгоҳ ва нақши дини зардуштӣ дар ҳаёти қабилаҳои порс дар арафаи ташкилёбӣ ва замони мавҷудияти империяи Ҳахоманишиён чанд матлабро ёдовар шавем.

Қаблан зарур медонем таъкид намоем, ки доир ба масъалаи вуҷуд доштани таълимоти воҳиду ягонаи динӣ, ҷойгоҳ ва нақши дини зардуштӣ, мақоми расмӣ гирифтани он дар аҳди Ҳахоманишиён ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти динӣ дар ин давра дар байни олимону муҳаққиқон баҳс идома дошта, дар ин маврид андешаҳои мухталифи якдигарро истиснокунанда пешниҳод гардидаанд. Ба ин нигоҳ накарда, масъалаи ҷойгоҳ ва нақши боварҳо ва арзишҳои дини зардуштӣ дар аҳди империяи қадимаи порсҳо аҳаммияти калони илмӣ дорад ва онро сарфи назар намудан, ғайриимкон аст.

Ба ақидаи аксари муҳаққиқон дини зардуштӣ, аз ҷумла муҳаққиқи ҳаёти динӣ дар аҳди Ҳахоманишиён М. Мелников, дар Форс дар асрҳои VI-V то милод, аниқтараш дар замони ҳукмронии Дорои Бузург густариш ёфта буд. Шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ аҳаммияти боварихои динӣ, аз ҷумла таълимоти Зардуштро дар ҳаёти ҷомеа ва давлати муттамарказ дарк менамуданд, вале ҳамзамон аз парастиши худоёни қадими худ даст намекашиданд, ки таҷҷасумгари таъсири қуввахои фавқултабиӣ дар ҳаёти қабилаҳои порс буданд. Ба назари таърихшиносони аҳди қадими Эрон дар давраи мавҷудияти давлати Ҳахоманишиён ҳанӯз меъёр ва муқаррароти собитгардидаи дини зардуштӣ ташаккул наёфта буданд ва аз ҳамин сабаб равия ва ҷараёнҳои мухталияи он дар байни мардум паҳн гашта буданд [127, с. 4].

Маҳз ташаккул наёфтани меъёрҳои муайяни мазҳабӣ дар давраҳои ташаккулёбӣ ва устувор гардидани ҳокимияти шоҳони ҳахоманишӣ сабабгори таҳаммулпазирии шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дар муносибат бо дигар боварҳои динӣ будааст. Масалан, Куруши Кабир барқарор намудани ибодатгоҳҳои қадимаро дастгирӣ намуда, пас аз фатҳи Бобул, Элом ва Иерусалим барои барқарор намудани маъбадҳои худоёни бобулиро дастур дода буд. Илова аз ин баъд аз фатҳи Бобул Куруши Кабир мутобиқ ба анъанаҳои мазҳабии бобулиён ба худои онҳо Мардук қурбонӣ намуда, худоёни муттаадади онҳоро парастиш намуд [133, с. 310].

Камбуҷӣ ҳам пас аз фатҳи Миср мутобиқ ба анъанаҳои мазҳабии мисриёни қадим маросими тоҷгузорӣ доир намуда, ҳангоми гузаронидани маросимҳои динӣ дар маъбади олиҳа Найт дар шаҳри Саис шахсан ширкат ва ба поси хотири худоёни мисрӣ қурбонӣ менамуд. Ба ҳамин минвол, Дорои Бузург пас аз расидан ба Миср худро писари олиҳа Найз хонда, ба ифтихори маъбуди мисриён Амон ва дигар худоён маъбад бунёд намуда, тухфаҳои гаронарзиш подоши маъбади онҳо мекард. Дар дигар сарзаминҳои истилогардида, масалан, дар Иерушалим шоҳаншоҳон ва ҳокимони онҳо худо Яҳворо мепарастиданд, дар шаҳрҳои Осиёи Хурд бошад ба худоёну олиҳаҳои сершумори юнонӣ эҳтиром мегузоштанд.

Олими тоҷик Н. Хоҷаева вижагии ҳаёти мазҳабӣ дар замони Ҳахоманишиёнро баррасӣ намуда, ба хулоса меояд, ки «... Ҳахоманишиён пайрави содиқи дини зардуштӣ набуданд... Дини зардуштӣ дини расмии империяи Ҳахоманишиён набуд. Дуруст аст, ки унсурҳои муайяни дини зардуштӣ ва боварҳои қадима ҳукмрон буданд, вале аксари шоҳони ҳахоманишӣ пайрави мазҳабҳои гуногун (политеист) буданд» [213, с. 28]. Ин ақидаи худро Н. Хоҷаева бо ин исбот месозад, ки дар аҳди қадим таълимоти мазҳабӣ ва муассисаҳои он дар болои зербинои ҳаёти моддии ҷомеа – ниҳодҳои иқтисодии он бунёд меёфтанд ва дар раванди рушду густариш ва таҳаввули бунёди иқтисодии ҷомеа таълимоти мазҳабӣ низ таҳаввул меёфтанд. Илова ба ин ҳангоми баррасии марҳилаҳои ибтидоии рушди таърихи инсоният бояд байни боварҳои мазҳабӣ ва дин тафовут гузошт. Ба назари мо муҳаққиқ бар он бовар аст, ки дар империяи Ҳахоманишиён боварҳои мазҳабӣ, аз ҷумла таълимоти дини зардуштӣ, ҳанӯз ҳамчун дин ва таълимоти ягонаи динӣ ташаккул наёфта буданд.

Қаблан таъкид гардид, ки дар амалӣ намудани сиёсати лашкаркашӣ ва истилои сарзаминҳои мухталиф, аз ҷумла Бобул Куруши Кабир аз муносибати таҳаммулпазиронаи худ ба маъбудони маҳаллӣ ёдоварӣ менамуд. Масалан, дар мавриди муносибат бо худои қадимаи бобулиён дар Устувонаи Куруши Кабир таъкид гардидааст: «Мардук – худои Бобул

дилҳои наҷиби мардуми Бобулро мутаваҷҷеҳи ман кард, зеро ман ӯро муҳтарам ва гиромӣ доштам... Фармон додам, ки ҳама мардум дар парастиши худои худ озод бошанд ва бединонро наёзоранд... Худои бузург аз ман хурсанд шуд ва ба ман, ки Куруш ҳастам ва ба писарам Камбучия ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракати худро нозил кард...». Ҳамзамон набояд фаромӯш намуд, ки дар марҳилаи васеъ гардидани ҳудуди давлатдории Ҳахоманишиён ва барқарор намудани ҳокимияти шоҳони ҳахоманишӣ дар сарзамину мулкҳои истилогардида чунин муносибат ва зоҳир намудани эҳтиром нисбат ба боварҳои мазҳабии мардумони ин сарзаминҳо метавонист барои устувор гардидани суботи иҷтимоӣ ва амният дар давлат мусоидат намояд.

Дорои I ҳам дар мустаҳкам намудани пояҳои ҳокимияти худ аз боварҳои динӣ истифода намуда, дар катибаи Беҳистун дар мавриди бо амру хоҳиши Аҳурамаздо ба тахту тоҷи шоҳӣ соҳиб гаштану аз тарафи Аҳурамзадо дар ҳалли масоили идораи давлат ҳидоят шуданаш борҳо таъкид намудааст: «Бо хоҳиши Аҳурамаздо ман шоҳам», «Аҳурамаздо шоҳиро ба ман фармуд», «бо хоҳиши Аҳурамаздо ман шоҳ шудам», «Аҳурамаздо ба ман ёрӣ дод», «бо хоҳиши Аҳурамаздо душманонро мағлуб намудам», «ман Аҳурамаздоро парастиш мекардам» ва ғ. [8, с. 86-93]. Муроҷиат ба Аҳурамаздо ва ҳузури руҳи худовандӣ дар тамоми умури давлатдории порсҳо ва амали шоҳони ҳахоманишӣ дар сарчашмаҳои ба ин давра тааллуқдошта мушоҳида мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди вижагии ҳаёти мазҳабӣ дар аҳди Ҳахоманишиён сухан ронда, моҳияти дугона (дуалистӣ) – «... парастиши худои хайру нур Аҳуромаздо ва худои шарру зулмат Аҳриман» доштани онро таъкид менамояд. Сардори давлати тоҷикон бар он ақида аст, ки баъди зуҳури Зардушт ва паҳн гардидани оини ӯ умумияти тамаддуни ориёӣ ба умумияти фарҳанги зардуштӣ табдил ёфт. Бо густариши дини зардуштӣ ба қисмҳои ғарбии сарзамини муштараки мардумони ориёӣ фарҳанги ориёӣ аз қаламрави

Бохтару Суғд ба давлати ориёиҳои Порс интиқол ёфт. Дар натиҷа «... ҷуғрофиёи мазҳабӣ, аз ҷуғрофиёи марзҳои Бохтар фарогиртар гашта, на танҳо дар шакли ақоиди динӣ, балки ҳамчун як фарҳанги мукаммали ахлоқию маънавӣ ва илмию фалсафӣ ба империяи паҳновари Ҳахоманишиҳо роҳ кушод ва ташаккул ёфт» [23, с. 148].

Ҳамин тариқ, метавон таъкид намуд, ки аз замони ҳукмронии Дорои Бузург ба баъд раванди ташаккул ёфтани дини зардуштӣ ҳамчун дини воҳид дар империяи порсҳо оғоз ёфт. Қабули дини зардуштӣ ба сифати дини расмӣ моҳияти амалӣ дошта, барои ба вуҷуд овардани заминаи идеологӣ ва такягоҳи ҳокимият равона гардида буд. Боварҳои парокандаи қабилаҳои мухталифи порс барои ташкил ва рушди низоми давлатдорӣ ҷавобгӯ набуданд. Даъвати Зардушт дар бораи худои якто ва бузург Аҳурамаздо ҳадафҳои шоҳаншоҳони ҳахоманиширо бароварда карда метавонист. Дар ин замон таълимоти зардуштӣ бештар ба афкори фалсафӣ-мазҳабӣ, на ба дини давлатӣ шабоҳат дошт.

Ғояи давлати абарқудрат (империя) бештар дар матнҳои шоҳӣ – сангнабиштаҳо ва осори муаллифони аҳди антиқа дучор меояд ва бештар моҳияти ҳамагонӣ (универсалӣ) дорад, ки маънои ҳокимияти шоҳони ҳахоманишӣ дар тамоми замин – махлуқи Аҳурамаздо, аз болои ҳама сарзаминҳову инсонҳоро дошт. Ҳамзамон дар баробари усули ҳамагонӣ, ҳудуди ҳокимияти шоҳони порс мутобиқи тасаввуроти мардумони дунёи қадим «аз баҳр то баҳр» муайян мегардид. Дар баробари ин сабт гардидани номи кишвару сарзаминҳои ба ҳайати империя дохилгардида, ки масалан дар катибаи Беҳисутуни Доро дучор меоянд, ғояи абардавлатро мустаҳкам менамуд, ки аз иқтидор ва ҳудуди беинтиҳои давлат бояд шаҳодат медод.

Бояд тазаккур дод, ки дар тафаккуру ҷаҳонбинии порсҳо, ҳамчун иттиҳоди қабилавӣ, мисли ҳама қабилаҳои дигар, парастиши аҷдод ва гузаштагон мавқеи намоён дошт. Маҳз аз ҳамин сабаб, шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ бар асоси усули зинагӣ (иерархӣ) ва дараҷаи мансабу мартаба бунёд ёфта буд. Ин вижагиро метавон дар нигораҳои Доро дар Нақши

Рустам мушоҳида намуд, ки дар онҳо дар атрофи шоҳаншоҳ мансабдорони сулолаи Ҳахоманишӣ ва наздикони шоҳ, дар радди аввал вориси тоҷу тахти шоҳӣ ҳаккокӣ гардидаанд. Бо вусъат гирифтани раванди ба табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ ҷудо гардидани ҷомеаи порсҳо дар шуури онҳо низ тафриқа ба вуҷуд меомад. Бо боло рафтани иқтидори низомӣ, сиёсӣ ва иқтисодии империя сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи некуаҳволии мардумони одӣ боло рафта, дар тақсимоти неъматҳои моддӣ нобаробарӣ ба вуҷуд меомад ва доираҳои ҳукмрону ашроф барои ба даст овардани сарвату васеъ намудани мулкҳои худ талош менамуданд. Албатта заминаи ин падидаҳои иҷтимоӣ, ба қавл аз М.А. Дандамаев ва В.Г. Луконин, «равандҳои миқёсан бузурги иҷтимоӣ-иқтисодӣ буданд, ки дар ҷомеаи порсҳо зуҳур намуда буданд» [127, с. 280].

Унсури муҳимми ғояи ташкили абардавлати порсҳо таҳаммулпазирӣ ва муносибати хайрхоҳона нисбат ба арзишу мазҳаб ва оинҳо ва расму русуми мардумони ғайрипорс буд ва дар натиҷа давлати порсҳо заминаро барои рушди муомилоти байналмилалӣ ва рушди равобити фарҳангии мардумони сарзаминҳои мухталиф фароҳам сохт. Ҳамин унсури муҳимми ташкили низоми давлатдорӣ суботу иқтидор ва нақши роҳбарикунандаи давлати порсҳоро дар минтақаи васеъ аз Миср то Ҳинд дар тули давраи мавҷудияташ таъмин менамуд.

Дар баробари дастовардҳои бузурги сиёсӣ-дипломатӣ, низомӣ ва иқтисодӣ, ки дар ташкили низоми муттамаркази идораи давлат, сохтмони иншооти калон – бунёди шаҳрҳои бузург ва роҳҳои шоҳӣ, ба роҳ мондани низоми самараноки ҷамъоварии андозҳо, ташкили робитаи устувори байни ҳокимияти марказӣ ва воҳидҳои идорӣ-маъмурӣ ва ғ., шоҳаншоҳони империяи Ҳахоманишиён ба дастовардҳои бемислу монанди фарҳангӣ ноил гашта буданд. Аз дастовардҳои азими фарҳангии давлати порсҳо сохтмони пойтахту марказҳои бузург – Шуш, Посоргод, Тахти Ҷамшед, намунаи олии санъати тасвирӣ дар деворҳои қасру биноҳои боҳашамат, фароҳам овардани замина барои рушди илмҳои замонавӣ, сохтмони

маъбадҳо ва ба роҳ мондани ҳаёти таҳаммулпазиронаи мазҳабӣ шаҳодат медиҳад.

Фарҳанги аҳди Ҳахоманишиён дар заминаи арзишу анъанаҳои фарҳангӣ ва ғояҳои давлатдории эломиҳо, модҳо, мисриён, бобулиён ва дигар мардумони ҳамҷавор, ки дар тули садсолаҳои қаблӣ робитаҳои наздик дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ доштанд, ташаккул ёфт. Ҳамзамон дар ташаккул ва рушди фарҳанги давлати қадимаи порсҳо анъанаҳои фарҳангии ошуриҳо, бахусус, санъати тасвирӣ ва меъмории онҳо, нақши калон бозиданд. Дар намунаҳои санъати тасвирии қасру ёдгориҳои то имрӯз расидаи Ҳахоманишиён таъсири санъати меъмории модҳо баръало мушоҳида мешавад, ки он ҳам бар асоси анъанаҳои қадимаи ошуриҳо ташаккул ёфта буд. Ба ақидаи олими намоёни таърихи бостони Эрон М. Дандамаев дар фарҳанг ва санъати тасвирӣ ва ғояи асосии давлатдории Ҳахоманишиён – табиати илоҳӣ доштани ҳокимияти шоҳаншоҳон реша аз анъанаҳои санъати тасвирии ошуриҳо мегирад. Ба таври мисол, робитаи шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ бо Аҳурамаздо бо робитаи шоҳаншоҳони модҳо бо худои Ошшур шабоҳат дошта, тасвири Аҳурамаздо бо болҳои кушода дар ҳалқаи Офтоб ҳам шабеҳи тасвири худои Ошшур бо каноти кушода буда, тасвири шоҳони порс дар девори қасрҳо ҷузъиёти тасвири шоҳони модҳоро такрор менамояд [130, с. 50-51].

Нодиртарин ёдгории таърихию фарҳангии аҳди Ҳахоманишиён, ки ҳамзамон дар бораи паҳлуҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлати порсҳо маълумоти боэътимод дода, намунаи ба наслҳои оянда мерос гузоштани фарҳанги бостонӣ аст, катиба ё сангнабиштаҳои шоҳони ҳахоманишӣ мебошанд.

Маъруфтарин навиштаҷоти аҳди қадими порсҳо Катибаи Бесутун ва ё Беҳисутун аст, ки дар масири роҳи Ҳамадон ва Кирмоншоҳ дар танаи кӯҳи баландиаш бештар аз 500 м ҳаккокӣ гаштааст. Набиштаи сангӣ ба се забон – оромӣ, аккадӣ ва порсии бостон канда шуда, матни он назари расмиии шоҳаншоҳи порсҳо Дорои Кабир ба ҳодисаҳои солҳои 522-519 то

милод – замони ошӯби Бардии дурӯғин, барқарор гардидани ҳокимияти Доро, ошӯбҳои ин солҳо ва пахш гардидани онҳо, лашкаркашии Доро ба сарзаминҳои шарқӣ ва ғ.-ро инъикос менамояд. Дар баробари бо се забон, дар баробари забони ориёӣ, бо забонҳои оромӣ ва аккадӣ (бобулӣ) китобат шудани матни катиба, ба ақидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишонаи пос доштани «забону расмулхатти кишварҳои забтшуда» буд [23, с. 155].

Маълумоти Катибаи Бесутун зимни баррасии паҳлуҳои мухталифи низоми идораи империяи Ҳахоманишӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, вале дар бораи аҳаммияти таърихии он метавон таъкид намуд, ки катиба бузургтарин катибаи сангӣ дар таърихи инсоният буда, дар тули беш аз дувуним ҳазорсола дар шакли ибтидоияш то имрӯз расидааст. Аз тарафи дигар, аҳаммияти таърихии катиба аз он иборат аст, ки он намунаи қадимтарин хат дар таърихи инсоният – хатти мехии порсии қадим мебошад. Ин хат аз 43 аломат иборат буд, ки аз хатҳои гузаштагон, масалан хатти аккадӣ тафовути калон дошт, зеро миқдори аломатҳои он аз аломатҳои хатти аккадӣ тақрибан бист маротиб кам буд. Бо хатти мехии порсии қадим сангнабиштаҳои сари қабри шоҳаншоҳон, девору сутунҳои қасрҳо набишта шуда, намунаи он ҳамчунин дар лавҳаҳо ва зарфҳои сангиву филиззӣ, силоҳ, муҳрҳо ва ғ. дучор меояд.

Аҳаммияти таърихии сангнабиштаҳои ин давра, қабл аз ҳама Катибаи Беҳисутун аз он иборат аст, ки маълумоти дар катиба ҷой дошта, бе таҳрифу ғалатфаҳмӣ, «бе ҳеҷ тағйирот дар он шакле, ки кандакорӣ шудаанд, то ба мо расидаанд ва аз ин рӯ аз лиҳози забон хеле боэътимоданд» [8, с. 86]. Маълумоти сарчашма аз он сабаб боэътимод мебошад, ки катиба бо дастури шоҳаншоҳи машҳур Дорои Кабир (Бузург) ҳаккокӣ шуда, дар бораи низоми идорӣ, воҳидҳои маъмурӣ-идорӣ, мардумони сарзаминҳои истилогардида, расму анъаноти мухталиф, шахсиятҳои таърихӣ, шаҷараи шоҳони ҳахоманишӣ, арзишҳои мазҳабӣ ва

фарҳангӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти давлатдории Ҳахоманишиён маълумоти фаровон медиҳад.

Дастоварди бузурги фарҳангии Ҳахоманишиён, бахусус фарҳанг ва санъати меъмориву шаҳрсозӣ буд, ки дар тули беш аз дувуним ҳазор сол намунаҳои онҳо оламиёнро ба ҳайрат меоранд. Дар сарзаминҳои мухталифи абардавлати худ шоҳаншоҳони порс ба рушду тавсеаи шаҳрҳо ва марказҳои сиёсию маъмурӣ ва фарҳангӣ мусоидат намуданд. Дар баробари шаҳрҳои мавҷуда – Шуш, Ҳангматан, Бобул, Бохтар, Марв, Самарқанд онҳо шаҳрҳои нав – Тахти Ҷамшед (Персеполис), Посоргод ва ғ. бунёд намуданд. Фарҳанги шаҳрсозӣ унсури муҳимми ташкили абардавлат ва давлатсозӣ буда, шаҳрҳои рушдёфта натанҳо дар идораи давлат нақши муҳим мебозиданд, балки таҷассумгари шукуҳу шаҳомат ва қудрати шоҳаншоҳон ва давлат буданд.

Посоргод ва Тахти Ҷамшед дар фосилаи начандон дур аз якдигар воқеъ буда, дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Ҳахоманишиён нақши муҳим доштанд. Посоргод ҳамчун пойтахти давлат «маҳалли ташрифотӣ, тоҷгузорӣ ва ба тахт нишастани ҳамаи шоҳон буд» [21, с. 125]. Дар сохтмони қасру биноҳои ташрифотӣ устоҳо ва ҳунармандон аз тамоми гушаву канори кишвар, қабл аз ҳама ҳунармандони ошурӣ, эломӣ ва модҳо даъват шуда буданд, зеро онҳо дар сохтмони қасру шаҳрсозӣ таҷрибаи калон доштанд. Агар дар Тахти Ҷамшед қасру биноҳои боҳашамат зич ҷойгир шуда бошанд, дар Посоргод дар атрофи ҳар бино боғи калон бунёд шуда буд.

Албатта, унсури муҳимми фарҳанги меъмориву шаҳрсозии Ҳахоманишиён санъати тасвирии нотакрор буд, ки намунаҳои барҷастаи онро дар аксар ёдгориҳои таърихии дар ин давра бунёд ёфта метавон мушоҳида намуд. Услуби хос, истифодаи васеи онҳо дар деворҳои қасрҳои боҳашамат, санъати баланди тасвир ва ба воқеият наздики онҳо, ки «саҳнаҳои тӯҳфасупорӣ ба шоҳ, ҷанги шоҳ бо шер ва дигар ҳайвонҳои воқеиву асотирӣ, ҷанговарони форсу мод, гардунаҳои дучархаи ҷангӣ,

маросимҳои гуногуни дарборӣ бо иштироки шоҳ ва ашрофону мансабдорон, ташрифи намояндагони халқҳои тобеъ ба дарбор ва мисли инҳо тасвир шудаанд» [21, с. 129], диққатҷалбкунунда мебошанд.

Аҳаммияти таърихии фарҳанги шаҳрсозиву бунёди қасрҳои боҳашамат ва санъати нотакрори тасвирӣ натанҳо аз он иборат аст, ки ин фарҳанг давраи сифатан нав дар тамаддуни мардумони ориёиасл буда, то имрӯз арзиши таърихии худро ҳифз намудааст, балки таъсири бузурги он ба фарҳангу тамаддунҳои халқҳои Осиёву Аврупо буда, услуб ва анъанаҳои фарҳанги нотакрори шаҳрсозӣ ва бунёди биноҳои боҳашамат то имрӯз боқӣ монда, ба қавл аз М. Дандамаев ва В. Луконин тавоноӣ ва азамати ҳокимияти шоҳаншоҳон ва қудрату бузургии империяи Ҳахоманишиёнро таҷассум менамоянд [127, с. 247].

Дар аҳди Ҳахоманишиён робитаҳои фарҳангӣ байни минтақаҳои ғарбӣ ва шарқии империяи бузург, ки ҳанӯз аз давраҳои қадим вуҷуд доштанд, рушду густариш ёфтанд. Порсҳо, модҳо, бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиён, сакоиҳо ва дигар мардумони ориёиасли сокини империя бештар аз давраҳои пеш умумияти баромад ва ягонагии фарҳанги моддӣ ва маънавии худро эҳсос менамуданд. Дар хшатраҳои шарқӣ ба монанди пойтахт ва шаҳрҳои бузурги империя биноҳои боҳашамати маъмурӣ, қасрҳои бошукуҳи хшатравапанҳо ва работҳои калон бо услуби меъмории хоси ҳахоманишӣ бунёд ёфта, тарзи зиндагӣ ва фарҳанги либоси ҳахоманишӣ ривоҷ ёфта буд.

Ҳамин тариқ, дар бораи рушди фарҳанг дар замони Ҳахоманишиён натиҷагирӣ намуда, метавон таъкид намуд, ки дар баробари дастовардҳои бузург дар ҳаёти сиёсӣ, низомӣ ва ташкили ҷомеаи таҳаммулгаро дар аҳди қадим, дастовардҳои фарҳангии Ҳахоманишиён ҳам моҳияти оламшумул дошта, дастоварди нодири фарҳанги умумибашарӣ дониста шудаанд. Осори санъати меъморӣ ва тасвирии дар империяи Ҳахоманишиён барпогардида, то имрӯз бо услуби хос, санъати баланди эҷод ва офариниш қимати таърихию фарҳангӣ ва тамаддунии худро ҳифз намудаанд ва дар

оянда ҳам таваҷҷуҳи оламиёнро ба таърих ва фарҳанги аввалин абардавлати аҳди қадим ҷалб хоҳад намуд.

Метавон хулоса намуд, ки таълимоти расмии низоми давлатдорӣ дар аҳди Ҳахоманишиён бар асоси таҳаввули сохтори иҷтимоӣ, ташаккули арзишу анъанаҳои фарҳангиву давлатдорӣ рушд намуда, дар худ натанҳо арзишҳои тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии қабилаҳои порсҳо, балки халқу мардумони минтақаро таҷассум менамуд. Ҳамин омезиши анъанаҳо ва навгониҳои ғоявии аҳди ташаккули империяи ҷаҳонӣ буд, ки абардавлатӣ аз лиҳози танаввуи қавмиву мазҳабӣ гуногунтаркиб барпо гардида, ба маркази сиёсии дунёи қадим табдил ёфта буд. Аз тарафи дигар сусту заиф гардидани арзишу ғояҳои ташкили низоми давлатдорӣ дар ҷомеа боиси таназзул ва аз байн рафтани империяи бузурги порсҳо гардид. Дар ҳолати заиф гардидани моҳияти муттаҳидкунанда ин ғоя дар ҳаёти давлат раванди қоҳиш ёфтани муттамарказияти давлат ва сар задани ҳаракату майлонҳои ҷудоихоҳӣ ва таназзули давлати воҳид вусъат гирифт, ки паёмади он шиддат ёфтани мубориза барои тахти шоҳӣ, дасисабозии гумоштагону мансабхоҳон ва дигар падидаҳои номатлуб дар ҳаёти ҷомеа буд.

Империяи Ҳахоманишҳо давлати муттамарказ буда, аз воҳидҳои маъмурӣ-низомӣ – хшатра (аз порсни қадим – *xšaθra*, юнонӣ – сатрапия)-ҳо иборат буд ва ҳокими онро хшатрапаван (xšaθrapāvan – «нигаҳбони давлат») меномиданд [127, с. 112]. Сатрапҳо салоҳият ва уҳдадориҳои мухталиф дошта, дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлат вазифаҳои онҳо таҳаввул меёфтанд. Масалан, дар аҳди Дорои I онҳо барои ҷамъоварии андозу пардохтҳои давлатӣ, танзими умури судӣ, таъмини фаъолияти дастгоҳи идораи давлат дар минтақаи муайян ва сикка задани пул масъул буданд [127, с. 123]. Ксенофонт менависад, ки дар минтақаҳо роҳбарии лашкар ба уҳдаи фармондеҳони хос буд ва онҳо таҳти итоати сатрапҳо набуданд [11, с. 394-395].

М.А. Дандамаев таъкид менамояд, ки ба уҳдаи як идда сатрапҳо вогузор намудани вазифаҳои низомӣ аз таъсири омилҳои гуногун, бахусус,

мавзеъ ва нақши низомии он иборат буд [127, с. 113]. Масалан, сатрапи Лидия – Атрафен, писари Гистасп, ки бародарзодаи Дорои I буд, дар ихтиёри худ лашкари калон дошта, дар ҳалли масоили идораи марал салоҳияти калон дошт ва ҳатто сафоратҳои шаҳрҳои юнонии Осиёи Хурдро мепазируфт [187, с. 56].

Шуриши солҳои 522-521 пеш аз милод заъфи низоми давлатдории Ҳахоманишиёнро зоҳир намуд ва Дорои I соли 518 пеш аз милод барои рафъи он бо мақсади аз байн бурдани майли марказгурезӣ ва ҷудоихоҳӣ низоми идораи сатрапҳоро навсозӣ намуд, ки он то охири мавҷудияти давлат қариб тағйир наёфт. Мансаби сатрап мутобиқи маълумоти Ҳеродот бори аввал дар замони ҳукмронии Дорои I ташкил дода шуда буд, вале эҳтимол меравад ҳанӯз дар давлати Модҳо ва бешубҳа аз оғози ҳукмронии Ҳахоманишиён вуҷуд доштааст. Мутобиқи ислоҳоти Дорои I сатрапҳо аз ваколатҳои низомӣ маҳрум гардида, умури низомӣ ба уҳдаи сипаҳсолорон – низомиёни хосси бевосита тобеи шоҳаншоҳ вогузор гардид.

Олими эронӣ К. Гулшанирод ба андешаи Гиршман такя намуда, таъкид менамояд: пас аз ба қудрат расидани Дорои I шоҳаншоҳи порсҳо бар он бовар буд, ки сиёсати мусолиҳатомези Куруши Кабир сабабгори асосии ноором иҳои солҳои 522-521 то мелод гардида буд ва барои ҳамин дар сиёсати давлат нисбат ба мардум ва сарзаминҳои тобеъ таҷдиди назар намуд. Гулшанирод бар он ақида аст, ки дар баробари гузаронидани ислоҳоти соҳаҳои мухталифи ҳаёти дохилӣ ва давлатдорӣ Дорои I «ба ин натиҷа расида буд, ки ҳукумати ҳахоманишӣ сохтори амнияти маҳкам ва устуворе надорад ва ба ҳамин далел дар ростои сиёсатҳои Куруш ва на бар хилофи он даст бар ислоҳот зад. Ислоҳоти анҷомшуда амнияти пойдорро дар қаламрави Ҳахоманишиён эҷод намуд» [75, с. 313-314].

Метавон ба хулоса омад, ки моҳияти ислоҳоти низоми давлатдории дар аҳди Дорои I гузаронидашуда, аз барқарор намудани назорати қатъӣ аз болои фаъолияти ҳокимони воҳидҳои идорӣ-маъмурӣ – хшатравапанҳо, таъмини бечунучарои иҷрои фармону амрҳои шоҳаншоҳ, дастуру

супоришҳои ҳокимияти марказӣ бо мақсади пешгирии саркашии ҳокимони маҳаллӣ, ҳимояи манфиатҳои доираҳои ҳукмрон ва таъмини суботу амният дар саросари абарқудрати Ҳахоманишиён буд, ки татбиқи он дар саросари кишвар аз тарифи мансабдорони хос – «чашм» ва «гӯш»-и шоҳаншоҳ ба амал бароварда мешуд.

Чунин вазъият шоҳро водор менамуд бо нухбагони сиёсӣ, ки намояндагони ашрофи иттиҳодияҳои қавмӣ буданд, созиш намояд. Бояд зикр намуд, ки дар аҳди ҳукмронии Дорои I тартиби таъйини валиаҳд ва меросгузории тоҷу тахт ҳанӯз муайян нашуда буд ва ин ҳолат аз маҳдуд будани ҳокимияти шоҳ бинобар омилҳои мухталиф далолат дошт ва ба ақидаи В.П. Орлов ҳамзамон «аз нигоҳ доштани имтиёзи зиёди ашрофи маҳаллӣ шаҳодат медод» [176, с. 784].

Сатрапияҳо аз вилоятҳои хурдтар иборат буданд, ки ҳокимони онҳоро низ сатрап меномиданд. Шояд аз ҳамин сабаб аст, ки сарчашмаҳои мазҳабии яҳудиён дар бораи 120-127 сатрапияҳо аз Ҳинд то Ҳабашистон маълумот медиҳанд, Ҳеродот бошад дар бораи 20 сатрапияҳо ва қариб 70 қавму халқҳо ва катибаи Беҳисутун (Бағистон) дар бораи 23 «мамлакат» хабар медиҳанд [142, с. 59].

Ба назари мо тафовути теъдоди сатрапияҳо дар сарчашмаҳои гуногун аз васеъ гардидани ҳудуди кишвар дар натиҷаи лашкаркашиҳо ва ё гузаронидани ислоҳоти низоми идорӣ вобаста буд, ки дар натиҷаи онҳо ҳудуди воҳидҳои маъмурӣ ва мақом ва шумораи онҳо зуд-зуд тағйир меёфт. Илова бар ин дар як қатор минтақаҳо воҳидҳои маъмурии қаблӣ, масалан дар Миср, воҳидҳои маъмурӣ-идоравии анъанавӣ – номҳо боқӣ монда буданд.

Аз тарафи дигар, тафовути назар дар истифодаи ду намунаи истилоҳи порсии «хшатра» ва юнонии «сатрапия» дар сарчашмаҳои дигари таърихӣ сабаби дигари мутобиқ наомадани теъдоди хшатраҳо мебошад. Масалан, дар катибаи Беҳисутун истилоҳи «dahyu» ба се маъно – ҳангоми номбар намудани сарзаминҳои ба ҳайати давлат шомилбуда, яъне теъдоди воқеии

хшатраҳо; дувум, ҳангоми номбар намудани баъзе сарзаминҳо, ба монанди Нисайя, Кампада, Мод ва ғ.; сеюм, ҳангоми ба таври умум ёдовар гардидани аз ягон сарзамин ва ғ. омадааст.

Ҳамин тариқ, барои хотима гузоштан ба масъалаи баҳс дар мавриди теъдоди хшатраҳо, мо бояд аз маълумоти ду намуд сарчашмаҳо – катибаву сангнабиштаҳои аҳди Ҳахоманишиён ва маълумоти таърихномаҳои юнонӣ ва амсоли онҳо истифода барем. Ҳамзамон бояд тазаккур дод, ки маълумоти катибаҳои аҳди Ҳахоманишиён, аз қабили Устувонаи Куруш, катибаи Беҳисутун, катибаи Хшаяршани I ва ғ. боэътимод мебошанд, зеро ба дуруст будани маълумоти онҳо шубҳа вуҷуд надорад.

Дар баробари ин, муқоисаи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ бо маълумоти катибаи Беҳисутун, чанд вижагӣ ва тафовутро нишон медиҳад: дар катибаи Беҳисутун ва дигар катибаҳои шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ мулкҳои Киликия, Каспиана ва ҳавзаи «назди баҳри Сиёҳ», ки дар таърихномаи Ҳеродот таҳти шумораи XIX омадааст, вуҷуд надорад; дар катибаи Беҳисутун Ҳинд ёдовар нашудааст; агар дар катибаи Беҳисутун номи як сатрапияи Армина омада бошад, Ҳеродот бо ин ном аз ду сатрапия ёдовар мешавад ва ғ.

Назорат ва роҳбарии дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои маъмурии он ба уҳдаи ҳазорапат (порси қадим hazarapatiš – «сардори дастаи ҳазорнафарӣ») буда, ӯ ҳамзамон сардори сипоҳи муҳофизони шоҳ ва раиси дафтари марказии шоҳ маҳсуб меёфт [142, с. 70-71].

Метавон ба хулоса омад, ки ҳокимияти марказӣ бо сарварии шоҳ бо мақсади пешгирии амалҳои марказгурезонаи ашроф ва ҳокимони маҳаллӣ сиёсати мустаҳкам намудани мавқеи худро амалӣ менамуданд, вале аз сабаби вуҷуд надоштани тартиб ва муқаррароти расмии таҷзияи салоҳиятҳои идораи давлат ба ихтилофу зиддият дучор мегардиданд. Дар чунин вазъият дар ихтиёри сатрапҳо боқӣ мондани масъулияти низомӣ ва теъдоди зиёди лашкар барои муттамарказ гардонидани давлат ва таъмини амният хатар дошт.

Империяи Ҳахоманишиён дар тамоми давраи мавҷудият нисбат ба анъанаҳои фарҳангӣ ва арзишҳои мазҳабии мардум ва сарзаминҳои истилонамуда сиёсати таҳаммулпазирона ба амал мебаровард. Дар «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров омадааст: «Ҳахоманишиҳо бар хилофи дигар подшоҳони пешзамони Шарқи Қадим нисбат ба оину мазҳабҳои соири халқҳо хеле ботаҳаммул муносибат карда, ҳатто маъбаду калисоҳои кишварҳои мухталифро дубора барқарор намуданд» [32, с. 95]. Чунин муносибат барои таъмини сулҳу осоиш дар қаламрави кишвар, рушди устувори тиҷорати дохилӣ ва ҷаҳонӣ ва робитаҳои фарҳангӣ байни мардумони кишварҳои мухталиф шароити мусоид фароҳам овард. Ниҳодҳои дар ин давра ташаккулёфта натанҳо муҷиби рушди босуботи империя, балки дар тули ҳазорсолаҳо боқӣ монда, намунаи ибрат ва истифода дар давлатдориҳои баъдӣ гардиданд [125, с. 102].

Империяи Ҳахоманишиён намунаи равшани таҳаввули қавмӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ буд. Ба ақидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳахоманишиён «на танҳо як давлати муқтадиру мутамаркази муштарак, балки тақдири муштарак, таъриху фарҳанги муштарак, забону хатти муштарак ва расму оини муштаракро бунёд гузоштанд, ки аз сарчашмаи тамаддуни ориёӣ об мехӯрд» [23, с. 27].

Бояд таъкид намуд, ки новобаста аз сайъ ва кӯшиши шоҳони ҳахоманишӣ барои ҷорӣ намудани парастиши Аҳурамаздо дар байни мардуми минтақаҳои истилогардида, ба вуҷуд овардани дини ягонаи давлатӣ ғайриимкон буд. Ҳамзамон парастиши худоёни анъанавии бобулӣ ва суриёнӣ роиҷ буда, дар давраи ҳукмронии Ҳахоманишиён ташаккули ғояҳои эътиқодии дини яҳудиён анҷом ёфт. Танаввӯи иқтисодӣ, қавмӣ ва фарҳангӣ шоҳони ҳахоманиширо маҷбур месохт ба таблиғи таҳаммулпазирии мазҳабӣ пардозанд ва танҳо бо ин роҳ давлат метавонист мардум ва кишварҳои истилогардидаро дар таҳти назорат ва ҳокимияти худ нигоҳ дорад. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки санъати расмӣ ва ташрифотии Ҳахоманишиён дар худ анъана ва расму ойинҳои сарзаминҳои

истилогардида – Ошур, Бобул, Урарту, Модҳо ва ғайраро таҷассум менамуд.

Аҳаммияти ҷаҳонии ташкили давлати бузург аз он иборат буд, ки империяи порсҳо, ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам аз лиҳози фарҳангӣ-тамаддунӣ васлгари фарҳангу тамаддунҳои Ғарбу Шарқ ба шумор мерафт. Аз аҳди Ҳахоманишиён ба баъд фарҳанги порсҳо манбаъ ва сарчашмаи таҳаввулоти маънавӣ-ахлоқӣ ба шумор рафта, ҳанӯз аз замонҳои қадим аз мавқеи васлкунанда ва омезиши фарҳанги кишвару мардумони дигар зуҳур намуда буд. Дар қиёс бо фарҳанги порсӣ фарҳанги Юнон, Ҳинд ва Чини қадим аз якдигар дур буда, ба ҳамдигар бевосита таъсири мутақобила расонида наметавонистанд. Давраи мавҷудияти империяи Ҳахоманишиён ба ақидаи Б. Ғафуров «ба тараққиёти тамаддуни Шарқ ва таҳкими робитаҳои мутақобилаи иқтисодию мадании бисёр халқҳо мусоидат намуд» [30, с. 100] ва марҳилаи муҳимми рушди таърихии кишварҳо ва халқҳои ҳамсоя ба шумор мерафт. Аз лиҳози муҳити ҷуғрофиёӣ фарҳанги порсҳо дар маркази ин сарзаминҳои бузург ҷойгир буда, ба ақидаи В.М. Мешков «равандҳои маънавии ин фарҳангҳоро ба ҳам васл менамуд ва дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ нақши калидӣ дошта аст» [168, с. 112].

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ роҷеъ ба аввалин абарқудрати ҷаҳонии аҳди қадим имкон медиҳад чунин натиҷагирӣ намоем: империяи Ҳахоманишиён нахустин абардавлати аҳди қадим дар ҷаҳон буда, дар давраи мавҷудияташ (солҳои 550-330 то милод) вусъати ҳудуди он аз Миср то шимоли Ҳиндро дар бар мегирифт ва дар ҳайати худ бештар аз 70 қавму мардумони мухталифро муттаҳид менамуд. Барпокунандагони ин давлати бузург – иттиҳоди қабилаҳои порсҳо ҳанӯз дар асри VIII пеш аз милод дар минтақаи Парсумаш давлати худро таҳти сарварии сулолаи Ҳахоманишиён ташкил дода буданд. Заминаи ташкили империяи порсҳо, ба қавли Ҳеродот «соҳибони Осиё», натиҷаи лашкаркашиҳои зиёди шоҳони нахустини Ҳахоманишиён – Куруши Кабир (ҳукмронӣ солҳои 558-530 пеш аз милод),

Камбуҷӣ (ҳукмронӣ солҳои 530-522 пеш аз милод) ва Дорои I (ҳукмронӣ солҳои 522-486 пеш аз милод) буд.

Бояд тазаккур дод, ки дастовардҳои азими тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии аҳди Ҳахоманишиёнро танҳо маҳсули заҳмат ва ҷидду ҷаҳди қабилаҳои порси Эрони бостон донистан аз мантиқ берун мебуд, зеро таърих ва фарҳанги империяи бузурги порсҳоро бидуни дастовардҳои мардумону қабилаҳои сершумори Паси Қафқоз ва Осиёи Марказии имрӯза тасаввур намудан ғайриимкон аст, зеро онҳо дар тамоми давраи мавҷудияти абардавлати Ҳахоманишиён дар ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии он саҳми фаъол доштанд. Аз тарафи дигар ба иҷрои ин рисолати таърихӣ ду омили муҳим таъсиргузор буданд: аввал, мардумони сарзаминҳои шимолӣ ва шарқӣ дар фосилаи наздик бо Эрони бостон воқеъ буданд, аз дигар ҷониб ҳанӯз замони ҳукумати Элом ва Мод, яъне то замони ташаккули Ҳахоманишиён миёни сокинони ин маҳал иртиботи фарҳанги муштараки қавмӣ-фарҳангии дар замони то ҳахоманишӣ саҳми калон доштанд. Робитаҳои вуҷуддошта дар байни қавму қабила ва мардумони Эрони бостон, минтақаҳои шимолӣ ва шарқии ҳаммарз бо сарзамини порсҳо дар натиҷаи ташкилёбии давлати муттамаркази Ҳахоманишиён боз ҳам густариш ёфта, заминаи наздикшавӣ ва муттаҳид гардидани қавму мардумони ориёитаборро фароҳам овард.

Таҳқиқоти олимони муосир собит месозанд, ки дар асрҳои VIII-VI то мелод, яъне ҳанӯз ду аср қабл аз ташкилёбии империяи Ҳахоманишиён ва дар давраи мавҷудияти ин абардавлати аҳди қадим, дар минтақаи васеъ байни ду маркази тамаддуни Дунёи Қадим – дар ғарб Юнони Қадим ва дар шарқ Чини Қадим, аз Осиёи Хурд сар карда, то Ҳинди Қадим қабилаҳои ориёиасл сукунат доштанд, дар байни онҳо робитаҳои зичи қавмӣ-фарҳангӣ вуҷуд дошта, дар муомилоти ҷаҳонӣ саҳми фаъол доштанд.

Бо такя ба дастовардҳои илми ҷомеашиносии муосир метавон ба хулоса омад, ки дар империяи Ҳахоманишиён ғояи муттаҳидкунанда ғояи «омезиш»-и иттиҳоди бузурги бисёрфарҳангӣ дар як воҳиди ягонаи сиёсӣ

буд. Бори аввал дар таърихи башарият воқеияти бисёрфарҳангӣ, фазои бузурги низомӣ-сиёсӣ бо руҳияи давлати абарқудрат – империя ба вуҷуд омада, барои майлҳои марказталаб ва равандҳои муттаҳидшавӣ муҳити мусоид фароҳам оварда шуд.

## 1.2. Рушди низоми давлатдорӣ: аз давлати порсҳо то империяи ҷаҳонӣ

Рушду таҳаввули сохти давлатдории Ҳахоманишиён, ки ҳокимияти худро аз ҳукмронӣ дар як сарзамини сукунати қабилаи порсҳо оғоз намуда, тадриҷан дар муддати начандон тулонӣ ба бузургтарин империяи аҳди қадим табдил доданд, падидаи муҳим маҳсуб меёбад. Роҳи тайкардаи порсҳо то ташкили империяи ҷаҳонӣ осон набуд. Дар ин маврид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст: «... то ба ин қудрату тавоноӣ расидан форсҳо роҳи тулонии пуршебу фарози тараққиётро тай кардаанд» [21, с. 88].

Аҳаммияти таърихии ин падида аз он иборат буд, ки порсҳо натанҳо дар натиҷаи забткориҳо давлати абарқудрати ҷаҳониро ташкил доданд, балки дар он аст, ки онҳо дар тули беш аз ду қарн дар қаламрави давлат бештар аз 70 қавму халқҳоро муттаҳид намуда, оинҳои хосси давлатдорӣ, фарҳангу анъанаҳои бар пояи арзишҳои баробарӣ, башардӯстӣ ва ҳамҷавории некро ташаккул доданд ва дар таърихи ҷаҳон мақоми арзанда пайдо намуданд.

Дар бораи хидмати таърихии Ҳахоманишиён барои тамоми халқҳои ориёитабор Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан ронда таъкид менамояд: «Онҳо муттаҳидсозии қавму миллатҳои ориёиро, ки модҳо сар карда буданд, идома дода ба марҳилаи нав расониданд. Онҳо ориёиҳои Осиёи Миёна, Эрон ва Шарқи Наздикро дар ҳайати як давлат муттаҳид карда, барои ташаккул ёфтани мардум ва фарҳанги муштараки ориёӣ замина фароҳам оварданд. Маҳз ҳамин буд, ки минбаъд аксарияти кулли ориёиҳои минтақаҳои номбаршуда анъанаҳои ориёиҳои қадимро идома ва такмил доданд. Ва бесабаб нест, ки тоҷикону

эрониёни имрӯза меросдорони асосии тамаддуни ориёиҳои бостон мебошанд» [21, с. 106].

Бори аввал, ба ақидаи олими намоёни эронӣ Ҳасани Пирниё номи сарзаминҳои сукунат ва ҳукумати порсҳо – Амадай, Парсуаи Парсумаш дар сарчашмаҳои ошурии асри IX то милод ёдоварӣ гардидааст. Пирниё таъкид менамояд, ки мутобиқи ин маълумот шоҳи Ошур, ки дар ин аҳд ҳукумат менамуд аз тобеъ намудани 27 шоҳи Парсуа ифтихор дошт. Ҳамчунин ёдовар мешавад, ки дар аҳди ҳукмронии шоҳони ошурӣ – Салманасару Саргон (солҳои 731-713 то м ) ва Асархаддон (то соли 667 то м.) шоҳон, аниқтараш пешвоёни қабилаҳои порс дастнишондаи онҳо буданд [88, с. 60].

Ба андешаи Пирниё дар мавриди таърихи дақиқи оғози салтанати Ҳахоманишиҳо дар Порс дар сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти дақиқ вуҷуд надорад. Олими олмонӣ Теодор Нёлдеке (Theodor Nöldeke) ибтидои салтанати Чишпиши аввалро дар ҳудуди соли 730 то милод медонад, вале барои тасдиқи ақидаи худ далели возеҳ пешниҳод карда наметавонад, ҷуз ин ки мегӯяд барои фосила байни ин санаи таърихӣ ва қарни IX то милод – замони ёдоварии порсҳо дар сарчашмаҳои ошурӣ ҳукмронии се насл шоҳон, яъне тақрибан сад сол табиӣ аст. Бинобар ин бояд гуфт, ки ибтидои аморати Ҳахоманишиҳо дар Порс маълум нест, шояд дар охири қарни VIII то милод бошад. Маълум аст, ки Порс дар ҳудуди ним асри қарни VII мулки тобеи Модҳо буд, зеро Ҳеродот сареҳан мегӯяд, ки Фраорт (Хшатрит ё Каштарит дар сарчашмаҳои ошурӣ) Порсро мутеъ кард [88, с. 231].

Ба ақидаи Ҳеродот Ҳахоманишиён аз қабилаи посоргодҳои порс буданд ва ин қабилаи асилзода дар байни порсҳо эътибору нуфуз доштанд. Ба андешаи Ҳеродот бузургӣ ва асилзодагии ин сулолаи посоргодҳо аз он иборат буд, ки бар пояи ниҳод ва сохторҳои онҳо асос гузошта ниҳодҳои давлати абарқудрат бунёд ёфта, бори нахуст дар таърихи инсоният мардумони зиёд таҳти идора ва тобеи қонунҳои мутараққӣ буданд.

Дар бораи баромади сулолаи Ҳахоманишиён Дорои I дар катибаи кӯҳи Беҳисутун чунин нигошта буд: «Дорошоҳ гӯяд: падари ман – Виштосп, падари Виштосп – Аршома, падари Аршома – Ариярамна, падари Ариярамна – Чишпиш, падари Чишпиш – Ҳахоманиш. Дорошоҳ гӯяд: аз ин рӯ мо Ҳахоманишҳо номида мешавем. Аз пеш (қадим) ном дорем. Аз пеш гузаштагони мо шоҳон буданд» [8, с. 87].

Мутобиқи маълумоти катибаҳо ҳокимияти шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён дар тули чанд даҳсолаҳо дар сарзамини начандон калони Аншан, дар ҳудуди давлати Элом аз насл ба насл меросӣ мегузашт. Шоҳони ҳахоманишӣ ҳангоми ба тахт нишастан робитаи худро бо сулолаи Ҳахоманишиён собит менамуданд. Масалан, дар оғози катибаи Беҳисутун Дорои I насабномаи худро ба саравлоди ин сулола – Ҳахоманиш расонидааст. Дар аксари катибаҳои бо супориши шоҳони Ҳахоманишиён ҳаккокишуда насабномаи шоҳон ёдоварӣ гардида, дар мавридҳои дигар танҳо ёдоварӣ мешуд, ки шоҳ ба сулолаи Ҳахоманишиён мансуб аст. Меросӣ будани ҳокимият дар империяи Ҳахоманишиён бо иродаи худоён, хосса Аҳурамаздо тасдиқ гардида, дар сарчашмаҳои таърихӣ борҳо ёдоварӣ мешавад [253, с. 185].

Эроншиноси намоёни фаронсавӣ Р. Гиршман бар он ақида аст, ки порсҳо дар ҳудуди соли 700 то милод дар Парсумаш (Parsumash) дар қаторкуҳҳои Бахтиёрӣ, шарқтари Шуштар, ноҳияи воқеъ дар ду соҳили дарёи Корун, маскун шуданд. Давлати Элом дар ин замон он қудратро надошт, ки ба ишғоли ин ноҳия аз тарафи қабилаҳои порс мамониат кунад. Ин ноҳия, ки дар гузашта тобеи Элом буд ва порсҳои дар он ҷо маскуншуда салтанати онҳоро мешинохтанд. Порсҳо таҳти роҳбарии Ҳахоманиш (Haxāmaniša) ҳукумати худро таъсис доданд ва номи қабилаи худро ба он салтанат доданд [74, с. 124].

Олими фаронсавӣ П. Бриан таъкид менамояд, ки дар ташакуллёбии давлати абарқудрати порсҳо нисбат ба давлати Модҳо нақши давлати Элом бештар буд ва ҳамзамон таҳти таъсири сиёсии Модҳо қарор доштани

порсҳоро рад намекунад [140, с. 175]. Новобаста аз он ки порсҳо аз лиҳози сиёсӣ таҳти таъсири давлати Элом буданд, вале бо модҳо қаробати қавмӣ ва робитаи наздик доштанд.

Дар даҳсолаҳои баъдӣ аз мухолифат байни Элом ва Ошур истифода намуда, «ҳукумати начандон калони порсиён ба тавсеаи тадриҷии ҳудуди салтанати худ идома медод». Чишпиш (Čišpiš, 675-640 то м.), писар ва ҷойнишини Ҳахоманиш, бештар бо унвони «подшоҳи шаҳри Аншан» шуҳрат ёфта, ноҳияи васеъро то шимолу шарқи Парсумаш ишғол кард. Аз ин ҷо агар ба қавли Ҳеродот итминон кунем, Чишпиш (тақрибан соли 670 то м) маҷбур буд ҳокимияти Модҳоро таҳти салтанати Фравартиш (Фраорт) бишиносад. Пас аз марги Фравартиш дар мубориза ба муқобили Ошуриҳо Чишпиш аз итоати Модҳо озод гардид. Дар шароити таназзулёбии қудрати Элом, Чишпиш ҳокимияти худро тавсеа бахшида, сарзамини Порс (Parsa)-ро ба худ тобеъ сохт. Чишпиш бо сиёсати ҷасурона, ки дар айни ҳол боэҳтиёт буд, сарзаминҳои ҳамҷаворро тасарруф кард ва то ҳадди имкон аз дахолат ба муборизаи байни давлатҳои бузурги ҳамсоя – Элом ва Мод худдорӣ менамуд ва оқилона дархостҳои шоҳони Элом дар мавриди дастгирии онҳоро рад кард [72, с. 126].

Пас аз марги Чишпиш марзи салтанати порсҳо бар илова аз сарзамини Парсумаш, ки ба он сарзаминҳои Аншан ва Парса (Порс) ҳамроҳ шуда буд, васеъ гашта буд. Чишпиш қаламрави салтанати худро байни ду писараш тақсим карда буд: Ариарамна (Ariaramne, 640-590) ва Куруши I (640-600), ки «шоҳи бузург»-и Парсумаш шуд [74, с. 126]. Дар ин бора матни лавҳаи заррини аз Ҳамадон пайдошуда – қадимтарин далели таърихии мутааллиқ ба аҳди Ҳахоманишиён шаҳодат медиҳад, ки дар рӯйи он бо хатти мехӣ ба забони порсӣ дар мавриди унвони Ариарамна чунин омадааст: «Ин сарзамини Порсҳо, ки ман молики онам, дорои осмони нек ва мардумони нек аст, Худои бузург Аҳурамаздо онро ба ман додааст. Ман подшоҳи ин сарзаминам» [74, с. 126].

Камбуҷи I – подшоҳи Парсумаш, Аншан ва шояд Порс бо духтари Астиаг подшоҳи Мод ва шоҳи худ издивоҷ кард ва ин издивоҷ аз болоравиии нақши хонадони ҳахоманишӣ ва ба вуҷуд омадани шароити мусоид барои ташкили давлати муттаҳид таҳти парчами як тоҷу тахт шаҳодат медиҳад. Аз ин издивоҷ Куруши Кабир ба дунё омад ва пас аз расидан ба тоҷу тахт вай дар ибтидо пойтахти давлати Мод – Ҳангматан (юнонӣ Экбатан)-ро қароргоҳи худ интихоб намуд.

Наздикшавии Куруш бо шоҳи Бобул – Набонид боиси норозигии Астиаг шуд ва ӯ Курушро ба Ҳамадон даъват намуд, вале вай итоат накард. Подшоҳи Мод мехост Куруши саркашро бо тавони қудрати низомӣ ҷазо диҳад ва муҳориба дар ду марҳила бо мағлубияти шоҳи Модҳо Астиаг анҷом шуд. Куруш Ҳамадонро ба сифати пойтахти Эрони муттаҳид интихоб кард. Бо ғалабаи Куруш бар Астиаг марҳилаи нави таърихи қабилаҳои порс, ки сарнавишти онҳо бо қавми Модҳо иртибот дошт, оғоз ёфт. Дар катибаҳои ба ин давра тааллуқдошта Куруш «шоҳи бузурги ҳахоманишӣ» ёдоварӣ мешавад ва ин унвоне аст, ки вай бо доштани он салтанати бобои худ Астиагро мешинохт. Куруш ба зудӣ ба муттаҳид намудани қабилаҳои эрониасл, ки дар ҳудуди қаламрави сарзамини аз падараш мерос монда сукунат доштанд, ноил гардида, бо модҳо иттиҳоди қавӣ барпо намуд ва худро меросбари охирин шоҳи модҳо Астиаг медонист.

Ҳамзамон Куруши Кабир ба бунёди пойтахти нав – Посоргод (Пасаргад) иқдом намуд. Ин шаҳр, ки ниҳоят макони дафни бунёдгузори империяи порсҳо гашт, дар водии куҳии обёришаванда воқеъ буд, тибқи ривоятҳо ба маҳалли набард байни Куруш ва Астиаг наздик буд.

Паёмади асосии ташкилёбӣ ва вусъати нуфузи давлати Модҳо болоравии нақши қабилаҳои ориёитабор дар ҳаёти сиёсии минтақа буд. Ин раванд дар натиҷаи барпо ёфтани давлат ва ба империяи ҷаҳонӣ табдил ёфтани давлати порсҳо тақвият ва густариш пайдо намуда, ба тамаддуни

нави давлатдорӣ ва ташкили низоми хосси ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангӣ асос гузоштанд, ки осори он то имрӯз боқӣ мондааст.

Олими рус И.Н. Медведская бар асоси маълумоти таърихнигорони аҳди қадим сарнагун гардидани Астиаг ва ба тахт нишастани Курушро ҳамчун табаддулоти давлатӣ ва ба сари ҳокимият омадани сулолаи нав маънидод менамояд. Ба ақидаи ӯ «Куруш ва ворисони вай раванди аз тарафи модҳо оғознамударо ба итмом расониданд ва ба империяи Ҳахоманишиён асос гузоштанд. Империяи Ҳахоманишиён идома ва ҳамзамон марҳалаи нави рушди нахустин давлати эрониён буд, ки бунёди онро сулолаи шоҳони Мод гузошта буданд. Дар шоҳии Мод раванди ташаккули умумияти мазҳабии эрониён, фарҳанг ва санъати хосси эронӣ оғоз гардида буд. Мод дар асл ҳалқаи фарҳангӣ байни мардумони Шарқи Наздик ва эрониён буд ва аз ин лиҳоз давлати эронии дар асрҳои VII-IV то м. вуҷуддоштаро метавон моҳиятан давлати модҳову порсҳо номид» [164, с. 327].

Ба ақидаи Медведская табаддулоти соли 550 то м., ки дар натиҷаи он ҳокимият ба дасти сулолаи Ҳахоманишиёни порс гузашт, дарвоқеъ ивазшавии сулолаи ҳукмрон буд, на аз байн рафтани давлати Мод. Далели чунин маънидод намудани воқеаҳои соли 550 то милодро муҳаққиқ дар он мебинад, ки дар амалӣ намудани табаддулот аъёну ашрофи қабилавӣ ва низомии модҳо саҳми фаъол доштанд, зеро хатари аз даст додани имтиёз ва мустақилияти худро дар иқдомҳои шоҳ Астиаг барои муттамарказ гардонидани ҳокимият медиданд. Иқдоми аъёну ашрофи модҳоро артиш пуштибонӣ намуд, ки аз лашкаркашиҳои бешумор хаста шуда буд. Дар натиҷа, бо дастгирӣ ва ширкати фаъоли аъёну ашрофи модҳо шоҳи сарзамини начандон калон – Аншан (Парсумаш) – Куруш ба сари ҳокимият омада, раванди кишваркушоӣ ва лашкаркашиҳо ва густариши марзҳои давлатро идома дод, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои ашрофи модҳо буд. Медведская ба хулоса меояд, ки ин давлатро метавон давлати моду порсҳо номид, зеро «Куруши II ва ворисори ӯ империяи Ҳахоманишиёнро

бунёд гузоштанд, ки ҳамзамон идома ва марҳилаи нави давлати мардумони эронитабор буд ва таҳкурсии онро сулолаи шоҳони мод гузошта буданд» [165, с. 177-178].

Дар масъалаи ба сари ҳокимият омадани Куруши Кабир муаррихони аҳди қадим андешаи қонунӣ будани ин падидаро тарафдорӣ менамуданд: Ҳеродот таъкид менамояд, ки Куруш набераи Астиаг ва Ктесий менависад, ки Куруш бо духтари Астиаг издивоҷ намуда буд. Шояд сабаби асосии тағйир дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат мухолифати ашрофи модҳо бо шоҳи худ дар масъалаи ташкили низоми идораи давлати бузург будааст. Дар ин сурат танҳо ҳокимияти муттамаркази қавӣ метавонист парокандашавии давлатро пешгирӣ менамуд. Сабаби дигари ба сари ҳокимият овардани Куруш аз он иборат буд, ки имтиёзҳои ашрофони низомии қабилавӣ дар шароити хотима ёфтани ҷангҳои истилогаронаи Астиаг аз байн мерафтанд ва дар натиҷа доираҳои низомӣ ба неруи мухолифи ҳокимияти марказӣ табдил ёфтанд, зеро ҳокимияти марказӣ акнун имтиёзҳои ашрофи низомиро маҳдуд менамуд. Дар ин вазъият, ба ақидаи Медведская, низомиён ашрофро дастгирӣ намуда, бо сарнагун намунаи сулолаи ҳоким боз дар муддати ду қарни дигар ҳукмронӣ намуданд. Ҳахоманишиён дар тули ҳукмронии худ барои таҳти назорати худ нигоҳ доштани доираҳои ҳукмрони ашрофу низомиён маблағу сарватҳои зиёд сарф менамуданд.

Дар барпо ва васеъ намудани давлати порсҳо нақши Куруши Кабир ниҳоят бузург аст. Истеъдоди нотакрори лашкаркашӣ ба Куруш имкон дод дар муддати кутоҳи таърихӣ, пас аз шикаст додани давлати Модҳо, соли 546 то милод давлати Эломро тасхир намуда, шоҳи Лидӣ Крезро сарнагун сохт ва соли 539 Бобулро фатҳ намуд. Вориси тахти ӯ Камбуҷийаи II (Kambūjiya II, ҳукмронӣ солҳои 530-522 то м.) тавонист Мисрро фатҳ намуда, таҳти ҳокимияти порсҳо қарор диҳад.

Ба ақидаи аксари муаррихони аҳди қадим, аз ҷумла, Ҳеродот сабаби асосии муваффақият ва дастовардҳои беназири Куруши Кабир, дастгирӣ,

обрӯй ва эътибори беназири бунёдгузори абардавлати порсҳо дар байни ҳамқавмонаш буд. Маҳз ҳамин муносибати самимона ва эътибори баланди Куруши Кабир дар байни порсҳоро Ҳеродот дар таърихномаи худ борҳо таъкид намудааст. Муқоисаи шахсияти шоҳони ҳахоманишӣ, ки Ҳеродот намудааст, ҷолиб аст: вай муносибати Куруш ба ҳамқавмонашро баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки дар аҳди Куруш ва Камбуҷӣ ба поси хизмати қабилаи порсҳо аз пуштибонӣ дар раванди ба даст овардани ҳокимият, порсҳо аз иҷрои андозу пардохтҳои давлатӣ озод буданд. Ҳеродот дар мавриди танзими умури давлатдорӣ, бахусус ҷамъоварии андоз дар аҳди Дорои I ёдовар шуда, низоми давлатдории ӯро бо замони Куруши Кабир қиёс намуда менависад: «Дар аҳди ҳукмронии Куруш ва баъд дар замони Камбуҷӣ ҳеҷ навъ пардохтҳои ҳатмӣ ҷорӣ нагардида буд, танҳо ҳадяҳои ихтиёрӣ вуҷуд доштанд. Барои ҷорӣ намудани андозу дигар пардохтҳо дар Порс мегуфтанд, ки Доро майдатоҷир, Камбуҷӣ – ҳоким, Куруш бошад – падар буд, зеро Доро тамоми кишварро шабеҳи тоҷирон, Камбуҷӣ – золим ва мағрур, Куруш бошад раҳмдил буд ва барои ҳама неъматҳо мардум аз ӯ сипосгузор буданд» [3, с. 167]. Ҳеродот дар мавриди мақоми Куруш ва нақши ӯ дар соҳибдавлат гардонидани порсҳо борҳо таъкид менамояд, ки Куруш «наҷотбахш»-и порсҳо дониста шуда буд, зеро онҳоро аз «бандагии модҳо» озод намуда, онҳоро «соҳибихтиёр» намуда буд [3, с. 78]. Ба ақидаи Ҳеродот маҳз барои ҳамин ва дигар хидматҳои беназир порсҳо бояд аз Куруш беҳад сипосгузор бошанд.

Сабаби дигари ба пирӯзӣ анҷом ёфтани муборизаи қабилаҳои порсҳо бо сарварии Куруши Кабир барои озодӣ ва барпо намудани давлати мустақил, ба ақидаи Ксенеофонт дар вижагии ташкили ҳаёти иҷтимоии қабилаҳои порс буд. Ксенофонт дар мавриди анъанаи таърихӣ ва вижагии ташкили низоми давлатдории порсҳо маълумоти ҷолиб меорад. Ин вижагиро Ксенофонт ҳамчун мушоҳидакор инъикос намуда, дар асл аз тартибу муқарраррот ва расму русуми дар байни қабилаҳо ва ҷомеаи порсҳо

маъмулбуда хабар медиҳанд, ки дар маҷмуъ дар ташкили ҳаёти иҷтимоӣ ва давлатӣ нақши ҳалкунанда доштанд.

Ба қавли ӯ шумораи порсҳо тақрибан саду бист ҳазор буда, қонунҳо барои дастрасӣ ба иззату икром ва мансабҳои баланд ба касе аз онҳо маҳдудият эҷод намекунанд. Ксенофонт таъкид менамояд, ки ба ақидаи порсҳо адолат танҳо он замоне фаро мерасад, ки ҳама ҳуқуқи баробар дошта тавонанд [11, с. 15]. Маҳз барои ҳамин, ҳама фарзандони порсҳо дар мактабҳои ҷамъиятӣ (ройгон) зери дасти муаллимони давлатӣ таҳсил намуда, дар он ҷо адолат меомӯзанд. Фарзандони дар мактаб таҳсилнамуда, бо расидан ба синни камолот метавонанд мақоми эфеб – «ҷавони ба балоғат расида»-ро гиранд [11, с. 10]. Баъд аз хатми таҳсил дар мактабҳо эфебҳо дар давоми даҳ сол дар ҳифзи муассисаҳои давлатӣ хизмат намуда, истифодаи тамоми анвои аслиҳаро аз худ менамоянд. Шахсони дар чунин мактабҳо таҳсилнакарда ба чунин мартаба расида наметавонанд.

Эфебҳои уҳдадориҳои ба зимма гузоштаро иҷронамуда ба қатори «мардони калонсол» ворид мешаванд, вале агар эфеб набошанд, ба мақоми марди калонсол расида наметавонанд. Мардони калонсоли аз уҳдаи вазифаи вогузоргардида баромада, ба қатори куҳансолон дохил мешаванд, яъне унвони ифтихории куҳансолро танҳо мардони хидматнишондода ва дорои хислатҳои беҳтарин соҳиб мешуданд. Дар ин муддат мардони калонсол дар хидмати давлату ҷомеа ва мардум ҳастанд. Дар охир Ксенофонт ба чунин хулоса меояд: «Чунин аст низоми давлатдории порсҳо, ки ба ақидаи онҳо беҳтарин шаҳрвандонро тарбия менамояд» [11, с. 10].

Ҳамин шеваҳои анъанавии ташкили ҳокимияти иҷтимоӣ дар байни қабилаҳои порс, пас аз табдил ёфтани давлати онҳо ба империяи ҷаҳонӣ, густариш ёфта, дар ташкил ва устувор гардидани низоми давлатдории онҳо нақши муҳим бозиданд. Шеваи идораи давлати Ҳахоманишиён аз оғоз ба ҳеҷ ваҷҳ бо усули юнониҳо ва румиҳо шабоҳат надошт, зеро дар низоми давлатдории онҳо мардумони сарзаминҳои истилогардида маҷбур

буданд худро ба фарҳанги ғолибон созгор созанд ва дар ҳаёти дохилии давлат муштарак саҳм дошта бошанд. Ин амр бештар сабаби он мегардид, ки мардуми сарзаминҳои истилогардида, ки расму фарҳанги онҳо бо қавми ҳоким мухолиф буд, худро ба дараҷаи онҳо мерасониданд. Вазъи замони Куруш ва Дориюш аз ин тафовут дошт. Сарфи назар аз сатҳи фарҳанги мардумони сершумор, шоҳону мардумони сарзаминҳои ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохилшуда – Байнаннаҳрайн, Сурия, Миср, Осиёи Хурд, шаҳрҳо ва ҷазираҳои юнонӣ, Осиёи Марказӣ ва қисми шимолии Ҳинд, аз фарҳангу тамаддунҳои қадими худ фарҳанги муштараки хосси ҳахоманиширо ба вуҷуд оварданд. Бино бар истиқлоли мардумони сокини давлат дар ҳаёти дохилӣ дар замони Куруш ва сиёсати оқилонаи Доро фарҳангҳои қадими мардумони мухталиф маҳфуз монданд ва дар таъмини субот ва истиқрори ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии империяи Ҳахоманишиён нақши муҳим бозиданд. Ба ақидаи Р. Гиршман: «Омилҳо ва заминаҳо дар давраи кутоҳи таърихӣ бавуҷудомада имкон фароҳам оварданд, ки Ҳахоманишиён аз шоҳии начандон калон, ки дар минтақаи ҷанубу ғарби Эрон барпо ёфта буд, тадриҷан ба шоҳаншоҳӣ ва империяи бузурги аҳди қадим табдил ёбанд» [74, с. 134].

Ҳахоманишиён бо мақсади аз байн бурдани мухолифати мардумони сарзаминҳои истилогардида саъй менамуданд барои ҳаёти дохилии мардумони хшатраҳои мухталифи империя шароити мусоиди иқтисодӣ ва фарҳангӣ фароҳам созанд. Барои ин Ҳахоманишиён дар асл сохторҳои анъанавии идориро дар ин сарзаминҳо нигоҳ дошта, ба онҳо ба истилоҳи имрӯза «низоми худмухторӣ»-ро доданд. Дар баробари ин, Ҳахоманишиён қавмҳои дар замони ҳукмронии давлатҳои қаблӣ маҷбуран муҳоҷиршуда, аз ҷумла, яҳудиёнро озод намуда, дар баргардонидани онҳо ба маҳалли сукунаташон мусоидат намуданд.

Муҳаққиқи таърихи Эрони бостон П. Бриан бар «Хилофи ақидаи паҳнгардида дар бораи ба вуҷуд омадани заминаҳои ташкили давлати абарқудрати порсҳо дар замони Дорои I таъкид менамояд, ки аксари

ниҳодҳои давлатии империя дар замони ҳукмронии Куруши Кабир ва Камбуҷӣ ташкил ёфта буданд» [140, с. 175].

Сиёсати таҳаммулпазиронаи Куруши Кабир на танҳо боиси боло рафтани қудрати давлат, балки болоравии обруй ва эътибори шоҳи порсҳо дар байни халқҳои истилошуда гардид: порсҳо Курушро «падар» мехонданд, бобулиҳо «фиристодаи худои Мардук» ва яҳудиёни аз банди шоҳи Бобул озодгардида – «нузули худои Яҳво» ва юнониён бошанд ӯро ҳамчун бунёдгузори бузургтарин давлати дунё ва ходими намоёни давлатӣ медонистанд. Бинобар маълумоти Масъудӣ ва Балхӣ ҳанӯз аз замони лашкаркашии шоҳи Бобул Набонид ба шарқ порсҳо бо яҳудиён робитаи наздик дошта, ашрофи порс ба духтарони яҳудӣ издивоҷ менамуданд ва сабаби муносибати таҳаммулпазиронаи Куруш нисбат ба онҳоро дар ҳамин медонанд [бештар ниг.: 14; 7]. Бар хилофи шоҳони давлатҳои қаблӣ, Ҳахоманишиён бо муносибати таҳаммулпазиронаи худ нисбат ба урфу одат, бахусус эътиқоди мазҳабии дигарон ва барқарор намудани ибодатгоҳҳои онҳо, дар байни аҳолии кишварҳои ҳамсоя ва мардумони тобеъгардида мақому манзалати калон доштанд.

Дар васеъ гардидани ҳудуди давлати порсҳо ва ташкилёбии давлати абарқудрати онҳо анъана ва усулу оини давлатдории Модҳо, ки дар навбати худ аз низомҳои қаблии вуҷуддошта мерос гирифта буданд, нақши муҳим бозиданд. Дар баробари ин, дар ташкили низоми давлатдории порсҳо нақши низоми давлатдориҳои Ошур, Лидӣ ва Бобул низ муассир буд, ки мардумони дар ҳайати ин давлатҳои қадим дар гузашта шомил буда, дар истиқрори низоми давлатдории порсҳо мусоидат намуданд.

Сарвари давлати Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи сохти давлатдории Ҳахоманишиён ба андешаи файласуфи намоёни олмонӣ Ҳегел муроҷиат менамоянд, ки ӯ «мардуми эрониро нахустин миллати таърихӣ шуморида, подшоҳии Ҳахоманишиёнро нуқтаи шуруи таърихи ҷаҳонӣ донистааст» [21, с. 101].

Бунёдгузори абарқудрати порсҳо – Куруши II (Куруши Кабир, Kuruš II, ҳукмронӣ солҳои 559-530 то м) дар ибтидо шоҳи қабилаҳои посоргодҳо (порсҳо) буда, тахти ҳокимияти шоҳони Мод қарор дошт ва баъд аз исён ба муқобили Астиаг соли 550 то м. ба пирӯзӣ расид. Дар натиҷаи кишваркушоиҳои Куруш пас аз фатҳи Мод, соли 549 то м. шоҳии Элом тобеъ гардида, солҳои 548-547 то м. Порту Гиркания, соли 546 то м. Лидӣ ва соҳили ғарбии Осиёи Хурд ва солҳои 545-539 то м. мардумону сарзаминҳои шарқи эронӣ ва осиёи марказӣ – Дрангиана, Марғиён, Хоразм, Суғд, Бохтар, Арея, Саттагия, Арахосия, Гандҳара ва қисме аз минтақаи сукунати қабоили сакоиро истило намуд. Соли 539 то м. Бобул фатҳ гардид. То соли 526 то м. минтақаи байни Бобул ва Миср истило гардида, соли 525 то м. Камбуҷӣ Мисрро тобеи Ҳахоманишиён сохт ва юнониҳои Киренаика ва лидиёиҳо ихтиёран тахти тобеияти порсҳо даромаданд. Ҳамин давра ҷазираи Кипр тобеи порсҳо гардид. Солҳои 519-512 то м. порсҳо дар самти ғарбӣ Фракия ва Мақдунӣ ва дар самти шарқӣ шимолу ғарби Ҳиндро тасарруф намуданд. Забткориҳои Ҳахоманишиёнро олими намоёни эроншинос М.А. Дандамаев чунин натиҷагирӣ менамояд: дар охири асри VI то м. марзҳои империяи Ҳахоманишиён дар шарқ то дарёи Ҳинд ва ғарб то соҳили бахри Эгей, дар шимол то Арманистон ва дар ҷанубу ғарб то маҷрои ҷанубии дарёи Нил расида буданд [125, с. 95-96]. Ҳамин тариқ, ба ақидаи олими тоҷик Қ. Расулиён, дар аҳди давлати Ҳахоманишиён – бузургтарин давлати ориёиҳои эронитабор вусъати Эронзамин ба ҳадди аълои густариши таърихии худ расида буд [44, с. 58]. Олими рус П.В. Кузенков ташкилёбии абарқудрат (империя)-и Ҳахоманишиёнро намунаи олӣ ва нуқтаи баланди раванди ҳамгироии мардумони Шарқи Наздик медонад ва таъкид менамояд, ки ин вижагӣ ҳатто дар мазмуни унвони фахрии сардори давлат – шоҳ, шоҳи шоҳон, шоҳаншоҳ, шоҳи мамолик ва ғ. инъикос ёфта буд [151, с. 86].

Давраи идораи Куруши Кабир сохтори ҳукумат дар асоси институтҳои бунёднамудаи бобулиҳо ва модҳо фаъолият менамуд.

Ҳамзамон барои таъмини назорати қатъии ҳокимияти марказӣ аз болои фаъолияти ҳокимони маҳаллӣ ва маъмурияту мансабдорони он низоми хосси назоратӣ ташкил ёфта буд, ки натанҳо дар марказ, балки дар хшатраҳо ниҳодҳои худро дошт.

Бояд таъкид намуд, ки низом ва ниҳодҳои давлатии Ҳахоманишиён бар асоси намунаҳои низоми давлатдории бобулӣ ва ошурӣ ташкил ёфта буд. Ба ақидаи олими рус Э.А. Грантовский Ҳахоманишиён на танҳо анъана ва таҷрибаи идоракунии давлатӣ, балки ташкили унсур ва сохторҳои дарбори шоҳӣ ва ниҳодҳои марказии давлатиро аз тариқи ниҳодҳои давлати Модҳо истифода бурданд [118, с. 170].

Олими эронӣ Р. Шаъбонӣ бар он ақида аст, ки дар ташкили давлат ва густариши он ба империя, дар баробари анъана ва таҷриба давлатдориҳои ошуриҳо ва модҳо, нақши расму оин, анъана ва фарҳанги қабилаҳои порс назаррас буд, зеро порсҳо маҳз бо муносибат ва фарҳанги башардӯстона, таҳаммулпазирона, созанда, ҳамраъйӣ бо мардумони ҳамҷавори худ ва муносибати мусолиҳаомез ба расму оин ва фарҳанги мардумони тобеи давлати худ, натанҳо мероси ниёгони худро дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ ва давлатӣ ҳифз намуданд, балки ба ҷаҳониён дастовардҳои беназири фарҳангу тамаддуни худро мерос гузоштанд. Экбатан (Ҳамадон) пас аз фатҳи Куруш мақоми пойтахти давлатро ҳифз намуда, мансабдорони Модҳо вазифаҳои худро идома доданд. Интиқоли қудрат чунон бо роҳи осоишта анҷом ёфт, ки мардумони кишварҳои ҳамҷавор давлати порсҳоро чун давлати модҳо медонистанд [216, с. 25].

Муҳаққиқи аҳди қадим М.М. Дяконов чунин медонад, ки пас аз ташкили давлати Куруши Кабир дар баробари шаҳрҳои Порс шаҳрҳои Бобул, Шом, Финикия ва шаҳр-давлатҳои Осиёи Хурд ҳамчун марказҳои муҳимми иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлати абарқудрати порсҳо боқӣ монданд. Сабаби ҳифз гардидани мақоми ин шаҳрҳоро Дяконов дар он медид, ки ашрофон ва ҳокимони ин сарзаминҳо Ҳахоманишиёнро дар мубориза барои муттаҳид сохтани ҳама кишвару мардумони Шарқи

Наздик ва Миёна дастгирӣ намуданд [137, с. 133]. Новобаста аз он ки дар ҳудуди давлати порсҳо даҳҳо мардумони мухталиф бо расму русум, мазҳаб, забон ва анъана сукунат доштанд, онҳо дар интихоби тарзи зиндагӣ ва ташкили ҳаёти худ озод буда, давлатдорони Ҳахоманишиён афкори мазҳабии худро бар мардумони дигар таҳмил намекарданд ва сохторҳои анъанавии давлатӣ, сулолаҳои ҳокимони маҳаллӣ ва анъанаҳои мазҳабиашонро ҳифз намуда буданд.

Олими шинохтаи тоҷик Н. Ғаффоров дар бораи низоми давлатдорӣ ва вижагии ташкили сохтору ниҳодҳои он чунин менависад: «Давлати ӯ дар доираи усулҳои адолати иҷтимоӣ бунёд гардида, худи ӯ аз миёни шоҳони қадим ҳамчун сарвари адлгустар, таҳаммулпеша, инсонпарвар, боинсоф ва хирадманд шинохта шудааст» [31, с. 211]. Ҳамзамон таъкид мегардад, ки Устувонаи Куруш дар таърихи инсоният чун аввалин санади расмӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон буда, моҳияти башардӯстона дошт ва дар шароити ташкили давлати гуногунқавм озодии мазҳабу эътиқоди диниро кафолат медод.

Ба ақидаи Ксенофонт, Куруш баъд аз фатҳи Бобул дар Устувонаи худ бо мақсади таблиғи аҳдофи худ дар мавриди ташкили низоми давлатдорӣ ба мардумони саросари давлати Ҳахоманишиён муроҷиат намуда, аз номи худ ин ҳадафҳоро равшан эълон медорад: «Вақте ки бе ҷангу ҷидол вориди Бобул шудам, ҳама мардум қудуми маро ба шодмонӣ пазируфтанд. Дар қасри подшоҳони Бобул ба сарири салтанат нишастам. Мардук – худои Бобул дилҳои наҷиби мардуми Бобулро мутаваҷҷеҳи ман кард, зеро ман ӯро муҳтарам ва гиромӣ доштам. Лашкари бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд. Нагузоштам садама ва озоре ба мардуми ин шаҳру ин сарзамин ворид ояд. Вазъи дохилии Бобул ва амокини муқаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, ки ҳеҷ яке аз хонаҳои мардум хароб нашавад. Худои бузург аз ман хурсанд шуд ва ба ман, ки Куруш ҳастам ва ба писарам Камбуҷия ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракати худро нозил кард. Подшоҳоне, ки дар ҳама мамолики олам дар сарзаминҳои худ

нишастаанд, аз дарёи боло то дарёи пойин ва подшоҳони ғарб тамоман хироҷи сангин оварданд ва дар Бобул бар пойҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то Ошур ва Шуш ва Акад… ва ҳамаи сарзаминҳое, ки дар он тарафи Даҷла воқеанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, маобидеро, ки баста шуда буд, бикушоянд. Ҳама худоёни ин маобидро ба ҷойҳои худ баргардондам, то ҳамеша дар он ҷо муқим бошанд. Аҳолии ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва манозили онҳоро, ки хароб карда буданд, аз нав сохтам ва худоёни Шумеру Аккадро беосеб ба қасрҳои онҳо, ки «шодии дил» ном доранд, бозгардондам. Сулҳу оромишро ба тамоми мардум ато кардам» [26, с. 20-21]. Арзишҳои давлатдории Ҳахоманишиён ҳанӯз дар аҳди қадим тавассути равшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ѐфтанд ва дар таҳаввули афкори ҳуқуқӣ ва низоми давлатдории кишварҳои мухталифи ҷаҳон нақши муҳим бозиданд.

Ба ақидаи олими рус И.Ф. Валиуллина Устувонаи Куруши Кабир аввалин санади низоми давлатдорӣ буд, ки дар он истилоҳи «ҳуқуқ» истифода гардида буд. Устувона чанд ҳуқуқи бунёдии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқи озодии эътиқод, ҳуқуқ ба ҳаёт ва ғ.-ро эълон намуда, меҳнати маҷбурӣ ва ғуломиро барҳам медод [110, с. 54].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки сохтору ниҳодҳои бунёдии давлат ва минбаъд давлати абарқудрат (империя)-и Ҳахоманишиён ҳанӯз дар замони Куруши Кабир ва Камбуҷӣ асос гузошта буданд. Далели асосии чунин хулосабарорӣ дар он аст, ки Ҳахоманишиён дар тули бештар аз як қарн таҳти итоати давлати модҳо қарор доштанд ва қабл аз ин сарзамини сукунати қабилаҳои порс таҳти ҳокимияти давлати Ошур буд. Аз ин ҷо табиист, ки порсҳо на танҳо аз таҷрибаи давлатҳои қаблӣ баҳра гирифтанд, балки пас аз ташкили давлати худ ва истилои сарзаминҳо ниҳодҳо ва сохторҳои қаблиро ҳифз намуданд. Хусусияти ташкили низоми давлатдории Ҳахоманишиён дар аҳди Куруш ва Камбуҷӣ дар он буд, ки дар баробари сохторҳои анъанавии идории порсҳо, ки аз ошуриҳову модҳо мерос гирифта буданд, ниҳодҳои анъанавии мардумони сарзаминҳои

истилогардида – Бобул, Миср, Лидӣ, шаҳр-давлатҳои соҳилии Осиёи Хурд ва мардумони Хоразму Суғд ва Бохтар ва ғ. боқӣ монда буданд.

Дар ин маврид метавон ба китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» муроҷиат намуд, ки дар он омадааст: «Усулхои идоракунӣ ва низоми коргузории империяи Хахоманишиён, ки дар тули беш аз дусад сол яке аз бузургтарин империяҳои ҷаҳонӣ буд, аз тамаддун ва рисолати давлатдории ориёӣ сарчашма гирифта, назар ба ҳамаи системаҳои идоракунии давлатҳои пешгузаштаи Машриқзамин – Мисру Бобул, Ошуру Мод, Бохтару Суғд ва ғайра афзалияту бартариҳо дошт» [23, с. 150].

Куруши Кабир ва Камбуҷӣ дар баробари истилои сарзамину кишварҳо ба ташкили низоми давлатдорӣ – ҳокимияти марказӣ ва сохторҳои он дар хшатраҳо ва сарзаминҳои ишғолгардида аҳаммияти хосса медоданд. Низоми давлатдории дар замони Курушу Камбуҷӣ ташаккулёфта, аз ниҳодҳои марказии ҳокимияти давлатӣ – шоҳаншоҳ ва дарбори олии ӯ ва сохторҳои маҳаллии ҳокимият иборат буд. Ҳокими олӣ ва мутлақ шоҳаншоҳ буда, мансаби олии давлатӣ танҳо дар ихтиёри авлоди Ҳахоманишиёни қабилаи порс буд. Мансаби шоҳаншоҳӣ меросӣ буда, аз як насл ба насли дигар мегузашт ва дар сурати вуҷуд надоштани ворherси тахт, мутобиқи қарори аъёну ашрофи порсҳо ба сулолаи дигар ва ё ба наздикони шоҳаншоҳ, аз ҷумла бародарону ворисони онҳо мегузашт. Маросими ба тахти шоҳаншоҳӣ нишастан ва тоҷгузорӣ бо риояи анъанаҳо ва расму оинҳои ташаккулёфтаи порсҳо бо шукӯҳу шаҳомати хосса дар Посоргод доир мегардид.

Шоҳаншоҳ ҳокимияти номаҳдуд дошт, яъне ҳокими мутлақ буда, дар қабули ҳукму қарор оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа марҷаи ниҳоӣ маҳсуб меёфт ва қарораш тағйирнопазир буд. Ҳамзамон барои омода намудани қарор доир ба ин масъала дар назди дарбори шоҳаншоҳӣ аз ҳисоби аъён ва ашрофи қабилаҳои порс, хешу табор ва наздикони шоҳ шуро амал менамуд. Дар мавриди зарурӣ, қабл аз қабули қарори муҳим оид ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии

давлат шоҳаншоҳи Ҳахоманишиён метавонист бо аъзои шуро машварат намояд. Шоҳаншоҳ метавонист тасмими аъзои шуророро ба инобат гирад, вале дар ҳама ҳолат, қабули қарори ниҳоӣ ба азму иродаи шоҳаншоҳ вобаста буд.

Барои ҳифзи ваҳдати байни сарзаминҳои васеи ҳудуди давлати порсҳо тибқи ислоҳоти сохти давлатдорӣ дар замони ҳукмронии Дорои I хшатраҳо метавонистанд сохти маъмулии идоракунии худро нигоҳ дошта, дар ташкили умури дохилӣ озод буданд, дар ҳоле ки бо меъёру муқаррарот ва қонунҳои ҳокимияти марказӣ мухолифат надоштанд. Мардумони сарзаминҳои кишвар бояд ба қонунҳои давлати Ҳахоманишиён итоат менамуданд: «Дорошоҳ гӯяд: дар ин кишварҳо шахсе вафодори ман буд, ӯро подоши сазовор додам. Бо хоҳиши Аҳурамаздо ин кишварҳо аз рӯйи қонуни ман рафтор намуданд. Он чи аз тарафи ман гуфта шуд, онҳо чунин карданд» [8, с. 87].

Мушкилоти асосии ташкили умури давлатдорӣ аз он иборат буд, ки баъзе халқҳои кишвар, масалан бобулиҳо ва қабилаҳои ориёӣ ба мутамарказ сохтани умури давлатдорӣ ва меросӣ будани ҳокимият мухолифат намекарданд ва аз таҷрибаи далатдории порсҳо истифода мебурданд, вале дар хшатраҳои ғарбӣ ҷорӣ намудани чунин меъёрҳо дар ҳаёти дохилии сарзамини худ ба муқобилият дучор мегаштанд [89, с. 119-120].

Дар бораи васеъшавии давлати Ҳахоманишиён аз давлат ба империяи ҷаҳонии порсҳо тағйирёбии унвони шоҳони сулолаи Ҳахоманишиён низ шаҳодат медиҳад. Унвони сардори давлат – «шоҳ» дар сарчашмаҳои порсии қадим «хшаяатия» (xšāyaθiya) омада аст, вале ба ақидаи М.М. Дяконов, дар ибтидо он маънои васеъ дошта, дар баробари унвони ҳокимон метавонист ба сулолаи ашроф ва пешвоёни қабилаҳои порс тааллуқ дошта бошад [137, с. 80]. Дар замони ташкили давлати абарқудрат – империя бошад, шоҳони ҳахоманишӣ унвони «хшаяатия вазрака, хшаяата хшатяатияанам» (xšāyaθiya vazraka, xšāyaθa xšāyaθiyānām) – «шоҳи бузург,

шоҳи шоҳон»-ро дошта, унвони пурраи шоҳони порс чунин будааст: xšāyaθiya : vazraka : xšāyaθa: xšāyaθiyānām : xšāyaθiya : dahyūnām– «шоҳ, шоҳи бузург, шоҳи шоҳон, шоҳи мамолик» [8, с. 87]. Унвони «шоҳи шоҳон» дар катибаҳои давраи ҳукмронии Дорои I зиёд дучор меояд. Олими рус А.И. Иванчик бар он ақида аст, ки дар тобеияти «шоҳи шоҳон» ашхоси дорои унвони «шоҳ» дошта низ буданд. Эҳтимол меравад, ки то замони кишваркушоиҳои Куруши Кабир чандин ҳокимон унвони «шоҳ»-ро доштанд [140, с. 177].

Тадриҷан бо васеъшавии ҳудуд ва таҳаввули сохти давлатдорӣ моҳият ва мазмуни унвони шоҳони империяи Ҳахоманишиён васеътар мегардид, ки аз болоравии эътибору манзалат ва васеъшавии ҳудуди фармонравоии онҳо шаҳодат медод. Дар катибаҳои ба аҳди Хшаярша (Хашоёршо)-и I (Xšayāršā I, солҳои ҳукмронӣ 486-464 то м.) унвони шоҳаншоҳ чунин омадааст: xšāyaθiya : vazraka : xšāyaθiya : xšāyaθiyānām : xšāyaθiya : dahyūnām : paruv : zanānām : xšāyaθiya : ahyāyā : būmiyā : vazrakāyā – «шоҳ, шоҳи бузург, шоҳи шоҳон, шоҳи кишварҳои ҳама мардумон, шоҳи сарзамини бузург ва паҳновар».

Олими белорусӣ Ю. С. Кухарчик яке аз сабабҳои тағйирёбӣ ва таҳаввули мазмуни унвони шоҳаншоҳони Ҳахоманишиёнро аз он медонад, ки дар натиҷаи забткориҳои порсҳо ҳудуди кишвар васеъ гашта, мардумону халқҳои гуногун ба ҳайати он дохил мешуданд ва бар асоси сиёсати таҳаммулпазиронаи порсҳо нисбат ба онҳо, ҳатто дар мазмуни унвони расмии худ ин воқеиятро ба инобат мегирифтанд [153, с. 93]. Дар раванди васеъшавии ҳудуди давлати порсҳо, масалан мардумони хшатраҳои шарқӣ ба сифати табаа ва фармонбардори шоҳ, ки пурра тобеи шоҳаншоҳӣ буданд ва ё ба сифати иттифоқчии давлати Ҳахоманишиён дохил мешуданд. Дар ин раванд манфиати ҳокимияти олӣ тақозо менамуд, ки сулолаҳо ва ашрофи маҳаллӣ таҳти фишор ва назорати қатъии ҳокимияти марказӣ мебуданд, вале дар амал шоҳони порсҳо аз сохторҳои анъанавӣ ва расму оин ва арзишҳои мазҳабӣ истифода менамуданд.

Шоҳони Ҳахоманишиён «бо дарназардошти анъанаҳои ташаккулёфтаи давлатдории мардумони сарзаминҳои тобеъгардида, солшуморӣ ва расму оини онҳо маросими ба тахт нишастанро барпо менамуданд» [127, с. 108].

Ошӯбҳои оммавии дар давлати Ҳахоманишиён дар солҳои 522-521 то м. пас аз марги Қамбуҷӣ сар зада барои низоми давлатдорӣ санҷиши ҷиддӣ гардиданд. Дар натиҷаи ба мувофиқа расидани ашрофу намояндагони сулолаи ҳукмрон тоҷу тахти Ҳахоманишиён ба ихтиёри Дорои I гузашта, раванди ба эътидол овардани вазъият дар гӯшаву канорҳои мамлакат бо мушкилоти зиёд дучор гардида буд. Ҳамзамон оғози ҳукмронии Дорои I оғози марҳилаи нави рушди давлатдории Ҳахоманишиён гардид.

Пас аз соли 518 то м. Дорои I ба амалӣ намудани ислоҳоти низоми давлатдорӣ иқдом намуд, ки натиҷаи онҳо ташкили низоми босуботи давлатӣ, таъмини назорати давлатӣ аз болои фаъолияти ҳокимони маҳаллӣ, ба вуҷуд овардани тартиби ҷамъоварии андозҳо ва тақвият додани иқтидори низомии мамлакат буд. Дорои I барои рафъи буҳрони низоми давлатдорӣ ва аз байн бурдани майли марказгурезӣ ва ҷудоихоҳӣ низоми идораи давлатро навсозӣ намуд, ки он то охири мавҷудияти давлат қариб тағйир наёфт.

Моҳияти ислоҳоти низоми давлатдории Ҳахоманишиён дар аҳди Дорои I-ро эроншиноси намоён Ричард Фрай чунин шарҳ дода буд: «Ислоҳоти маъмурии Доро тафовути ҷиддии байни сатрапияҳо ва сарзаминҳои шоҳони тобеъро нигоҳ медошт. Ҷорӣ намудани низоми андозситонӣ падидаи нав буд. Ҳар сатрапия ҳамасола бояд миқдори таъйиншудаи андозҳоро бо тиллову нуқра пардохт намуда, мулкҳои тобеъ бошад маҷбурияти муайянро иҷро менамуд, ки бештар на дар шакли филиззоти гаронарзиш, балки дар шакли маҳсулот мепардохтанд» [210, с. 150].

Давлати бузурги Ҳахоманишиён ба воҳидҳои маъмурӣ – хшатраҳо тақсим шуда буд, ки ҳокимони онҳо дар идораи онҳо ва ҳалли масоили дохилӣ салоҳиятҳои калон доштанд. Мансаби ҳокимони хшатра

(сатрапия)-ҳо – хшатравапан (сатрап)-ҳо мутобиқи маълумоти Ҳеродот бори аввал дар замони ҳукмронии Дорои I ташкил дода шуда буд, вале эҳтимол меравад ҳанӯз дар давлати Модҳо ва бешубҳа аз оғози ҳукмронии Ҳахоманишиён вуҷуд доштааст. Мутобиқи ислоҳоти Дорои I сатрапҳо аз ваколатҳои низомӣ маҳрум шуда, умури низомӣ ба уҳдаи низомиёни хосси бевосита тобеи шоҳаншоҳ вогузор гардид.

Чунин вазъият шоҳро водор менамуд бо нухбагони сиёсӣ, ки намояндагони ашрофи иттиҳодияҳои қавмӣ буданд, созиш намояд. Бояд зикр намуд, ки дар аҳди ҳукмронии Дорои I тартиби меросгузории тоҷу тахт ҳанӯз муайян нашуда буд ва ин ҳолат аз маҳдуд будани ҳокимияти шоҳ бинобар омилҳои мухталиф далолат дошт ва ба ақидаи В.П. Орлов ҳамзамон «аз нигоҳ доштани имтиёзи зиёди ашрофи маҳаллӣ шаҳодат медод» [176, с. 784].

Сатрапияҳо аз вилоятҳои хурдтар иборат буданд, ки ҳокимони онҳоро низ сатрап меномиданд. Шояд аз ҳамин сабаб аст, ки сарчашмаҳои мазҳабии яҳудиён дар бораи 120-127 сатрапияҳо аз Ҳинд то Ҳабашистон маълумот медиҳанд, Ҳеродот бошад дар бораи 20 сатрапияҳо ва қариб 70 қавму халқҳо ва катибаи Беҳисутун дар бораи 23 «мамлакат» хабар медиҳанд [133, с. 59].

Ба назари мо дар ибтидои ташкил ёфтани давлати Ҳахоманишиён тафовути теъдоди сатрапияҳо дар сарчашмаҳои гуногун аз васеъ гардидани ҳудуди кишвар дар натиҷаи лашкаркашиҳо ва ё гузаронидани ислоҳоти низоми идорӣ вобаста буд, ки дар натиҷаи онҳо ҳудуди воҳидҳои маъмурӣ ва мақом ва шумораи онҳо зуд-зуд тағйир меёфт. Илова бар ин дар як қатор минтақаҳо воҳидҳои маъмурии қаблӣ, масалан дар Миср воҳидҳои маъмурӣ-идоравии анъанавӣ – номҳо боқӣ монда буданд. Назорат ва роҳбарии дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои маъмурии он ба уҳдаи ҳазорапат (порсии қадим – hazarapatiš – «сардори дастаи ҳазорнафарӣ») буда, ӯ ҳамзамон сардори сипоҳи муҳофизони шоҳ ва раиси дафтари марказии шоҳ маҳсуб меёфт [133, с. 70-71].

Метавон ба хулоса омад, ки ҳокимияти марказӣ бо сарварии шоҳ бо мақсади пешгирии амалҳои марказгурезонаи ашрофон ва ҳокимони маҳаллӣ сиёсати мустаҳкам намудани мавқеи худро амалӣ менамуд, вале аз сабаби вуҷуд надоштани тартиб ва муқаррароти расмии таҷзияи салоҳиятҳои идораи давлат ба ихтилофу зиддият дучор мегардид. Дар чунин вазъият дар ихтиёри сатрапҳо боқӣ мондани масъулияти низомӣ ва теъдоди зиёди лашкар барои муттамарказ гардонидани давлат ва таъмини амният хатар дошт.

Баъд аз аҳди Дорои I раванди истилои сарзаминҳои нав заиф гардида, ошӯбҳои пай дар пай боиси аз ҳайати давлат ҷудо ва аз нав ҳамроҳ шудани баъзе хшатраҳо мегардид, масалан хшатраи Миср борҳо ба чунин вазъ дучор омада буд. Ҳамзамон тағйирёбии ҳудуди хшатраҳои гуногун дар натиҷаи муттаҳид намудани чанд хшатра васеъ ва ё ба чанд воҳиди маъмурии хурд тақсим мешуданд. Ба таври умум, дар ин марҳила раванди кам шудани ҳудуди хшатраҳо ва зиёд гардидани теъдоди онҳо то давраи аз байн рафтани давлат идома дошт. Аз ҳамин сабаб, дар охири давраи ҳукмронии Дорои I шумораи воҳидҳои маъмурии давлат аз давраи аввали ба сари ҳокимият омаданаш бамаротиб зиёд гардида буданд.

Дар бораи сабабҳои таназзули давлатдории Ҳахоманишиён маълумоти зиёд дар сарчашмаҳои юнонӣ мавҷуд аст. Империяи бузург, ки дар натиҷаи кишваркушоиҳои Куруши Кабир, Камбуҷӣ ва Дорои I ташкил дода шуда буд, баъд аз аҳди Доро ва Хшаяршаи I (Xšayāršā I, ҳукмронӣ солҳои 486-464 то м.) рӯ ба таназзул ниҳод. Ба ақидаи Ричард Фрай яке аз сабабҳои асосии заиф гардидани иқтидори давлати Ҳахоманишиён шикаст хӯрдани артиши порсҳо дар муҳорибаҳои назди Марафон, Саламин ва Платея буд, ки паёмади онҳо аз даст рафтани мулкҳои забткардаи Доро дар сарзаминҳои аврупоӣ ва заиф гардидани таъсири порсҳо дар мулкҳои ҷанубии нимҷазираи Осиёи Хурд гардид [210, с. 168].

Сабаби дигар сар задани исёну ошӯбҳо дар гӯшаву канори мухталифи давлат буд. Хшаяршаи I солҳои 468-466 то м. бо қувваи зиёди низомӣ

ошӯби мардуми Мисрро пахш намуд ва ба ақидаи Ҳеродот (VII, 7) порсҳо нисбат ба давраи Доро «юғи вазнинтари ғуломӣ»-ро ба гардани мисриён бор намуданд [3, с. 375]. Шоҳаншоҳи порсҳо аз амали мисриён норозигии худро дар он баён намуд, ки дигар худро меросбари ҳокимияти фиръавнҳо намедонист ва нисбат ба фарҳангу мазҳаби онҳо эҳтиром намегузошт. Ҳамин гуна сиёсати қатъӣ нисбат ба Бобули исёнбардошта пешгирифта шуд, ки боиси заиф гардидани таъсири фарҳангии бобулиён дар байни халқҳои дигар гардида буд. Дар ниҳоят пас аз шикаст аз юнониён Хшаяршаи I тамоми саъй ва кӯшиши худро ба умури дохилӣ – сохтмони Тахти Ҷамшед ва боло бурдани нақши дарбори шоҳаншоҳӣ дар умури давлатдорӣ бахшид, вале соли 465 то м. дар натиҷаи сӯйиқасди дарбориён кушта шуд.

Ба ақидаи В.П. Орлов аъёну ашроф ва нухбагони сулолаи Ҳахоманишиён дар сар задани бесуботи сиёсӣ дар кишвар саҳми худро гузоштанд. Намояндагони сулолаҳои мухталифи порс дар хшатраҳои мамлакат мансабҳои баландро ишғол намуда, дар ҷамъоварии сарват ва мустаҳкам намудани неруи низомии худ дар асар маврид бо шоҳаншоҳ ва мансабдорони дигари дарбори шоҳӣ «мусобиқа» менамуданд, ки дар натиҷа имкониятҳои иқтисодии давлати Ҳахоманишиён ниҳоят заиф мегардиданд [178, с. 23]. Натиҷаи чунин рақобати носолим байни ҳокимияти марказӣ ва ҳокимону нухбагони маҳаллӣ бесуботии тулонӣ, буҳрони ҳокимият, муборизаи байнисулолавӣ ва коҳиш ефтани обрӯй ва эътибори шоҳу ҳокимияти марказӣ буд, ки ниҳоят боиси фалаҷ гардидани умури давлатдорӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи иллатҳои таназзули империяи Ҳахоманишиён бар ноуҳдабароии шоҳаншоҳон ишора намуда, таъкид менамояд: «Саромадони империяи Ҳахоманишиён Куруши Кабир ва Дорои I ба идоракунии давлат ва лашкаркашию кишваркушоиҳо бевосита машғул шуда бошанд, ворисони онҳо тақдири давлату давлатдориро ба ихтиёри хоҷасароёни иғвогар ва

сарлашкарони беҳунар гузошта буданд. Ворисони баъдинаи Хашиёршоҳ низ ба ӯ пайравӣ намуда, ба идоракунии кишвар ва лашкаркашиҳо аҳён-аҳён дахолат мекарданд» [23, с. 153]. Шоҳони баъдӣ новобаста аз идомаи ҷанг бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла бо Юнон шахсан дар лашкаркашиҳо ширкат намекарданд ва пойбанди моҷароҳои дарборӣ буданд.

Омили аз ҳама харобиовар барои давлатдории Ҳахоманишиён болоравӣ, қувват гирифтани иқтидори низомӣ ва таъсири давлати Мақдуния дар нимҷазираи Балкан буд. Соли 360 то м. ба тахти Мақдуния Филиппи II нишаста дар тули 20 сол шаҳрҳои Юнон ва шаҳр-давлатҳои соҳилӣ дар нимҷазираи Осиёи Хурдро истило намуда, ба марзҳои давлати Ҳахоманишиён наздик гардид. Соли 336 то м. лашкари Юнон таҳти фармондеҳии сарлашкари моҳир Парменон ба Осиёи Хурд фиристода шуда буд, ки ба ақидаи М.А. Дандамаев мақсади он «озод намудани шаҳр-давлатҳои юнонӣ аз ҳукмронии порсҳо» буд. Пас аз марги шоҳи Мақдуния Филипп писари 20 солааш Александр ба сари ҳокимият омад ва барои ҷанг ба муқобили давлати Ҳахоманишиён ду сол омодагии низомӣ дид. Соли 334 то м. мақдуниҳо барои қасос гирифтан аз бедодгариҳои Хшаяршоҳ ба муқобили порсҳо лашкар кашиданд.

Ғалаба дар муҳорибаи нахустин дар соҳили дари Граник ба мақдуниҳо имкон дод, ки бандарҳои атрофи баҳри Эгейро забт намуда, пойгоҳҳои киштиҳои баҳрии порсҳоро аз байн баранд. Баъд аз шикаст дар муҳорибаи назди Исса лашкари мақдуниҳо сарзаминҳои васеъро то шаҳри Димишқи ҳозира забт намуда, қисми зиёди хазинаи шоҳи порсҳо – 2600 талант тиллову нуқраро ба даст биёранд. Дар муддати кутоҳ Александр Мисрро забт намуда, боз ба самти шаҳрҳои марказии Эрон ҳамла намуд. Пирӯзӣ дар муҳорибаи Гавгамела тақдири давлати Ҳахоманишиёнро ҳал намуд. Баъд аз ин муваффақияти мақдуниҳо муқовимати артиши порсҳоро аз байн бурда, дар ниҳоят ба мавҷудияти бузургтарин давлати эрониён хотима гузоштанд.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулоса омад, ки иттиҳоди қабилаҳои порс аз ташкили давлати қабилавӣ то барпо намудани империяи ҷаҳонии Ҳахоманишиён роҳи тулонии пуршебу фарозро гузашта, бар пояи муносибати таҳаммулпазирона оинҳои хосси давлатдорӣ, фарҳангу анъанаҳои созанда ва арзишҳои баробарӣ, башардӯстӣ ва ҳамҷаворин нек беш аз ду қарн ҳокимият доштанд. Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳо дар ҳудуди соли 700 то милод қабилаҳои порс дар замони таназзули давлати Элом таҳти сарварии пешвои худ Ҳахоманиш (Haxāmaniša) дар минтақаи Парсумаш ҳукумат ташкил дода, номи салтанаташонро бо номи қабила ҳамнаво сохтанд. Дар замони ҳукмронии Чишпиш (Čišpiš, 675-640 то м.) мулкҳои Аншан ва Парса (Порс)-ро ба қаламрави худ тобеъ намуд. Шоҳи порсҳо Камбуҷияи I пойтахти давлатро ба Посоргод интиқол дода, ҳамин қаламрав таҳти ҳокимияташ қарор дошт. Ба бунёдгузори абарқудрати порсҳо – Куруши II (Куруши Кабир, Kuruš II, ҳукмронӣ солҳои 559-530 то м.) муяссар гашт сарзамини Моду Элом, Порту Гиркания, Лидӣ, Бобул ва мардумону сарзаминҳои шарқи эронӣ ва осиёи марказӣ – Дрангиана, Марғиён, Хоразм, Суғд, Бохтар, Арея, Саттагия, Арахосия, Гандҳара ва қисме аз минтақаи сукунати қабоили сакоиро истило намояд. Камбуҷӣ соли 525 то милод Мисрро тобеи Ҳахоманишиён сохт ва юнониҳои Киренаика ва литиёиҳо ихтиёран таҳти тобеияти порсҳо даромаданд. Раванди таҳаввули давлати порсҳо дар замони ҳукмронии Дорои I, пас аз гузаронидани ислоҳоти умури давлатдорӣ бо истиқрори империяи Ҳахоманишиён ба охир расид ва пас аз Доро раванди заиф гаштан ва таназзули абардавлати порсҳо оғоз ёфт.

# БОБИ II. АСОСҲОИ ТАШКИЛИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

## 2.1. Пояҳои ҳокимияти шоҳӣ

Раванди ташаккули давлатдории Ҳахоманишиён солҳои 550-512 пеш аз милодро дар бар гирифта, дар ин муддат Элом, Бобул, Сурия, Финикия, Миср, Осиёи Хурд ва Миёна, мулкҳои ғарбии Ҳинд ва дигар кишварҳо тахти ҳокимияти Ҳахоманишиён қарор гирифтанд. Ҳокимияти шоҳони ҳахоманишӣ дар минтақаи беканор аз Миср то Ҳиндустон ва аз Қафқоз то Халиҷи Форс бар пояи ташкили сезинагии ҳокимият аз поён ба боло – зинаи аввал, сохторҳои маҳаллӣ ва анъанавии иҷтимоӣ-давлатӣ, зинаи дувум, ҳокимияти ниҳодҳои маъмурӣ-сиёсии давлат – хшатраҳо ва ниҳоят зинаи сеюм ҳокимияти марказӣ – шоҳ ва дарбори ӯ асос меёфт. Дарбори шоҳ мақоми олии ҳокимияти иҷроияи империя ба шумор рафта, сохторҳои низомӣ ва мулкӣ, идораи тамоми империя, тақсими захираҳои мавҷуда ва ҷамъоварии андозро назорат мекард.

Ба ин вижагии ташкили давлатдорӣ шарқшиноси намоён М.А. Дандамаев таъкид намудааст: «... дар минтақаҳои гуногуни империяи Ҳахоманишиён низомҳои мухталифи сиёсӣ (шоҳӣ, худидоракунӣ, ашрофи маҳаллӣ ва динӣ) вуҷуд доштанд ва мавҷудияти онҳо на аз хоҳиш ва майлу рағбати ҳокимияти марказӣ, балки бар пояи анъанаҳои таърихӣ ва афкори мардуми минтақа устувор буд» [130, с. 54]. Дар шаҳрҳо, номах (ноҳия)-ҳои мисрӣ, салтанатҳо ва мулкҳои тобеъгардида сулолаҳои дар гузашта ҳоким боқӣ монданд ва шарти асосӣ риояи қонун ва дастгирии ҳокимияти ҳахоманишиён буд. Аз тарафи дигар, вижагии хосси империяи Ҳахоманишӣ аз он иборат буд, ки ҳокимияти шоҳ то давраи Дорои I дар муқоиса бо давлатдориҳои пешини минтақа ҳанӯз хислати истибдодӣ нагирифта буд.

Муҳаққиқони гузашта дар бораи аҳаммияти низоми давлатдории эрониён барои таърихи аҳди қадим, аз ҷумла ба масъалаи муносибати давлати Ҳахоманишиён бо мардумони зертобеъ таваҷҷуҳ намуда, фикру

андешаҳои мухталиф иброз доштаанд. Як идда муҳаққиқони таърихи Шарқи Қадим ва Юнони Қадим дар симои порсҳо истилогарони ҷоҳил, душманони фарҳангу озодӣ ва давлатдории онҳоро пайвасти зулму ситам ва беҳокимиятӣ медонистанд. Эҳтимол меравад ин ақида реша дар осори муаррихони Юнони Қадим дорад, зеро юнониён дар тули асрҳо барои барқарор намудани ҳокимияти худ дар минтақаҳои шимолу шарқӣ, шарқӣ ва ҷанубии баҳри Миёназамин бо порсҳо мубориза оштинопазири мусаллаҳона мебурданд ва табиист онҳоро душмани худ медонистанд.

Дар баробари ин аксари муҳаққиқон ба нақш ва ҷойгоҳи давлат ва фарҳанги ҳахоманишӣ барои мардуми минтақа, аҳолии сарзаминҳои тобеъшуда ва умуман таърихи дунёи қадим ва таърихи инсоният баҳои мусбӣ додаанд. Намунаи беҳтарини онро дар андешаи олими олмонӣ Э. Мейер метавон дарёфт намуд, ки ба ақидаи ӯ «... давлати порсҳо дар таърихи ҷаҳон нахустин давлат буд, ки тавонист усули *parcere subjectis* («раҳм бар мардуми истилошуда»)-ро татбиқ намояд ва нисбат ба давлатҳои гузашта дар сарзаминҳои тобеъшуда низоми идоракунии беҳтар ва танзимшударо барпо намояд» [105, с. 240].

Империяи Ҳахоманишҳо ба раванди таърихии рушди дунёи қадим, рушди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии тамоми мардумон ва давлатҳои минтақа ва ҷаҳон таъсири амиқ гузошта, ба ақидаи олими эронӣ Алӣ Некуӣ маҳз «... пас аз барпо ва устувор гардидани империяи ҳахоманишӣ марҳилаи нави рушди равобит байни Шарқу Ғарб оғоз ёфт, ки империяи Ҳахоманишиён таҷассумгари аввалӣ ва Юнони Қадим – таҷассумгари дувумӣ буд ва Ҳахоманишиён дар интиқоли фарҳанги Аврупои аҳди қадим нақши бузург бозиданд» [170, с. 19].

Олими рус В.П. Орлов таъкид менамояд, ки дар минтақаҳои зертобеи шоҳони ҳахоманишӣ – Миср, Мод ва Бобул низоми мураккаби идораи давлатии қаблӣ нигоҳ дошта шуда, ҳокими таъйингардидаи давлати Ҳахоманишиён дар иҷрои вазифаҳои мансабии худ ба он такя менамуд. Дар собиқ шаҳр-давлатҳои Осиёи Хурд бошад бинобар боқӣ мондани

анъанаҳо ва усулҳои мардумсолорӣ ҳатто ҳокимияти намояндагони давлати Ҳахоманишиён маҳдуд ва ноустувор буд. Дар ҳаёти ҷамъиятии мардумони Бохтару Суғд ҳанӯз ҳам муносибатҳои патриархалии авлодӣ ҳукмрон буданд ва ҳокимони ҳахоманишӣ дар идораи умури давлатдорӣ маҷбур буданд, ки ин вижагиро ба инобат бигиранд. Ҳамин тариқ, шоҳони ҳахоманишӣ маҷбур буданд дар ташкили сохтори идории ин минтақаҳо ва дар амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ ин вижагиҳоро сарфи назар накунанд [176, с. 782].

Сабаби асосии тафовут дар вобастагии мардуми минтақаҳои мухталиф аз ҳокимияти марказӣ дар он буд, ки давлат ҳанӯз барои барқарор намудани низоми ягонаи идораи давлат имконот ва таҷрибаи кофӣ надошт ва аз тарафи дигар ҳанӯз таълимоти мукаммал дар бораи ҳаёти муштараки сиёсӣ ташаккул наёфта буд ва барқарор намудани низоми сахти истибдодӣ ба муносибатҳои анъанавии ҷамъиятӣ ва муқаррароти илоҳӣ мухолифат дошт. Дар баробари ин бояд тазаккур дод, ки маъмурияти давлати Ҳахоманишиён барои барқарор намудани назорати комил бар ҳаёти ҷамъиятии аҳолӣ сайъ ва кӯшиш наменамуд.

Барои идора намудани ҳудуди васеъ шоҳону ходимони давлатии Ҳахоманишиён, қабл аз ҳама, ба таҷрибаи ошуриҳо мурочиат намуда, низоми идоракунии онҳоро дастоварди бузург медонистанд. Ба ақидаи олими аврупоӣ Ҳ. Тадмур (H. Tadmor) «... ҳанӯз аз асри VIII пеш аз милод анъанаҳои ҳаёти маъмурӣ-идории давлати Ошур устувор буда, дар марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ дар ташаккули низоми давлатдории мардуми Байнаннаҳрайн таъсири калон доштанд» [253, с. 451]. Ба андешаи Э.А. Грантовский порсҳо таҷрибаи ташкили низоми маъмурӣ ва унсурҳои ҷудогонаи сохтори дарбори шоҳиро аз низомҳои қаблии халқҳои минтақа – моду бобулиҳо ва ошуриҳоро аз тариқи намунаи давлати Модҳо истифода намуданд [118, с. 170].

Сардори давлат шоҳ (шоҳаншоҳ) буд, ки дар сарчашмаҳои хаттии порсӣ бо номи *хшайатийа* ёд мешавад. Ба ақидаи М.М. Дяконов дар

ибтидо ин унвон нисбат ба намояндагони ашрофи маҳаллӣ ва пешвоёни қабилаҳо низ истифода мегардид [137, с. 80]. Унвони пурраи шоҳони Ҳахоманишӣ дар Устувонаи Куруши Кабир омадааст, ки шакли пурраи он чунин аст: «... шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи нерӯманд, шоҳи Бобул, шоҳи Сумер ва Акад, шоҳи чаҳор мамлакат, писари Камбуҷия, шоҳи бузург, навосаи Куруш, шоҳи бузург аз шохаи салтанати абадӣ, ки салтанаташ мавриди худоён ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст» [23, с. 155]. Чи тавре дида мешавад унвони «шоҳи шоҳон» ва ё «шоҳи бузург» натанҳо ба худи Куруши Кабир, балки ба падару бобояш нисбат дода шуда, ҳокимияти ӯ «салтанати абадӣ» ва илоҳӣ дониста шудааст. Аз тарафи дигар шоҳи ду ва ё чанд кишвар эълон гардидани шоҳ, масалан Куруши Кабир, нуфузу эътибори ӯро баланд мебардошт ва мавқеи сиёсиашро мустаҳкам менамуд [26, с. 7]. Маълумоти катибаҳои аҳди Ҳахоманишиёнро натиҷагирӣ намуда, забоншиноси машҳур Эмил Бенвенист (Émile Benveniste) ба хулоса меояд, ки дар онҳо пас аз ному насаби шоҳон унвони шоҳон аксар дар се шакл: «шоҳи бузург» – xšaya*θ*iya vaẓraka; «шоҳи шоҳон» – xšaya*θ*iya xšaya*θ*iyanam ва «шоҳи кишварҳо» – xšaya*θ*iya dahyunam омада аст [107, с. 256-257].

Ҳеродот дар асари худ дар бораи пешвоён ва шоҳони қабилаҳои порс, аз ҷумла дар бораи шоҳони ҳахоманишӣ маълумоти зиёд оварда аст. Вай Куруши Кабирро дар давраи мубориза ба муқобили шоҳи модҳо – Астиаг пешво (саркарда)-и қабилаҳои порс [3, с. 53] ва пас аз ғалаба бар лашкари модҳо ҳамчун шоҳ ёдовар мешавад [3, с. 54]. Дар замони ҳокимияти Дорои I бошад, ба ақидаи Ҳеродот порсҳо Куруши Кабирро «падар» (юнонии қадим – pathvr) мехонданд, зеро ӯ раҳмдил буд ва ба онҳо хайру саодати фаровон дода буд [3, с. 167]. Ба ақидаи А.С. Сапогов Ҳеродот бар асоси муносибати Куруши Кабир ба қавму мардуми худ ӯро «падар» ва «саркарда» ном мебарад ва бар асоси муносибаташ ба ҳудуд ва ташкили давлати Ҳахоманишҳо ӯро «шоҳ» ва «ҳоким» ном мебарад [195, с. 24].

Ҳокимияти шоҳӣ дар давлати Ҳахоманишиён меросӣ буда, дар тули чандин насл гузаштагони бунёдгузори давлат – Куруши Кабир шоҳони мулки Аншан дар ҳудуди кишвари Элом буданд. Мутобиқи маълумоти муаррихони донишгоҳи Кембриҷ шоҳони ҳахоманишӣ меросӣ будани ҳокимияти худро иродаи илоҳӣ дониста, раванди барпо гардидани давлат ва кирдори худро низ бо амру иродаи Аҳурамаздо маънидод менамуданд [254, с. 185]. Дар катибаҳои Доро низ дар ин маврид омадааст: «Бо иродаи Аҳурамаздо ман шоҳам. Аҳурамаздо ба ман шоҳӣ ато фармуд» ва ё «Худои Бузург Аҳурамаздо, оне ки ҳама падидаҳои ҳайратангези мушоҳидашавандаро халқ намуд ва ба инсонҳо саодат ато фармуд, ба шоҳ Доро ҳикмат ва тавоноӣ дод» [90, с. 538-548]. Метавон хулоса намуд, ки дар аксар маврид дар катибаҳои давраи Ҳахоманишиён моҳияти илоҳӣ доштани ҳокимияти шоҳӣ таъкид гардидааст.

Шоҳони ҳахоманишӣ мутобиқи расму ойин ва анъанаҳои ташаккулёфтаи усулҳои идораи давлат ба тахт менишастанд ва ҳокимияти васеъ доштанд. Ба андешаи Г. Виденгрен (G. Widengren) шоҳ аз авлоди муайян, ки ҳуқуқи ишғоли ҳокимияти олии қонуниро дошт дар маҷлиси мардумӣ – маҷлиси ҷанговарон (порсии қадим – kara («қавм/лашкар») интихоб шуда, соҳиби фарри илоҳӣ буд [257, с. 256]. Маросими тоҷгузорӣ дар Посоргод дар маъбади олиҳаи ҷанг (эҳтимол Анаҳито) доир гардида, шоҳ либоси Курушро ба бар мекард ва ғизои оддии деҳқониро мечашид. Ба ақидаи Р. Фрай маросими ба тахт нишастан ва усулҳои асосии ҳокимияти шоҳаншоҳ дар худ тасаввуроти ориёӣ ва шарқи наздикӣ дар бораи қудрат (ҳокимият)-ро инъикос намуда, бо каме тағйиру такмил то имрӯз боқӣ мондаанд [210, с. 137].

Маҳз бо дар назар гирифтани соҳиби фарри илоҳӣ будани шоҳони ҳахоманишӣ, дар низоми давлатдории онҳо, ба ақидаи Р. Фрай ҳеҷ мансабдор дар ихтиёри худ ваколати номаҳдуд надошт, мустақилона аз номи шоҳ намояндагӣ намекард, манфиати сардори давлатро мустақилона

ҳимоя карда наметавонист ва дар иҷрои салоҳияҳои вазифавии худ танҳо бо дастур ва ҳидояти шоҳ амал мекард [238, с. 138].

Ба ақидаи олими аврупоӣ Георг Виденгрен (G. Widengren) дар Эрони бостон ғояи ҳокимияти шоҳаншоҳӣ, ҳам ҷанбаи мазҳабӣ-илоҳӣ ва ҳам ҷанбаи дунявӣ дошт. Ин ғоя бар тасаввуроту анъанаҳои қадимӣ асос меёфт, зеро мутобиқи расму ойини қабилаҳои порс шоҳ намояндагони авлод ё сулолаи муайян буд, ки ҳуқуқи қонунии ба даст гирифтани ҳокимиятро дошта, аз тарафи маҷлиси омма, дар замони Ҳахоманишиён бошад, аз тарафи маҷлиси ҷанговарон (kara – «лашкари мардумӣ») интихоб мешуд. Дар Эрони аҳди ҳахоманишӣ шоҳи интихобшуда унвони «шоҳаншоҳ» ва ё «шоҳи шоҳон»-ро дошта, шахсияти шоҳ муқаддас ва «илоҳӣ» дониста мешуд. Анъанаи дар дарбори шоҳӣ ривоҷёфтаи изҳори садоқату итоат ба шоҳаншоҳ аз тарафи аъёну ашроф, мансабдорон ва мардумони одӣ мақоми илоҳӣ доштани сардори давлатро ифода менамуд. Ҳамзамон шоҳаншоҳ мақоми саркоҳинро дошта, маросимҳои мазҳабиро роҳбарӣ менамуд ва дар рӯзҳои таҷлили соли нав мутобиқи расму ойинҳо ва тасаввуротҳои мазҳабии порсҳо симои асосӣ маҳсуб меёфт. Рӯзи ба тахт нишастани шоҳаншоҳ рӯзи таваллуди ӯ маҳсуб меёфт, зеро чунин дониста мешуд, ки шоҳ дар ин рӯз «аз нав зинда» мешавад ва ҳангоми вафоти шоҳаншоҳ «оташи шахсӣ»-и шоҳ хомӯш карда мешуд. Бар асоси ин далелҳо, Виденгрен ба хулоса меояд, ки ҳокимияти шоҳаншоҳӣ дар аҳди Ҳахоманишиён ҷанбаи мазҳабӣ-илоҳӣ (осмонӣ) ва ҷанбаи дунявӣ (заминӣ-ҷаҳонӣ) доштааст [257, с. 242-257].

Дар мавриди ҷанбаи илоҳӣ доштани мақом ва манзалати шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ бояд дар назар дошт, ки порсҳо то ташкили давлатдории Куруши Кабир таҷрибаи идора кардани мардум ва қавмҳои дигаррро надоштанд ва аз ин лиҳоз барои қонунӣ намудани ҳокимияти худ аз болои мардумони сарзаминҳои истилогардида маҷбур буданд ғояи табиати илоҳӣ доштани ҳокимияти шоҳӣ ва робитаи ногусастании ҳокимияти шоҳ бо «олами худоён»-ро аз фарҳанги идораи давлатдориҳои

гузаштаи Шарқи Қадим бигиранд. Ҳамзамон ин ғоя маънои сарпарастии илоҳӣ бар ҷомеаи инсониро дошт ва дар шуури ҷамъиятии Шарқи Қадим ниҳоят ривоҷ ёфта буд. Ба ақидаи А.Т. Меликян ҳеҷ далел дар бораи «худо пиндоштани» шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ вуҷуд надорад, вале мақому манзалати шоҳаншоҳ ба ҳокимияти ӯ табиати илоҳӣ медод, зеро мутобиқи ақидаи одамони аҳди қадим шоҳ ҳокимиятро танҳо аз Худо гирифта метавонист» [166, с. 97].

Дар робита бо масъалаи меросӣ будани мансаби олии давлат – шоҳаншоҳ бояд масъалаи ба мерос гузоштани онро бояд баррасӣ намуд. Таваҷҷуҳ ба масъалаи таъйини меросбари ҳокимияти шоҳ аз он сабаб аҳаммият дорад, ки дар раванди ташаккул ва рушди низоми давлатдории Ҳахоманишиён масъалаи таъйини «валиаҳд» бисёр муҳим буд, зеро дар баробари ташкил додани абардавлати порсҳо ва низоми муназзами давлатдорӣ, шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дар таъйин намудани меросбари мақоми худ душворӣ доштанд ва ё дар интиқоли ҳокимияти олӣ ба мушкилӣ дучор мегаштанд.

Маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳлили раванди интиқоли ҳокимият собит месозанд, ки қариб дар тамоми давраи мавҷудияти абардавлати Ҳахоманишиён тартиби қонунии меросбарии мансаби шоҳаншоҳ вуҷуд надошт ва ё дар амал натиҷа намедод. Сайъу кӯшиши Куруши Кабир, Дорои I ва Хшаяршани I (Xšayāršā I) барои ҷорӣ намудани меъёрҳои қонунии меросбарӣ ва татбиқи онҳо барои ҳифз суботи сиёсӣ дар давлат дар мавриди зарурӣ бенатиҷа анҷом ёфтанд. Аз тарафи дигар, омӯзиши таърихи низоми давлатдории Ҳахоманишиён собит месозад, ки масъалаи меросбарии ҳокимияти олӣ на аз тарафи шоҳаншоҳ, балки аз ҷониби гурӯҳҳои сершумори аъёну ашроф ва хоҷасароёни дарбори шоҳӣ, ки байни онҳо рақобати шадид идома дошт, «ҳал» мегардид. Барои собит сохтани ин ақида метавон ёдовар шуд, ки аз байни 13 нафар шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ (пас аз Куруши Кабир) шаш шоҳаншоҳ ва садҳо шоҳзодагон қурбонии дасисабозони дарбори шоҳӣ гашта, ҳашт нафар бошад дар

натиҷаи табаддулоти аз тарафи онҳо ва ё дигар мансабдорон ба амал баровварда, ба сари ҳокимият омада буданд.

Чунин ба назар мерасад, ки сабаби асосии сар задани чунин вазъият дар сохтори иҷтимоии қабилаҳои порс, ки дар тули асрҳо ташаккул ёфта буд, ниҳон аст. Ҳастии асосии ҷомеаи порсҳоро оилаи падаршоҳӣ (*māna*) ташкил медод, ки сарвари он ҳокимияти васеъ дошта, чанд оила авлод (*tāuma*)-ро ташкил медоданд. Иттиҳоди чанд авлод қабила (*zantu*) ном дошта, онро зантупати (zantupati) роҳбарӣ мекард. Дар навбати худ иттиҳоди қабилаҳо мулк ё сарзамин (*dahyu*)-ро ташкил дода, онро шоҳ – (хшайатийа, *xšāyaϑiya*) идора мекард ва пойтахти ин шоҳигарӣ шаҳри Аншан буд [128, с. 7]. Вижагии ташкили ҳокимият дар ин шоҳӣ аз он иборат буд, ки он аз ҷониби аъёну ашрофи қабилавӣ идора шуда, дар натиҷа ҳокимияти шоҳӣ шабеҳи моликияти авлодӣ буд ва аз падар ба писар мегузашт. Маҳз барои ҳамин, дар сангнабиштаҳои шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ, аз ҷумла дар Устувонаи Куруши Кабир ва Катибаи Доро дар Беҳисутун шаҷари шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ мутобиқи усули «аз падар ба писар» нишон дода шудааст [8, с. 87]. Ба ин нигоҳ накарда, маълумоти катибаҳои ҳахоманишӣ равшан наменамоянд, ки меросбарии мансаби шоҳӣ аз рӯйи усули «писари калонӣ» буд ё тартиби дигар буд. Тибқи маълумоти муаррихони юнонӣ сарвари шуро будани шоҳ ва нақши аввал дар ҳалли масоили давлатӣ ва интихобу таъйин намудани писари калонӣ ба сифати меросбари тахти шоҳӣ риояи анъана ва расму русуми мавҷуда дар байни қабилаҳои порс буд, ки шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дар руҳияи онҳо тарбия меёфтанд ва онро дар ҳаёти давлат татбиқ менамуданд.

Дар давраи ҳукмронии Дорои I низ тартиби муайяни мерос гузоштани тахти шоҳӣ вуҷуд надошт ва дар таъйин намудану ба насли дигар гузаштани ҳокимият дар баробари анъанаҳои қабилавӣ омилҳои дигар, аз ҷумла нақши нуфуз ва муборизаҳои дохили дарборӣ калон буд. Доро ворисi зиёд дошт, вай аз завҷаҳои бешумор соҳиби 29 писар буд, вале аксари онҳо аз канизакҳо зода шуда буданд ва барои ҳамин ворисi тахти

шоҳӣ шуда наметавонистанд. Нисбат ба дигарон ду писари Доро – Артабазан аз зани нахустинаш Горбия ва Хшаяршан аз духтари Куруш – Атосса бештар имконият доштанд ва даъвогари тахти шоҳаншоҳӣ буданд. Ба қавл аз Ҳеродот Дорои I як сол қабл аз маргаш бо маслиҳати шоҳи собиқи Спарта Демарат, ки ба Шуш фирор намуда буд, дар интихоби вориси тахт аз таҷрибаи юнониҳо мисол овард, ки ба писари баъд аз тахт нишастани падараш таваллуд гардида, афзалият дода мешавад. Дар натиҷа Хшаяршан ба сифати ворис таъйин гардид [3, с. 313-314]. Ҳамзамон Ҳеродот таъкид менамояд, ки бидуни маслиҳати Демарат ҳам, Хшаяршан барои касби тоҷу тахт имконияти бештар дошт, зеро модараш дар дарбори шоҳӣ нуфузи калон дошт.

Бояд таъкид намуд, ки дар маросимҳои дарборӣ ва ҷашну тантанаҳои баъд аз шоҳаншоҳ ба вориси тахти шоҳӣ эҳтиром мегузоштанд ва бо ҳамин роҳ дар байни мардуми кишвар меросбари ҳокимиятро муаррифӣ менамуданд. Илова бар ин, дар нақшҳои барҷастаи сангӣ дар кохи шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дар Тахти Ҷамшед дар яке аз нигораҳо дар пушти сари Дорои дар тахт нишаста, симои шоҳзода Хшаяршан ва дар поини он «Хшаяршан, писари Доро, Ҳахоманиш» ҳаккокӣ шудааст [128, с. 134]. Мувофиқи маълумотҳои дигар пас аз расидан ба синни 52 солагӣ Дорои I бо ихтиёри худ тахтро ба ихтиёри писараш вогузор намуд ва ин ҳам аз расму анъанаи ривоҷёфта дар байни порсҳо шаҳодат медиҳад.

Дар натиҷаи васеъ гардидани ҳудуди кишвар зарурати барпо кардани маъмурияти муназзами идораи давлат ба миён омад. Мақомоти марказии идораи давлат дар пойтахти давлат – шаҳри Шуш фаъолият дошта, бо мақомоти маҳаллии идораи кишвар – сатрапҳо ва сипаҳсолорҳо робитаи наздик доштанд. Ташкили мақомоти марказии ҳокимият дар замони ҳукмронии Куруши Кабир оғоз ёфта, дар давраи ҳукмронии Дорои I дар соли 518 пеш аз милод бо амалӣ намудани ислоҳоти низоми маъмурӣ ва танзими умури идораи кишвар ба охир расид. Дар натиҷа низоми нави идораи давлат барпо гардид, ки то охири мавҷудияти империяи

Ҳахоманишиён бетағйир боқӣ монд. Дар баробари таъмини идоракунии самараноки ҳаёти низомӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ, сабаби асосии навсозии низоми идораи давлат дар аҳди Дорои I пешгирии майли ҷудоихоҳии ҳокимон ва сипаҳсолорони маҳаллӣ ва таҳти назорат нигоҳ доштани мамлакатҳои ишғолгардида буд.

Моҳияти ислоҳоти Дорои I ва аҳаммияти онро барои устувор намудани низоми давлатдории порсҳоро таҳлил намуда, олими рус Л.Е. Гринин қайд менамояд: «Аз замони ҳукмронии Дорои I ба баъд (522-486 пеш аз милод) барои марказият бахшидани давлат таҳкурсии моддӣ дар шакли роҳҳо (ва пулҳо), ки ба воситаи онҳо лашкарро дар гӯшаву канори империя ҷойгир мекарданд ва ҳамзамон барои рушди тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамуданд, шабакаи муросилоти шоҳӣ (давлатӣ), қароргоҳҳо маъмуриятҳои шоҳӣ ва пули ягона барпо карда шуд» [121, с. 18]. Ба назари мо, маҳз ҳамин таҳкурсии моддии барпогардида, аз як тараф ва аз лиҳози сохтори маъмурӣ, ҷорӣ гардидани хат ва забони ягона дар фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, ба тартиб даровардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзими низоми маҳкама мутобиқ ба манфиатҳои ҳокимияти марказӣ ва низоми собити андозситонӣ ва ғ., аз тарафи дигар, бартарӣ ва тафовути давлати Ҳахоманишиёнро аз давлатҳои гузашта нишон медод.

Раванди ташкил ёфтани сохтори такмилёфтаи низоми идорӣ-маъмурии империяи Ҳахоманишиёнро Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин натиҷагирӣ намудаанд: «Барои идора кардани чунин як империяи паҳновар сохтори наву мукаммали маъмурӣ зарур буд. Дар иҷрои ин кор форсҳо аз таҷрибаи ҳамсояҳои тараққикардаи худ эҷодкорона истифода бурда, амалан сохти нави маъмуриеро офариданд, ки ҷавобгӯи тақозои империяи паҳновар буд» [21, с. 106].

Дар сохтори идории империя ҳокимияти олӣ ба шоҳ тааллуқ дошт ва он мутлақ ва номаҳдуд буд. Дар қабули қарорҳои муҳимми давлатӣ ҳукми ниҳоиро шоҳаншоҳ мебаровард ва он қатъӣ ва тағйирнопазир буд. Ба

андешаи таърихнигори тоҷик Ҳамза Камол шоҳаншоҳ дар баррасӣ ва ҳалли «... масъалаҳои муҳимми давлатӣ чун эълони ҷангу сулҳ, таъйини ворис ва сатрапҳо (ҳокими вилоятҳо) фармон мебаровард ва ҳукми ӯ барои ҳама қонун ва тағйирнопазир буд» [61, с. 60].

Дар баробари ҳокимияти номаҳдуди шоҳ, «... дар дарбори шоҳ шурое вуҷуд дошт, ки аз хешу табор, наздикони шоҳ ва ашрофу аъёни бонуфуз иборат буд. Шоҳаншоҳ пеш аз он ки доир ба ин ва ё он масъалаи муҳимми давлатӣ қарор барорад, бо шуро машварат мекард ва баъди ин бо назардошти хулосаи шуро ҳукм мебаровард» [21, с. 106]. Дар бораи теъдод ва салоҳиятҳои аъзои ин шуро Ҳамза Камол менависад, ки он аз нуҳ нафар ашрофи баландмақом иборат буд, ки якумра таъйин шуда, дар баррасии масъалаҳои баррасишаванда ба шоҳ машварат медод.

Дар идоракунии давлати васеъ шоҳони ҳахоманишӣ дар мадди аввал ба табақаи болоии ашрофу нухбагони порс такя намуда, намояндагони онҳо дар маъмурияти давлат ва дарбори шоҳ мансабҳои асосиро ишғол менамуданд. Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои юнонӣ дар марҳилаи аввали рушди давлатдорӣ шоҳи шоҳон – ҳокимони ҳахоманиширо дӯстону наздикон ва шахсони боэътимоди худро дар идораи давлат ҷалб намуда, онҳо супоришҳои сардори давлатро иҷро менамуданд.

Ба ақидаи олими фаронсавӣ П. Бриан (P. Briant) на ҳама гузаштагони ашрофи порс мақоми худро меросӣ мегирифтанд, аксари онҳо ашрофи дарборӣ буданд ва барои хидмату корнамоии шоистаашон ба мансаби баланд соҳиб гардида буданд. Вай менависад: «Мақоми ин ё он ашрофу мансабдор дар низоми мартабаву дараҷаҳои маъмурӣ, қабл аз ҳама аз муносибати шоҳ ба ӯ ва наздикии мансабдор бо сардори давлат вобаста буд» [226, с. 322]. Бояд таъкид намуд, ки дар баробари муносибати мансабдору ашроф бо сардори давлат гузаштаи иҷтимоии мансабдор, яъне асилзода ва олитабор будани ӯ аҳаммияти худро гум накарда буд. Аксари хонаводаҳои ашрофон молу сарвати зиёд доштанд ва аз лиҳози моддӣ аз шоҳ вобаста набуданд ва дар ихтиёри худ афроди зиёди тобеъ доштанд ва

муносибати худро бо онҳо шабеҳи муносибати шоҳ бо онҳо ташкил медоданд.

Дар замони Дорои I ва баъд дар байни ашрофи ҳахоманишӣ намояндагони шаш сулолаи ашроф, ки дар рафти пахш намудани исёни Бардияи дурӯғин, бартараф намудани оқибатҳои он ва ба сари ҳокимият омадани Доро хидмати арзанда намуда буданд, нақши муҳим мебозиданд. Танҳо онҳо ҳуқуқи барқарор намудани робитаи хешутаборӣ бо сулолаи ҳоким дошта, ба мансабҳои калон дар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият таъйин мешуданд.

Ба қавли Ҳеродот пас аз қатли Бардия дар мавриди интихоби шоҳаншоҳ ба мувофиқа расида буданд ва барои ин метавонистанд бидуни риояи қавоиди ташрифоти расмӣ ба ҳузури шоҳ дастрасӣ дошта бошанд ва барои мустаҳкам намудани робитаҳои хешутаборӣ ҳамсарони худро аз ин сулолаҳо интихоб менамояд. Ҳамчунин Ҳеродот тахмин менамояд, ки барои расонидани Доро ба тахти шоҳаншоҳӣ пешвоёни ин шаш сулолаи бонуфузи порс имтиёзи калони молӣ доштанд. Масалан, Отан барои ташаббускори сарнагун намудани Бардия, ҷалби шаш афроди бонуфузи дигар ва дасткашӣ аз тоҷу тахт соҳиби имтиёзи калон гардида буд [3, с. 166-167]. Дарвоқеъ хидмати бузургони сулолаҳои бонуфузи қабилаи порс на танҳо ба тахт расонидани Доро бузург буд, балки чуноне ки гузаштаи таърихи давлати Ҳахоманишиён нишон дод, дар марҳилаҳои ҳассос ва душвор ин ашхоси наздики Доро дар амалӣ намудани сиёсати давлатдорӣ ба ӯ ёрӣ мерасониданд. Баъд аз устувор гардидани мавқеи Доро дар ҳокимият ва ба амал баровардани ислоҳоти умури давлатдорӣ шоҳаншоҳи ҳахоманишӣ авлавиятро ба наздикон ва намояндагони хонадону сулолаи худ дода, бо ҳар роҳу восита саъй намуда буд, шаш нафар наҷибзодагони порсро аз мавқеъҳои калидӣ дар ҳокимият ва тоҷу тахт дур нигоҳ дорад. Барои қатъӣ будани тасмими Дорошоҳ дар мавриди шоҳзодагони номбурда метавон сарнавишти яке аз ин шаш наҷибзодагони порс – Интафренро мисол овард, ки мехост бидуни мувофиқа бо посбону ёвари

шоҳаншоҳ вориди манзили ӯ шавад. Пас аз он, ки ба Интафрен иҷозати вуруд ба хонаи хоби шоҳро надоданд, ӯ бо шамшераш гӯшу бинии он мансабдоронро бурида буд. Доро аз тарси он, ки Интафрен қасд ба сарнагун намудани шоҳаншоҳро дорад, ӯро бо аҳли оилааш зиндонӣ ва пас ба марг маҳкум намуд [3, с. 174].

П. Бриан ба масъалаи мансубияти қавмии мансабдорони давлати Ҳахоманишиён дахл намуда, таъкид менамояд, ки аксари мансабҳои аз лиҳози сиёсӣ ва низомӣ муҳимро порсҳо ишғол менамуданд, намояндагони қавмҳои дигари эронӣ – модҳо ва гиркониҳо бошад ба идораи давлат роҳ дода мешуданд, вале юнониҳо ва намояндагони ашрофи маҳаллӣ гарчӣ дар дарбори шоҳ мақоми баланд дошта сазовори инъому подоши шоҳ мегардиданд, дар ҳеҷ маврид ба мансабҳои масъул ва муҳимми давлатӣ ва маъмурӣ таъйин намегардиданд [227, с. 183].

Ба ақидаи олими рус Орлов «... дар ҳаёти давлат ва умуман ашрофи ҳахоманишӣ нақши шоҳаншоҳ бузург буда, гарчӣ нисбат бо пешвоёни сулолаҳои намоёни ашрофи ҳахоманишӣ дар мақоми *«primus inter pares»* («нахустин дар байни баробарон» – Б.М.) қарор дошт, вале ҳамзамон дар ҳалли масъалаҳои баҳсӣ дар маҳкама салоҳияти номаҳдуд дошт, фармондеҳи олии лашкар буд ва шахси худодод доништа шуда, аз ҳама ин имконот баҳри густариши ҳокимияти худ истифода мебурд» [176, с. 782]. Ислоҳоти васеи умури давлатдории замони Дорои I ба вазъи нухбагони сиёсӣ таъсир расонида буд, зеро тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирифт. Ба ақидаи олими тоҷик Н.С. Муродов «... натиҷаи асосии ислоҳоти шоҳаншоҳ маҳдуд сохтани ҳокимияти ашрофи порс ва устувор сохтани мавқеи ҳокимияти марказӣ дар аксари музофотҳои империя буд» [162, с. 84]. Ба ақидаи олими эронӣ Ризо Шаъбонӣ порсҳо дар низоми империя имтиёзи калон дошта, «қариб ҳама сокинони Форс аз ҳисоби маблағҳое зиндагӣ менамуданд, ки дар дигар минтақаҳои империя ҷамъоварӣ мешуданд ва аз ҳамин сабаб ҳамаи онҳо, ҳам сарватмандон ва

мардуми одӣ ҳокимияти Ҳахоманишиёнро пуштибонӣ менамуданд» [216, с. 47].

Дар марҳилаҳои мухталифи давлатдории Ҳахоманишиён муносибат байни шоҳаншоҳ ва ашроф якранг набуд, зеро ҳукумати марказӣ манфиатдори мустаҳкам намудани мавқеи худ буд ва ҳамзамон мехост майли ҷудоихоҳӣ ва саркашии намояндагони ҷудогонаи ашрофро дар марказ ва маҳалҳо заиф созад. Аз тарафи дигар, дар ибтидо сабаби шиддат гирифтани муносибат байни шоҳу ашроф аз он иборат буд, ки салоҳиятҳои маъмурӣ ва вазифавӣ дар низоми давлатдорӣ пурра танзим ва муайян нагардида буданд, хешу ақрабо ва наздикони шоҳаншоҳ бошад соҳиби имтиёзи калон ва дар умури идораи давлат дахолат менамуданд ва дар натиҷа норозигии ашрофу мансабдоронро ба вуҷуд меоварданд.

Баррасии маълумоти сарчашмаҳои инъикос менамояд, ки порсҳои сарватманд молу мулки зиёд ва салоҳиятҳои васеи низомӣ ва маъмурӣ дошта, баъзе намояндагони онҳо ваколати маҳкама ва ҳуқуқи тафсири қонун (порсии қадим – data)-ро дошта, дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои баҳсӣ байни мақомоти давлатӣ ва мардуми бумии минтақаҳои зертобеъ ширкат менамуданд.

Порсҳо ҳамчун қавми ҳукмрон таҳкурсии давлатдории ҳахоманишиёнро ташкил медоданд, онҳо аз пардохти андоз ва маҷбуриятҳои ҳатмӣ озод буда, ҳамзамон бояд мардони қабилаи худро ба лашкар сафарбар менамуданд. Баъзе муҳаққиқон, масалан Д. Агут-Лабордер (D. Agut-Labordère) таъкид менамояд, ки аз сабаби камшумор будани ашрофи порс, шоҳони ҳахоманишӣ маҷбур буданд дар умури таъмини назорат дар сарзаминҳои ишғолгардида аз маъмурият ва мансабдорони пешина истифода баранд, вале дар баробари ин муҳимтарин мансабдорони давлатӣ дар маҳалҳо – хшаҳрапаван (сатрап), фармондеҳони лашкар ва қисмҳои низомӣ ва ҷамъоварони андоз аз ҳасоби порсҳо таъйин мегардиданд [219, с. 689-690].

Ошӯби солҳои 522-521 пеш аз милод аз заъфи низоми идораи давлат шаҳодат медод ва бесабаб набуд, ки пас аз ба сари ҳокимият омадани Дорои I бо мақсади барқарор намудани давлати мутамарказ ва низоми танзими умури идораи ҳокимият дар сарзаминҳои ишғолгардида ислоҳоти бунёдии идорӣ-маъмурӣ гузаронида шуд, ки самтҳои асосии он аз тақсимоти нави маъмурии кишвар, ташкили низоми умури молиявӣ ва андозситонӣ иборат буд. Империя ба воҳидҳои маъмурӣ ё ҳавзаҳои низомӣ-андозситонӣ – хшатра тақсим гардида, идораи онҳо ба уҳдаи ҳокимон ва ё волиҳо – xšaθrapāvan (хшаҳрапаван)-ҳо гузошта шуда буд.

Бо густариши ҳудуди империя, рушди умури давлатдорӣ ва ташаккул ёфтани робитаҳои васеъ бо кишвару давлатҳои дуру наздик дар низоми давлатдорӣ нақши шахси дувум пас аз шоҳ, мансабдори воломақом – ҳазорпат (порсии қадим, *hazārapatiš* – «сардори дастаи ҳазорнафарӣ») боло меравад. Дар шароити идома ёфтани лашкаркашиҳо чунин мансабдори воломақоми низомӣ, фармондеҳи сипоҳи ҳазорнафараи муҳофизон – гвардияи хосси шоҳ, ки унвони ҳазорпатро дошт маҳсуб меёфт ва дар сарчашмаҳои юнонӣ бо номи «хилиарх» омада аст.

Дар бораи салоҳиятҳои ҳазорпат дар осори муаррихони юнонии аҳди қадим маълумоти зиёд дучор меояд. Арриан бори аввал дар бораи мансабдори ҳахоманишӣ Набарзан маълумот оварда, ӯро ҳамчун сардори лашкар ёдовар гардида, ҳазорпати «лашкари савора» номида аст [2, с. 130]. Квинт Куртсий дар таърихномаи Искандари Мақдунӣ ҳазорпат Набарзанро сарлашкари Доро (Nabarzanes, praetor Darei) [9, с. 34] ва дар ҷойи дигар ӯро сарлашкари қаноти рости лашкари савора (equitatu dextrum cornu tuebatur) номида аст [9, с. 37]. Ксенофонт дар бораи тартибу низоми лашкари Ҳахоманишиён ривоят намуда, таъкид менамояд: «дар аҳди Куруши Кабир ҳазорпат – сардори дидбонгоҳи посбонҳоро шоҳ таъйин менамуд» [11, с. 208].

Маълумоти муаррихони юнониро дар бораи ҳазорпат (хилиарх) ва салоҳиятҳои ӯро натиҷагирӣ намуда, метавон таъкид кард, ки дар

сарчашмаҳои аҳди қадим дар мавриди ин мансабдори воломақоми аҳди Ҳахоманишиён маълумоти дақиқ ва мушаххас мавҷуд набуда, салоҳиятҳои ӯ васеъ шарҳ дода мешавад: ҳазорпат мансабдори низомӣ буд, вай ҳам умури низомӣ ва ҳам умури ташрифотии дарбори шоҳро танзим менамуд ва дар баъзе мавридҳо дар низоми давлатдорӣ салоҳияти маъмурӣ дошт. Обрӯй ва эътибори ҳазорпат дар дарбори шоҳоне боло мерафт, ки ҳокимияти онҳо ноустувор буд ва ба пуштибониву дастгирии аъёну ашроф, бахусус мансабдорони воломақом муҳтоҷ буд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки ҳазорпат дар ташкили умури лашкар ва муайян кардани сиёсати низомӣ, ҳангоми ширкати шоҳ дар лашкаркашиҳо масъули таъмини амнияти ӯ буд; дар ҳаёти дарбор, ташкили фаъолияти дарбори шоҳӣ ва мансабдорони дигари давлатӣ; робитаи дарбор бо кишварҳои хориҷ, танзими умури ташрифоти расмӣ ва пазироии мансабдорон, низомиён ва намояндагони кишварҳои хориҷӣ нақши муҳим дошт. Ба ақидаи олимони украинӣ Е.Ю. Баулина ва Ю.А. Гоман сабаби асосии дучор омадани маълумоти фаровон дар бораи ҳазорпат дар сарчашмаҳои юнонӣ аз он иборат аст, ки ҳазорпат дар ҳама маврид сафоратҳои давлати Юнонро дар дарбори шоҳ, ҳангоми мулоқот бо шоҳ ҳамроҳӣ намуда, назорати иҷро ва риояи расму қоидаҳои ташрифотӣ ба уҳдаи ин мансабдори воломақом буд [106].

Ҳамин тариқ, ҳазорпат дар дарбори шоҳони ҳахоманишӣ салоҳиятҳои низомӣ ва мулкӣ (ғайринизомӣ) дошт. Бо дар назар гирифтани он ки ҳазорпат масъули риояи расму қоидаҳои ташрифотӣ дар дарбори шоҳӣ буд, ба ақидаи муҳаққиқони аҳди қадим ҷамъоварӣ ва дастраси шоҳ гардонидани маълумоти муҳимми давлатӣ, маълумот дар бораи шахсият ва иҷрои масъулияти вазифавии мансабдорони дигар, боло бурдани обруй ва эътибори шоҳ дар байни мардум ва афроди хориҷӣ ҷузъи салоҳиятҳои ҳазорпат маҳсуб меёфт.

Муҳаққиқони ғарбӣ дар мавриди салоҳиятҳои ҳазорпат маълумоти ҷолиб овардаанд. А. Кивни тахмин менамояд, ки ҳазорпат масъули

таъмини амнияту бехатарии шоҳ буд, вале дар шароити боло рафтани нооромиҳо дар дохили давлат, ҳазорпат метавонист барои хоҷаи худ манбаи хатар бошад. Ниҳоят Кивни ба хулоса меояд, ки ҳазорпат доимо дар нақши миёнарав «байни шоҳаншоҳ ва олами атроф» баромад намуда, маълумоти ба дарбори шоҳ ирсолгардидаро назорат менамуд [241, с. 501-502]. А. Меус бештар ба салоҳиятҳои низомии ҳазорпат – фармондеҳи дастаи ҳазорнафараи саворагони гвардияи шахсии шоҳаншоҳ таъкид намуда, хулоса менамояд: «аз сабаби он ки вай симои намоён дар лашкар буд, бо шоҳ робитаи ниҳоят наздик дошт» [244, p. 310]. А. Коллинз ҳазорпатро масъули танзими умури дарбори шоҳ, масъули умури ташрифот, риояи расму маросимҳои дарборӣ ва пазироии меҳмонону сафирони хориҷӣ ва ҳамроҳӣ намудани шоҳ ҳангоми лашкаркашиҳо дониста, таъкид менамояд, ки ҳазорпат ҳам мансабдори давлатӣ ва ҳам низомӣ буд [235, p. 269–270].

Пешгирии саркашӣ ва амалу кирдори худсаронаи ашрофу мансабдорони мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ низ ба ухдаи ҳазорпат буд. Бо танзими фаъолияти маъмурияти марказии ҳокимияти шоҳаншоҳӣ дар натиҷаи амалӣ намудани ислоҳот дар замони ҳукмронии Дорои I унвону лақабҳо ва мансабҳои аъёну ашроф ва хешовандону наздикони шоҳаншоҳ ба тартиб дароварда шуданд. Танҳо бо роҳи таъйин намудани намояндагони сулолаҳои сершумори ашроф ва нухбагони сиёсӣ дар мансабҳои мухталифи низомӣ ва давлатӣ шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ тавонистанд амалу фаъолияти аъёну ашрофро таҳти назорат қарор диҳанд.

Дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён ҳазорпат волотарин мансабдори давлатӣ баъд аз шоҳаншоҳ маҳсуб ёфта, масъулияти назорат аз болои мансабдорони давлатӣ, таъмини амнияти шоҳаншоҳ ва дарбор, риояи бечунучарои расму қоидаҳои ташрифоти расмӣ ва барқарор намудани робита бо кишварҳои хориҷиро иҷро менамуд. Назири мансаби ҳазорпат дар гузаштаи давлатдориҳои минтақа – Ошур, Мод, Бобул ва ғ. вуҷуд надошт ва дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ барои ба вуҷуд

омадани мансабҳои вазир ва нахуствазир ва шабеҳи онҳо замина фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки таҳлили маълумоти сарчашмаҳои таърихии аҳди бостон аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳангоми баррасии мақом, ҷойгоҳ, салоҳияту вазифаҳои ҳазорпат дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён ақидаи ягона вуҷуд надошт: ин мансабдори воломақоми давлатиро гоҳ мансабдори низомӣ медонистанд, гоҳ ӯро ҳамчун иҷрокунандаи нақши калидӣ дар дарбори шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ, ки дар madди аввал масъули гузаронидани маросимҳои ташрифотӣ, иҷозатдиҳандаи пазируфтани мансабдорони дигар аз тарафи шоҳ, муайян намудани тартиби пазироии ҳайатҳои воҳидҳои маъмурӣ ва давлатҳои хориҷӣ, ҳамчунин иҷрокунандаи мансаби баландпояи маъмурӣ муаррифӣ менамуданд.

Ба назари мо гуногунфаҳмӣ дар мазмуни салоҳиятҳои ҳазорпат дар низоми давладории Ҳахоманишиён, қабл аз ҳама аз он вобаста буд, ки низоми давлатдорӣ, бахусус, дастгоҳи идории марказӣ ва маҳаллӣ дар тули таърихи империяи Ҳахоманишиён, давраҳои мухталифи таҳаввул ва ислоҳоту навсозиро аз сар мегузаронд, ки дар баробари таҳаввули низоми давлатдорӣ, вазифаву уҳдадорӣ ва салоҳиятҳои мансабдорони сатҳи мухталиф, аз ҷумла мансабдорони баландпояи дарбори шоҳаншоҳӣ тағйир меёфтанд ва чунин таҳаввул дар сарчашмаҳои таърихӣ инъикос меёфт.

Сабаби дигари тағйир ёфтани салоҳиятҳои ҳазорпат ба вазъи ҳукмрони сиёсии ҳар марҳилаи таърихӣ вобаста буд, ки бечунучаро ва дар madди аввал ба фаъолияти мақомоти расмии давлатӣ бетаъсир набуд. Таҳлили салоҳият ва уҳдадориҳои ин масабдори воломақом дар ду давлати пешрафтаи аҳди бостон – империяи Ҳахоманишиён ва империяи Мақдуниҳо нишон медиҳад, ки мақдуниҳо дар низоми давлатдории худ ин таҷриба – ҷорӣ намудани мансаби хилларх (намунаи юнонии ҳазорпат)-ро аз Ҳахоманишиён нусхабардорӣ намуданд. Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки хиллархи мақдуниҳо аз лиҳози ҷойгоҳ, мартабаву манзалат ва салоҳияту

уҳдадориҳояш дар низоми дараҷоти мансабҳои давлатӣ (иерархия) ва низоми идораи давлат аз ҳазорпати ҳахоманишӣ поёнтар меистод. Чунин тафовути ҷиддӣ, қабл аз ҳама аз он вобаста буд, ки ҳокимияти Искандару ворисонаш бештар хислати худкомагӣ дошт ва дар тафовут аз империяи Ҳахоманишиён дар хислату рафтори ҳокимони мутлақ таҳаммулпазирӣ камтар мушоҳида мегардид.

Бояд тазаккур намуд, ки дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён таъсиру нуфуз ва мақому манзалати ҳазорпат дар дарбор ва низоми идораи давлат дар шароити ноустувор будани ҳокимияти шахсии шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ боло мерафт ва ин мансабдор дар мавридҳои буҳронӣ ва сар задани моҷароҳои дарборӣ пуштибони асосии шоҳаншоҳ мегашт ва дар дарбор ҷойгоҳи хос пайдо менамуд.

Тадриҷан дар низоми идории давлат сохторҳои нави ҳокимият ташкил меёфтанд, ки вазифаи мақомоти иҷроияро доштанд. Масалан, дар давраи ҳукмронии Дорои I девони марказӣ фаъолият дошт, ки «аз се вазоратхона – хазина, артиш ва додгустарӣ иборат буд. Ҳар девон сардори худро дошт. Дар девонҳо дабирон, муҳосибон ва дигар маъмурон кор мекарданд. Хазинадор ба ҷамъоварии хироҷ, ҳисобу китоб ва сарфи он роҳбарӣ мекард. Дар дастгоҳи подшоҳӣ хадамоти амниятию иттилоотӣ низ ба роҳ монда шуда будааст ва нозирони махфӣ амал мекардаанд» [21, с. 106].

Мансабдори дигари дар сарчашмаҳои аҳди Ҳахоманишиён ёдоварӣ мешавад *caran* аст. Т. Петит (T. Petit) менависад, ки Ксенофонт каранро чун мансабдори низомӣ – «фармондори соҳибқудрат» муаррифӣ намудааст [249, с. 35]. Дар сохтори лашкари Ҳахоманишиён намояндагони аъёну ашрофи қабилаҳои порс, дар мадди аввал хешу ақрабо ва наздикони шоҳ мансабҳои баландмақом ва муҳимро ишғол менамуданд, вале мутобиқи маълумоти Ксенофонт танҳо наздикони шоҳ унвони «каран»-ро соҳиб мегаштанд. Сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ки Дорои II писари худ Курушро ба мансаби хшаҳрапаван (сатрап) ва сарлашкар бо унвони каран муаррифӣ

намудааст. Ба андешаи А. Бивар (A. Bivar) вожаи каран баргирифта аз вожаи «лашкар» (порсии қадим – kâra-) аст [223, с. 123], вале олими фаронсавӣ П. Шантрен (P. Chantraine) бошад ба решаи юнонии ин унвон бештар таъкид менамоянд [237, с. 496]. Ба ақидаи олими рус Э.В. Рунг каран унвони сарфармондеҳи лашкар ва соҳибмансаби лашкари ҳахоманишӣ буд, ки салоҳиятҳои низомиаш мушаххас набуд [194, с. 45].

Маълумоти сарчашмаҳои аҳди қадим ва таҳқиқоти муосир дар бораи салоҳияту вазифаҳои ин мансабдор имкон медиҳанд ба хулоса биёем, ки: аввал, каран унвони мансабдори низомии ҳахоманишӣ аст, ки сатрап тобеи ӯ будааст, дувум, сарлашкари Ҳахоманишиёнро бо салоҳиятҳои васеъ дар Осиёи Хурд чунин меномиданд ва сеюм дар минтақаҳои мухталифи империяи Ҳахоманишиён маъмулан ҳуқуқи фармондеҳии ҷузъу томҳои бузурги низомиро танҳо хешу ақрабо ва наздикони шоҳ дошта, унвони каран доштанд ва тобеи хшаҳрапаван (сатрап)-ҳо набуданд.

Дар баробари мансабдорони баландмақом, ба ақидаи Ҳамза Камол дар низоми идории Ҳахоманишиён мақомҳои раиси ташрифот ва муовини ӯ, хазинадор, кохдор, сафирон, муншиҳо, маъмурони молиёт, пайкор ё чопорҳо ва дигар масъулиятҳои давлатӣ вуҷуд доштанд [61, с. 60].

Афзори муҳимми такягоҳи ҳокимияти шоҳ, таъмини амният ва тартибот дар қаламрави империяи Ҳахоманишиён лашкар артиши доимо амалкунанда маҳсуб меёфт. Ҳудуди давлат ба чор ҳавзаи низомӣ тақсим шуда, фармондеҳи он ба шоҳ итоат менамуд. Сохтори иҷтимоии ҷомеаи порсҳо аз панҷ табақа иборат буд, ки ҷанговарон яке аз онҳо ба шумор мерафтанд.

Дар замони муборизаи Куруши Кабир ба муқобили шоҳи модҳо ва барқарор гардидани ҳокимияти Ҳахоманишиён лашкар асосан аз қабилаи порс иборат буд. Вожаи порсии қадимаи kara, ки дар навиштаҷоти аҳди ин давра дучор меояд, маҳз ҳамин гуна лашкарро дар назар дорад. Густариши лашкаркашиҳо ва истилои сарзаминҳои васеъ навсозии сохтори низомиро ногузир сохт ва дар натиҷа ба ҷойи kara лашкари касбӣ – spada ташкил

дода шуд. Қувваи асосии артиш аз дастаҳои лашкари савора (asabara-) ва лашкари пиёданизом (pasti-) иборат буда, дар замони осоиштагӣ ба он порсҳо ва модҳо сафарбар мешуданд.

Пас аз ташкил ва устувор гардидани империя дар ҳайати лашкар аз ҳисоби мардумони сарзаминҳои истилогардида дастаҳои низомӣ ташкил дода шуданд, вале ҳамоно ҳайати фармондеҳии он дар ихтиёри порсҳо боқӣ мемонд. Дар замони Куруши Кабир артиш аз 10 ҳазор ҷанговарони яккачини форс ташкил шуда, дастаи хосси ҳазорнафарӣ посбонони шоҳ буданд. Фармондеҳи дастаи хосси посбонони шоҳ ҳазорпат буд. Ҷузъу томҳои лашкари найзадорон, камонварон ва саворагон аз дастаҳои даҳ, сад ва ҳазорнафарӣ иборат буданд. Ҷанговарон бо пули нуқра маош ва озуқа мегирифтанд. Нигораҳои ҷанговарону низомиён дар деворҳои Тахти Ҷамшед ва дигар ёдгориҳои аҳди ҳахоманишӣ шаҳодат медиҳанд, ки дастаҳои низомии мардумони мухталифи сокини кишвар вижагии сару либос ва аслиҳаи ҷангии худро нигоҳ медоштанд.

Р. Фрай бар асоси маълумоти Ҳеродот ва Ксенофонт таъкид менамояд, ки силоҳи асосии лашкари порсҳо тиру камон буд ва намунаи онҳо ҳатто дар сиккаҳои аҳди ҳахоманишӣ тасвир ёфта буд. Шамшери кӯтоҳ, ки юнониён онро akinakis (аз суғдии қадим – kyn'k) меномиданд, дар лашкари порсҳо васеъ истифода мегардид. Шаклу намои сипар низ гуногун буда, аскарони савора ва аспҳои онҳо ҷавшан доштанд. Ӯҳдадории ҳарбӣ аз синни 20 то синни 55-солагиро дар бар гирифта, дар саросари кишвар маҳалҳои ташкили лашкар амал мекарданд ва дар ихтиёри худ захираи калони аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ доштанд [210, с. 155].

Шоҳони ҳахоманишӣ бо мақсади устувор гардонидани ҳокимият, таъмини суботи сиёсӣ, рушди низоми хоҷагидорӣ ва таъмини робита байни ҳокимияти марказӣ ва воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ, қонунҳои ҷорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии мардумони сарзаминҳои истилогардидаро ба танзим даровcovered. Дар ибтидо шоҳони ҳахоманишӣ бо амали меъёру қонунҳои мардумони маҳаллӣ муросо менамуданд, вале минбаъд дар амалияи

татбиқи қонунгузорӣ мутобиқ надоштани онҳо ба қонунҳои давлат боиси сар задани ихтилоф ва мушкилӣ мегардид.

Сарчашмаҳои юнонӣ дар бораи вуҷуд доштани маҳкама мутобиқи анъанаҳои мардумони ғайрипорс маълумот медиҳанд, ки онҳо баҳс ва даъвоҳои мардумро баррасӣ менамуданд, вале баррасӣ ва муҳокимаи ҷиноятҳои ба муқобили давлат содиршуда дар ихтиёри ҳокимияти марказӣ буд.

Ба ақидаи М.А. Дандамаев дар замони ҳукмронии Дорои I «... мутобиқсозии қонунҳои сарзаминҳои истилогардида ба охир расида, меъёрҳои амалкунанда дар гӯшаву канорҳои давлат танзим гардиданд дар мавриди зарурӣ мутобиқ ба сиёсати шоҳ тағйир дода шуданд. Шоҳ метавонист қонунҳои навро ҷорӣ намояд ва ба хоҳишу дастури Аҳурамаздо истидлол намояд» [125, с. 97-98].

Дорои I ба танзими меъёру қонунҳо аҳаммияти хос медод ва навиштаҷоти кӯҳи Беҳисутун аз ин шаҳодат медиҳад. Дар он Доро эълон медорад: «Дар ин сарзаминҳо инсоне ба ман содиқ буд, ӯро инъом додам; оне ки аҳдшиканӣ намуд, ӯро бетарраҳум ҷазо додам. Бо марҳамати Аҳурамаздо ин сарзаминҳо аз пайи иҷрои қонуни ман гаштанд. Ҳамон гуна ки ман ҳидоят додам, онҳо онро ба инобат мегирифтанд». Дар ҷойи дигар Доро мардумро даъват мекунад, ки қонунро поймол насозанд ва адолат бояд чунон бошад, ки аз тарси қонун инсони зӯр бечoрaро озор надиҳад. Академик В.В. Струве дар бораи риояи меъёр ва муқаррароти қонун дар аҳди Ҳахоманишиён қайд менамояд, ки «иҷрои талаботи меъёрҳои рафтор ва зиндагӣ натанҳо барои мардуми одӣ, балки барои шахси шоҳ ҳатмӣ буд» [199, с. 19].

Дар баробари ба танзим даровардани меъёрҳои қонун дар саросари империя барои ташкил ёфтани низоми устувори давлатдорӣ ҷорӣ намудани забони ягона дар умури дафтардорӣ ва фаъолияти маъмурияти давлатӣ мусоидат намуд. Ҳанӯз дар замони ҳукмронии Куруши Кабир дар сарзаминҳои ғарбии давлат забони оромӣ истифода мегардид ва пас аз

амалӣ намудани ислоҳоти Дорои I забони оромӣ дар хшаҳраҳои шарқӣ паҳн гардида, ба сифати забони муошират дар тамоми кишвар байни ҳама идораҳои маъмурии империя истифода мегардид. Маҳз дар ҳамин давра қавмҳои хшаҳраҳои шарқӣ, аз ҷумла аз Осиёи Марказӣ то ба шимолу ғарби Ҳинд бо забон ва хатти оромӣ ошно гашта, меъёрҳо ва усулҳои ягонаи интиқоли истилоҳоти оромӣ ба забонҳои эронӣ тартиб дода шуданд.

Ба ақидаи муҳаққиқи намоёни таърихи Ҳахоманишиён М.А. Дандамаев дар баробари забони оромӣ дар сарзаминҳои мухталифи империя дар таҳия ва паҳн намудани асноди расмӣ забонҳои маҳаллии сокинон истифода мешуданд. Ба таври мисол, маъмурияти хшаҳраи Миср дузабона буда, дар баробари забони оромӣ дар муошират бо мардуми бумӣ забони мисрӣ истифода мегардид. Дар пойтахти империя – Тахти Ҷамшед дар умури дафтардорӣ ва маъмурӣ забони эломӣ низ ривоҷ дошт [125, с. 97].

Дастоварди дигари низоми давлатдории Ҳахоманишиён ташкили шабакаи интиқоли асноди расмӣ, маълумот ва таъмини робитаи устувор, фаврӣ ва ҳамагонӣ миёни ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ шабеҳи хадамоти почтаи имрӯза маҳсуб меёбад. Низоми муросилот то ташкили давлати порсҳо, ҳанӯз дар замони давлатдории ошуриҳо мавҷуд буд, вале дар империяи Ҳахоманишиён такмилу навсозӣ ва навоварӣ гардида буд. Ҳеродот дар мавриди ирсоли номаҳои расмӣ ва асноди муҳимми давлатӣ дар давраи Ҳашоёршоҳ маълумот дода, қосидонро «ихтирои ҳайратовар»-и порсҳо меномад. Ба қавли ӯ дар тули шабакаи васеи роҳҳои машҳури онҳо чунон одамону аспҳои бешумор ҷойгир карда шудаанд ва қосиди савора масофаи роҳи ҳаррӯзаи таъйиншударо «новобаста аз барфу борон, гармову сармо ва торикӣ» тай менамояд ва ба дасти қосиди дувуму сеюм ва ғ. дода аснодро саривақт ба макони таъйиншуда мерасонанд [3, с. 208]. Р. Фрай илова менамояд, ки вожаи «барид»-и дар замони пас аз зуҳури ислом барои ифодаи хадамоти муросилот роиҷ гардида эҳтимол решаи аккадӣ дошта, Ҳахоманишиён ин ниҳоди муҳимми иҷтимоиро аз гузаштагон ба мерос

гирифтанд ва дар умури давлатдорӣ, дар madди аввал барои ирсоли амру дастур ва номаву иттилооти муҳимми давлатӣ, асноди дарбори шоҳ ва мақомоти маъмурӣ аз шабакаи муросилот босамар кор бурд, ба қавл аз таърихнигори эронӣ Ҳасани Пирниё – «сохтори давлатӣ маҳсуб ёфта, беҳтарин шабакаи наклиёти аҳди қадим буд»[90, с. 585].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки ҳокимияти шоҳони ҳахоманишӣ бар пояи ташкили сезинагии ҳокимият аз поён ба боло – зинаи аввал, сохторҳои маҳаллӣ ва анъанавии иҷтимоӣ-давлатӣ, зинаи дувум, ҳокимияти ниҳодҳои маъмурӣ-сиёсии давлат – хшатра (сатрап)-ҳо ва ниҳоят зинаи сеюм ҳокимияти марказӣ – шоҳ ва дарбори ӯ асос меёфт. Сардори давлат шоҳ (шоҳаншоҳ) буд, ки дар сарчашмаҳои хаттии порсӣ бо номи хшайатийа ёд мешавад. Дарбори шоҳ мақоми олии ҳокимияти иҷроияи империя ба шумор рафта, сохторҳои низомӣ ва мулкӣ, идораи тамоми империя, тақсими захираҳои мавҷуда ва ҷамъоварии андозро назорат мекард.

Шоҳони ҳахоманишӣ мутобиқи расму ойин ва анъанаҳои ташаккулёфтаи усулҳои идораи давлат ба тахт менишастанд ва ҳокимияти васеъ доштанд. Дар сохтори идории империя ҳокимияти олӣ ба шоҳ тааллуқ дошт ва он мутлақ ва номаҳдуд буд. Дар қабули қарорҳои муҳимми давлатӣ ҳукми ниҳоиро шоҳаншоҳ мебаровард ва он қатъӣ ва тағйирнопазир буд. Дар идоракунии давлати васеъ шоҳони ҳахоманишӣ дар madди аввал ба табақаи болоии ашрофу нухбагони порс такя намуда, намояндагони онҳо дар маъмурияти давлат ва дарбори шоҳ мансабҳои асосиро ишғол менамуданд. Порсҳо ҳамчун қавми ҳукмрон таҳкурсии давлатдорӣ ва ҳокимияти шоҳаншоҳии ҳахоманишиёнро ташкил медоданд ва аз пардохти андоз ва маҷбуриятҳои ҳатмӣ озод буда, ҳамзамон бояд мардони қабилаи худро ба лашкар сафарбар менамуданд.

Ташкилёбӣ ва устувор гардидани империяи Ҳахоманишиён натанҳо барои рушду такомули ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии мардумони эрониасл, балки қавму қабилаҳои сершумори дар ҳудуди васеи

он сукунатдошта мусоидат намуд. Ҳамкориҳои мутақобилан судманд, робитаҳои устувор байни пойтахти давлат ва марказҳои маъмурии музофоту вилоятҳо боиси барқарор гардидани сулҳу субот ва амният, танзими низоми қонуни ягона бар асоси усули таносуби манфиатҳои шахсӣ ва умумидавлатӣ, мутобиқ сохтани расму меъёрҳои анъанавӣ ва мазҳабии мардумони тобеъ бо меъёр ва қонунҳои умумидавлатӣ, таъмини рушди хоҷагидорӣ ва робитаҳои тиҷоратӣ, танзими муомилоти пулӣ-молӣ, эҳтироми ҳувияти фарҳангӣ, динӣ ва забонӣ ва риоя гардидани тавозуни манфиатҳо дар ниҳодҳои иҷтимоӣ гардид.

Таҷрибаи таърихии низоми давлатдории Ҳахоманишиён дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихи мардумони Шарқ ва таърихи инсоният – дар замони ҳукмронии Мақдуниҳо, Селевкиҳо, Ашкониён, Сосониён ва дигар давлатдориҳои минтақа ва ҷаҳон эҷодкорона истифода гардида, аксари ҳокимони ин давлатҳо худро бо ифтихор меросбарони ин давлати бузург медонистанд. Дар шароити имрӯзаи барқарор ва эҳё намудани арзишҳои таърихии низоми давлатдориҳои гузаштагони халқи тоҷик ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ дар шароити густариш ва рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ, ин таҷрибаи таърихӣ метавонад барои муайян намудани ҳимояи манфиатҳо ва афзалиятҳои давлатӣ, самтҳо ва мақсадҳои сиёсати хориҷӣ, устувор гардидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар арсаи ҷаҳон мусоидат намояд.

## 2.2. Ташкили ҳокимияти марказӣ

Дастоварди бузурги абарқудрати Ҳахоманишиён ташкили низоми идораи давлатӣ буд, ки нисбат ба давлатдориҳои гузашта – Ошуру Модҳо, Элому Бобул пешрафта буда, бар пояи таҷрибаи давратдории ғании мардумони Шарқи Қадим асос ёфта буд. Дар ташкили низоми воҳиди давлатдорӣ ду омили асосӣ – васеъ гардидани ҳудуди кишвар дар натиҷаи кишваркушоиҳои шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ ва дар сатҳи гуногуни ҳаёти

иҷтимоӣ-сиёсӣ қарор доштани мардумони сарзаминҳои истилогардида таъсигузор буд.

Маҳз аз ҳамин сабаб мушкилии асосии порсҳо ба бунёд гузоштани низоми хосси давлатдорӣ вобаста буд, ки бояд на танҳо манфиати қабила ва сулолаи ҳокимро таъмин карда метавонист, балки ба мардумони сарзамину кишварҳои истилогардида, бахусус, ашрофону нухбагони онҳо шароит фароҳам месохт, ки дар умури давлатдорӣ ва ҳаёти иҷтимоию иқтисодии давлати порсҳо саҳм бигиранд.

Таҳлили раванди ташаккулёбии низоми давлатдории Ҳахоманишиён нишон медиҳад, ки абардавлати Ҳахоманишиён нисбат ба дигар давлатҳои Дунёи Қадим баътар ташкил ёфта, аз давлатҳои ҳамҷавори он замона, масалан Мисри аҳди миёна тафовути калон дошт. Давлати порсҳо нисбат ба дигар давлатҳои аҳди қадим сохтори давлатдории муназзами маъмурӣ, низоми ҷамъоварии андозҳо, ба амал баровардани адолати судӣ ва низоми ҳуқуқии танзимшуда дошта, дар муносибат бо воҳидҳои идорӣ-маъмурӣ тақсимоти муайяни салоҳиятҳо вуҷуд дошт.

Низоми ташкилкардаи идораи давлат аз ибтидои таъсис додани давлати порсҳо барои таъмини ҳукмронии сулолаи Ҳахоманишиён, риояи қонуну муқаррароти давлат, истиқрори сулҳу субот дар кишвар, ҳамзамон ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои рушди ҳаёти хоҷагидорӣ ва тиҷорати дохиливу хориҷӣ равона гардида буд. Барои таъмини ҳадафҳои доираҳои ҳукмрон ҳанӯз аз замони «... Куруши Кабир ва Камбиз на танҳо сохтори идории дохилии сарзаминҳои ишғолиро ҳифз намуданд, онҳоро қариб тағйир надоданд ва ба ихтиёри мардумони сарзаминҳои мухталиф низоми худидориро вогузор намуданд» [127, с. 108].

Дар баробари нигоҳ доштани анъанаҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии сарзаминҳои зертобеъ тадриҷан дар сохтори дастгоҳи идории кишвар тағйироти ҷиддӣ ба амал омада, низоми давлатдорӣ устувор мегардид. Давлати Ҳахоманишиён дар замони истилои сарзаминҳои сукунати мардумони ғайрипорс амалан аз иттиҳоди низомӣ-маъмурӣ

иборат буд, зеро танҳо давлат бо қувваи низомӣ метавонист муқобилияти мухофилонро саркӯб намуда, ҳукмронии сулолаи Ҳахоманишиёнро таъмин намояд. Ба ақидаи олими тоҷик Н.С. Муродов Куруши Кабир бо ташкили давлати абарқудрат, ки дар дунёи қадим назир надошт ва бо танзими умури давлатдорӣ, ба амал баровардани сиёсати муттаҳид сохтани ақвоми оириёитабор, ҳимояи адолату ҳуқуқи инсон дар таърихи инсоният нақши бузург бозид [169, с. 80].

Бояд таъкид намуд, ки Ҳахоманииён бо низоми хосси давлатдорӣ тавонистанд сарзаминҳои зиёд ва мардумони мухталифро зери итоати худ дароранд. Дар замони Дорои I, аз ҷумла таҷрибаи давлатдориҳои мардумони Осиёи Хурд ва дар ташкили ниҳодҳои ҳокимияти марказӣ дар бораи анъанаҳои порсҳо ва бештар аз таҷрибаи эломиҳо васеъ истифода намуданд. Ба ин нигоҳ накарда, бояд дар назар дошт, ки низоми танзими умури идораи иҷтимоӣ, ки Ҳахоманишиён онро дар амал татбиқ намуданд, асосан маҳсули таҷрибаи порсҳо буд. Дар мавриди робитаи таърихи порсҳо бо мардумони дигари Шарқ метавон бо хулосаи олими намояёни олмонӣ, муҳаққиқи таърихи аҳди қадим Эд. Мейер муроҷиат намуд, ки таъкид намудааст: «абарқудрати порсҳо аввалин давлати аҳди қадим буд, ки тавонист сиёсати таҳаммулпазирӣ насбат ба халқҳои истилошуда («parcere subjektis»)-ро татбиқ намуда, бар асоси ин сиёсат дар сарзаминҳои истилошуда низоми идораи умури давлатиро нисбат ба собиқа беҳтар созмон диҳад» [105, с. 240].

Таҳлили вижагии робитаҳо байни порсҳои ҳоким дар давлати Ҳахоманишиён ва мардумони мухталифи сарзаминҳои тобеъшуда нишон медиҳад, ки порсҳо аз ибтидои кишваркушоиҳо ва ба итоати давлати худ даровардани минтақаҳои васеъ анъанаҳо ва ниҳодҳои идории маҳаллиро аз байн набурданд ва баръакс то ҳадди имкон дар низоми давлатдории худ онҳоро мутобиқ сохтанд. Тадриҷан бо таҳким ёфтани ҳокимияти марказӣ ва мавқеи давлат дар сарзаминҳои тобеъшуда дар робитаи байни ҳокимияти марказӣ ва воҳидҳои идорӣ-маъмурӣ тағйироти ҷиддӣ дохил

карда шуд: тобеият ва робита байни шоҳаншоҳ ва дарбори шоҳӣ, ниҳодҳои марказии маъмурӣ мустаҳкам карда шуд, фаъолияти ҳокимони маҳаллӣ таҳти назорати қатъӣ ва доимиии шоҳаншоҳ ва мансабдорони олимартабаи ҳокимияти марказӣ буд, фаъолияти ниҳодҳои пинҳонии назоратӣ дар маҳалҳо вусъат ёфт, маъмурият ва ниҳодҳои маҳаллӣ бар асоси сохтори мақомоти марказии ҳокимият ташкил дода шуданд, дар баробари хшатравапан ба ҳайати маъмурияти хшатра мансабдорони дигари маҳаллӣ – дабирпат – сардори дастгоҳи идории хшатра, хазинадор, мунодӣ, масъули ҷамъоварии андоз, ҳакамону масъулини мақомоти ҳуқуқӣ ва ғ. дохил карда шуданд. Дар натиҷа, аз як тараф робитаи байни ҳокимияти марказӣ ва мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ беҳтар гардида, аз тарафи дигар дар марказҳои воҳидҳои маъмурӣ – хшатраҳо сохторҳои қавии идораи давлатӣ ташкил дода шуданд.

Олими рус, муҳаққиқи таърихи империяҳои аҳди қадим С.М. Воробев ба вижагии ташкили низоми давлатдории Ҳохоманишиён таваҷҷуҳ намудааст: «Низоми ташкили идораи умури давлатӣ аз сохтори сезинаи ташкили идораи давлатӣ иборат буд. Дар зинаи поён сохторҳои анъанавии маҳаллии иҷтимоӣ-давлатӣ боқӣ монда буданд. Порсҳо ба ҳаёти мардумони сарзаминҳои истилошуда дахолат намекарданд. Ин усули асосии таъмини сулҳу субот дар кишвар буд. Таҷрибаи таърихи гузашта собит месозад, ки аз байн бурдани ҳама гуна сохторҳои анъанавии иҷтимоӣ ва давлатӣ бидуни бесарусомонӣ паёмади дигар надорад. Инро дар он замон порсҳо дарк менамуданд ё не, вале ба умури дохилии маҳаллӣ дахолат намекарданд. Илова бар ин, Дорои I ба танзими низомҳои ҳуқуқии маҳаллӣ иқдом намуд ва ҳамин тавр Байнаннаҳрайн бо қонунҳои худ, Миср бо қонунҳои худ, дар Осиёи Хурд юнониҳо ва мардумони дигар бо низомҳои ҳуқуқии худ зиндагӣ доштанд» [114]. Танҳо дар ҳолати содир намудани ҷиноятҳои вазнин, поймол намудани қонун ва худсарӣ шоҳаншоҳи порсҳо метавонист дахолат намуда, нисбат ба поймол намудани меъёрҳои қонуни «шоҳӣ», яъне умумидавлатиро истифода

намояд. Ҳамзамон дар шаҳрҳои ҷудогона, номҳои мисрӣ, шоҳигариҳо ва мулкҳо дар сари ҳокимият сулолаҳои маҳаллӣ меистоданд ва шарти асосии бақои онҳо риояи қонун ва тобеият ба ҳокимияти марказӣ буд. Дар қуллаи низоми идораи давлатӣ маъмурияти шоҳаншоҳ местод, ки тамоми салоҳиятҳои низомиву ғайринизомиро дар ихтиёр дошт. Маъмурияти шоҳаншоҳӣ, яъне дарбори шоҳ ва дафтардории марказии давлатӣ – ниҳоди асосии ҳокимияти абарқудрат салоҳияти идораи тамоми минтақаҳои империяро дар ихтиёр дошта, захираҳои мавҷудаи давлатиро тақсим менамуд ва умури ҷамъоварии андозҳоро назорат менамуд.

Дар ташкил ва густариши низоми давлатдории Ҳахоманишиён нақшу мақоми Куруши Кабир хеле бузург аст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди мақому манзалати Куруши Кабир таъкид намудааст: «Куруши Кабир дар миёни шоҳаншоҳони аҳди қадим яке аз оқилтарин, боинсофтарин, камозортарин ва дурандештарин шоҳаншоҳ буд, ки бо тамаддунофарию давлатсозӣ, инсонпарварию адолатпешагӣ ва рафтору ахлоқи ҳамидааш нуфузи оламгир ѐфтааст. Куруш сиёсатшиноси нуктасанҷ буд. Пеш аз ҳама гуна муҳориба ӯ барои нарехтани хун ба рақибонаш бо кафолати амният, озодӣ ва бо шартҳои барои онҳо имтиёзнок бастани сулҳро пешниҳод мекард. Танҳо дар сурати аз ҷониби муқобил қабул нашудани пешниҳодҳояш даст ба ҷанг мезад. Баъди ғолиб баромадан кӯшиш мекард мағлубонро беҳуда озор надиҳад ва иззати нафси онҳоро паст назанад... Ӯ одамшиносу инсондӯст буд ва шахсони лаёқатмандеро, ки барояш содиқона хизмат мекарданд, қадр мекард ва ба онҳо мансабҳои калони давлатиро медод» [24, с. 21]. Ҳамин хислатҳои волои давлатдорӣ ва таҳаммулгароии Куруши Кабир буд, ки тавонист пойдеври давлати муҳташаму абарқудрати Порсро бунёд гузошта, қаламрави онро дар Дунёи Қадим вусъат бахшида, дар таърихи башарият ҷойгоҳи хосса пайдо намудааст.

Ҳамин тариқ, марҳилаи аввали истиқрори давлати Ҳахоманишиён – давраи лашкаркашиҳои Куруши Кабир ва Камбуҷиро натиҷагирӣ намуда,

метавон таъкид кард, ки дар ин давра неруи асосии ҳокимияти порсҳо ба истилои сарзамину мардумони ҳамҷавор равона гардида, низоми муназзами идораи сарзаминҳои истилошуда вуҷуд надошт. Нооромиҳои давраи ҳокимияти Камбуҷӣ ва ба таври асроромез фавтидани шоҳаншоҳи ҳахоманишӣ аз бесуботӣ дар низоми давлатдорӣ ва заъфи ҳокимияти марказӣ шаҳодат медод.

Анъанаҳои давлатдории порсҳоро шоҳаншоҳи дигари Ҳахоманишиён Дорои I (ҳукмронӣ солҳои 522-486 то м.) – шоҳаншоҳи бузурги Ҳахоманишиён ва ходими намоёни давлатии Шарқи Қадим идома дода, дар таърих ҳамчун «ҷаҳонгир шуҳрату эътибори давлати Ҳахоманишиёнро боз ҳам афзунтар намуд...» [24, с. 24]. Доро намояндаи сулолаи дури порсҳо буда, тавонист дар муддати кӯтоҳ қудрати аздастрафтаи порсҳоро барқарор намояд ва мавқеи ҳокимияти марказиро дар сартосари кишвари паҳновар барқарор намояд. Хизмати дигари шоистаи Доро аз он иборат буд, ки бар асоси анъанаҳои давлатдории порсҳо ва дигар мардумони минтақа тавозуни таъмини ҳокимиятро ба даст оварда, тамоми сарзаминҳои кишварро дар чорчӯбаи империяи ягона – давлати абарқударти Ҳахоманишиён муттаҳид намояд.

Хизмати шоёни тақдир ва бузурги Дорои I дар таҳкими асосҳои давлатдории абарқудрати порсҳо аз он иборат буд, ки вай бо гузаронидани ислоҳоти васеи тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, бахусус низоми идораи давлат, танзими робита бо воҳидҳои маъмурӣ-идорӣ, умури андоз, муомилоти пул ва ғ. ба давлати муттамарказу тавоно бунёд гузошт, ки беш аз ду аср дар арсаи ҷаҳон нақши муҳим бозид. Хизмати бузурги Дорои I аз он иборат буд, ки дар давраи ҳукмрониаш таҳкурсии моддии муттамарказсозии давлат ба вуҷуд оварда шуд. Масалан сохтмони роҳҳои иртиботӣ натанҳо барои рушди тиҷорати дохилию хориҷӣ, балки таъмини субот ва интиқоли неруҳои низомӣ дар мавриди зарурӣ ба гӯшаву канорҳои кишвари паҳновар мусоидат менамуд.

Дар давлати Ҳахоманишиён шоҳаншоҳ ҳокими мутлақ ва ҳокимияти номаҳдуд дошта, амру фармонҳои шоҳаншоҳ ҳатман бояд татбиқ мегардиданд ва барои саркашӣ аз иҷрои онҳо маҳкум ба қатл буданд. Ҳокимияти номаҳдуди шоҳаншоҳ натанҳо ба дастгирии аъёну ашрофи қабилаҳои порс, балки ба дастгирии бештари намояндагони қабилаҳои порс, ки аз пардохти молиёту андоз озод буда дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён имтиёзи зиёд доштанд, ҳамчунин ба дастгирии аъёну ашрофи маҳаллӣ, ки аз мардумони ғайрипорс иборат буданд, асос меёфт. Ашрофони маҳаллӣ ба хизмати шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дохил шуда, дар баробари ғуломон дигар ҳамқавмони худро истисмор менамуданд ва аз лиҳози иқтисодӣ пойбанди давлат буданд.

Дар низоми идораи давлати Ҳахоманишиён аксари мансабдорони олирутба, ашрофон, ходимони дарбори шоҳаншоҳӣ ва ҳокимони воҳидҳои маъмурӣ-идорӣ аз наздикони шоҳаншоҳ, пешвоёни сулолаи ҳукмрон ва аъёну ашрофи порс иборат буданд. Зинаи дуввуми сохтори мақомоти ҳокимияти марказӣ ва маҳаллиро пешвоён ва сардорони сулолаҳои қабилаҳои порс ташкил медоданд. Дар назди дарбори шоҳаншоҳӣ Шурои аъён вуҷуд дошт, ки пешвоёни маъруфи қабилаҳои порс ба он шомил мешуданд ва масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ ва давлатдории кишвар дар ин шуро мавриди баррасӣ қарор гирифта мешуд, вале тасмими ниҳоӣ дар ихтиёри шоҳаншоҳ буд.

Ба ақидаи олими тоҷик Н.С. Муродов фаъолияти Шурои дарбори шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён «... яке аз муваффақиятҳои бузурги таҷрибаи давлатдории аҷдодони тоҷикон дар аҳди қадим буд. Он намегузошт, ки шоҳ қарорҳои нодуруст қабул намояд, яъне дар мукаммал гардидани қонунҳо ва мураттаб гардидани онҳо нақши боризро мебозид. Шоҳаншоҳ, пеш аз оне, ки дар хусуси масъалаи муҳимми давлатӣ қарор мебаровард, бо ин шуро машварат намуда, баъдан бо дарназардошти ин шуро ҳукми охиринро мебаровард... Дар ин радиф соҳибмансабони бузург ба тарви мустақим дар муқобили шоҳ масъулият доштанд» [38, с. 124].

Ба қавл аз олими намоёни шуравӣ М.С. Иванов дар замони ҳукмронии Дорои I давлати порсҳо ба давлати муттамаркази ғуломдории намунаи шарқӣ табдил ёфт, ки дар садри он шоҳаншоҳ меистод ва тамоми маъмурияти марказӣ ва маҳаллӣ ба шоҳаншоҳ тобеъ буд [139, с. 13]. Маркази маъмурии асосии давлат шаҳри Шуш буда, тамоми асноди дарбори шоҳӣ – амру фармонҳои шоҳ, асноди муҳимми давлатӣ, қарору номаҳо ва низомномаҳо ва асноду ҳуҷҷатҳои дигари давлатӣ маҳфуз буданд. Дар баробари шаҳри Шуш Тахти Ҷамшед (Персеполис) маркази доир намудани маросимҳо ва Экбатану Бобул бошад ҳамчун марказҳои тиҷоратию стратегӣ ва ё маркази маъмурии хшатраҳо буданд.

Тахти Ҷамшед – маҷмаи бузурги меъморӣ аз тарафаи шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дар байни солҳои 510-450 то милод бо мақсади таҷаллии шукуҳ ва шаҳомати абардавлати аҳди бостон барпо гардида буд. Гарчӣ боқимондаҳои коххои боҳашамат ва сангнабиштаву муҷассамаҳои бо санъати рушдёфта бунёдёфта, аз сатҳи баланди рушди таърих ва фарҳанги давлати бузурги порсҳо шаҳодат медиҳанд, вале то ҳол асрори ин ёдгориҳои бемисли меъморию фарҳангӣ то ҳанӯз пинҳон боқӣ мемонанд. Дар байни ёдгориҳои оламшумули аҳди бостони порсҳо Тахти Ҷамшед мақоми хосса дорад, зеро бо гузашти қарнҳо ба сифати руҳи муқаддаси миллӣ арзиши таърихии худро натанҳо ҳифз, балки рӯз аз рӯз афзун менамояд. Дар аҳди Ҳахоманишиён дар Тахти Ҷамшед нуҳ қасри боҳашамат, аз ҷумла тахти шоҳаншоҳӣ, бинои маъбаду дигар қасрҳои ташрифотӣ ва ғ. қомат афрохта буданд. Поинтар аз Тахти Ҷамшед, дар ҳамворӣ хонаҳои истиқоматии аъёну ашроф ва дарбориён сохта шуда буданд.

Назорати умумӣ аз болои фаъолияти тамоми сохторҳои давлатӣ ба уҳдаи ҳазорпат ё ҳазорапат (ḫazarapatiš – «сардори дастаи ҳазорнафара») буд, ки ҳамзамон сардори горди шахсии шоҳаншоҳ (нахустин ҳазораи «ҷовидонҳо») ва сардори дафтари марказӣ (шоҳӣ) буд [133, с. 70]. Дар Шуш дар баробари ҳазорпат сардори дафтардории шоҳаншоҳӣ – «дапирпат»

фаъолият менамуд ва тахти роҳбарии ӯ хазинадори асосӣ, муҳосибон, ҳакамон ва маъмурони маҳкамаҳо, дабирон ва дигар мансабдорони бонуфуз фаъолият доштанд. Дар умури дафтардорӣ забонҳои оромӣ, эломӣ, дар сарзаминҳо ва хшатраҳои калон забонҳои маҳаллӣ мавриди истифода мешуданд. Ба ақидаи олими эронӣ Ғ. Ҷаводӣ дар сатҳи умумидавлатӣ забони қадимаи эронӣ расмӣ буда, шоҳаншоҳони порс ва мансабдорони воломақоми давлатӣ бо ин забон муошират менамуданд ва тамоми сангнабиштаҳои шоҳаншоҳони порс ба ин забон ҳаккокӣ шудаанд [134, с. 13].

Дар аҳди Ҳахоманишиён, бахусус дар замони ҳукмронии шоҳаншоҳони аввал мансаби сарвари ҳокимияти иҷроия, ки баъдан дар давраи ислом сарвазир ё садраъзам ном гирифт, вуҷуд надошт. Дар асноду сарчашмаҳои то имрӯз расида, маълумот дар бораи наздикони шоҳ ва аъёну ашрофи мавриди боварии ӯ қарордошта, намояндаи шоҳаншоҳ дар музокироти сулҳ ва ғайра вуҷуд дорад, вале дар бораи мавҷудияти намояндаи хосси шоҳаншоҳ, ки масъулияти идораи мақомоти олии иҷроияро дошта бошад, маълумот дастрас нест. Ба назари мо чунин вазъият аз он сабаб вуҷуд дошт, ки дар давлати Ҳахоманишиён ҳанӯз мақоми ҳокимияти иҷроия мустақил набуд ва умури амалии идораи давлат дар ихтиёри шоҳ ва наздиконаш қарор дошт.

Пешвоёни қабилаҳои модҳо, порсҳо ва дигар қабилаҳои ориёитабор дар давлати порсҳо ҳуқуқ ва ҳокимияти васеъ дошта, баъдтар дар империяи Ҳахоманишиён ба низоми хшатраҳо ва сохторҳои давлати абарқудрат мутобиқ гардиданд. Дар замони мубориза ба муқобили Бардии дурӯғин ва барқарор намудани ҳокимияти сулолаи Ҳахоманишиён ба Дорои I намояндагони шаш сулолаи бонуфузи порсҳо кумак расониданд ва барои ин хизматашон мақоми ифтихорӣ ба даст оварданд ва ҳуқуқи дар ҳузури шоҳаншоҳ ширкат доштану дар ҳалли масъалаҳои муҳимми давлатӣ саҳм гирифтанро пайдо намуданд. Шаш хонаводаи маъруфи порс – Интрафен, Отан, Гобрия, Мегабиз, Ардиманиш ва Аспатин барои ширкати

фаъол дар пахш намудани ошӯби солҳои 522-520 то милод аз тарафи шоҳаншоҳ сазовори имтиёзи калон гардида, ба ақидаи олими рус В. Орлов, дар аҳди ҳукмронии Дорои I ва Хшаёршоҳи I дар ҳаёти сиёсии империя нақши муҳим мебозиданд [177, с. 18].

Дар низоми идораи маъмурии абардавлати Ҳахоманишиён мансабдорони хос амал менамуданд, ки онҳоро «чашм» ва «гӯш»-и шоҳаншоҳ меномиданд. Возеҳ аст, ки дар шароити давлати хеле бузург шоҳаншоҳ ба мансабдороне муҳтоҷ буд, ки аз гӯшаву канори кишвар дар бораи фаъолияти ҳокимон ва мансабдорони мақомоти маҳаллӣ ва ҳодисаҳои муҳимми ҳаёти давлатӣ маълумоти боэътимод мерасониданд. Ба ақидаи эроншиноси машҳур Р. Фрай мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои юнонӣ ин мансабдорон ваколати васеъ дошта, ҳамчун намояндаи хосси шоҳаншоҳ фаъолият намуда, дар аксар маврид дар ҳайати сафоратҳои давлати порсҳо ба кишварҳои ҳамсоя сафар менамуданд [210, с. 143].

Мансабдорони боэътимоди шоҳаншоҳ вазифадор буданд ба ҷойи шоҳаншоҳ аз вазъи минтақаҳои мухталиф огоҳ бошанд, дар дуртарин сарзаминҳои империя амалҳои шояму ношоям рӯйдодаро мушоҳида намоянд. Ба ақидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти мухталиф «ноаён пайдо шуда, вазъияти кордориро муфассал меомӯхтанд, камбудию норасоиҳоро ошкор мекарданд ва дар дастгоҳи идоракунӣ ва иваз намудани амалдорон дигаргуниҳо ворид менамуданд» [23, с. 152]. Агар хиёнат ва амалҳои хатарноки мансабдорони маҳаллӣ исбот мегардид, нисбати амалдорони ҷиноят содирнамуда, ҳатто волиёну сипаҳсолорон чораҳои қатъӣ андешида мешуд.

Маъмурияти шоҳаншоҳӣ ба воситаи хадамоти махсуси давлатии муросилот бо марказҳои маъмурӣ ва маъмуриятҳои маҳаллӣ робитаи доимӣ дошт. Барои расонидани маълумоти муҳимми давлатӣ хадамоти муросилот дар масири роҳҳои асосӣ, ба хусус шоҳроҳи Сард-Шуш шуъбаҳои худро дошта, робитаи мутақобили пойтахти давлат ва марказҳои маъмурии хшатраҳо ва ирсоли дуҷонибаи асноди муҳимми

давлатӣ, фармону амрҳои шоҳаншоҳ, маълумоти ҳокимони маҳаллӣ ва ғайраро таъмин менамуд.

Вижагии муҳимми ташкили низоми давлатдории Ҳахоманишиён таъмини тавозуни меъёрҳои қонунгузории маҳаллӣ бо меъёру талаботи қонунҳои амалкунандаи давлат буд. Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои юнонӣ Ҳахоманишиён соҳаҳои мухталифи умури давлатдории худро бо муқаррароти қонун танзим намуда, ба риоя ва иҷрои қонунҳои давлатӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуданд.

Ҳахоманишиён дар баробари мерос гирифтани анъана ва арзишҳои низоми давлатдориҳои гузашта, бахусус, Элому Модҳо меъёру муқаррароти низоми ҳуқуқии дар ин мамлакатҳо амалкунандаро дар ташкил ва идораи империяи худ истифода менамуданд. Дар бораи низоми ҳуқуқии давлатдории аҳди бостони порсҳо маълумоти фаровон дар осори дини зардуштӣ, муаррихони юнониву румӣ, сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла сангнабиштаҳои шоҳони ҳахоманишӣ ва дастуру низомномаҳои ташкили идораи давлатии марказӣ ва маҳаллӣ ва ғ. маълумот дастрас менамоем.

Дар ин маврид, бешубҳа маълумотҳои Ҳеродот, Ксенофонт, Ктесий, Плутарх ва дигарон аҳаммияти калон дошта метавонанд. Ба ақидаи олими ҳуқуқшиноси тоҷик С. Насруддинзода низоми ҳуқуқии давлати Ҳахоманишиён ба низоми ҳуқуқии -*data* – қонуни шоҳӣ асос меёфт [171, с. 58], ки ҷузъиёти бештари он дар Устувонаи Куриши Кабир, сангнабишта ва сарчашмаҳои таърихии мансуб ба давраи мавҷудияти империяи порсҳо, бахусус давраи ҳукмронии Куруши Кабир, Дорои Бузург, Хашоёршоҳ ва дигарон инъикос ёфтааст.

Насруддинзода дар бораи ташкили низоми ҳуқуқии дар замони Куруши Кабир мавҷуда мулоҳиза намуда, таъкид месозад: Куруш ҳамчун сиёсатмадор ва ходими бузурги давлатӣ дарк намуда буд, ки танҳо бо роҳи лашкаркашӣ, истифодаи силоҳ ва зулму истибдоди мардумони сарзаминҳои тобеъ ба вуҷуд овардани низоми давлатдории қавию устувор ғайриимкон буд. Аз тарафи дигар, дар бораи шахсияти Куруши Кабир

суханони зерини Ксенофонтро меорад: «Куруш шоҳи дурандеш, саховатманд ва меҳрубон буд. Дар ӯ нубуғи ҳокимият зуҳур ёфта, ҳамзамон ӯ тимсоли ақлу заковат буда, қадру манзалати мутафаккирро дошт. Дар симои ӯ ягонагии ҳикмат, адолат, ақл ва шукуҳу ҳашамат таҷассум меёфт. Вай саъй менамуд салтанати худро ба авҷи ҳашамат расонад. Саховати ӯ аз бузургӣ ва шукуҳу шаҳоматаш боло буд. Хидмат ба инсониятро шиори зиндагӣ медонист». Дар баробари мероси гузаштагон, арзишҳои ахлоқиву фарҳангии зардуштӣ, таҷрибаи давлатдории мардумони ориёитабор ва қабилаҳои порс, маҳз ҳамин хислатҳои азалии шахсии Куруши Кабир замина фароҳам сохт, ки арзишҳои таҳаммулпазирӣ, адолату инсонпарварӣ бистари низоми ҳуқуқии давлатдории Ҳахоманишиёнро ташкил доданд. Меъёру қоидаҳои ҳуқуқии дар Устувонаи Куруши Кабир инъикос гардида, аз болоравии шуури бунёдгузорони аввалин империяи ҷаҳонӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ шаҳодат медиҳад, ки ба таҳаввули робитаҳои иҷтимоӣ, асосҳои низоми сиёсии ташкили давлатдорӣ ва робитаҳои байнидавлатӣ нигаронида шуда буданд.

Дар мавриди асосҳои қонунӣ ва низоми ҳуқуқии давлати Ҳахоманишиён дар сутуни аввали Катибаи Беҳисутун омадааст: «Дорошоҳ гӯяд: ин кишварҳое, ки аз они ман шуданд, бо хоҳиши Аҳурамаздо мутеи мананд. Ба ман боҷ оварданд. Он чи аз тарафи ман гуфта шуд, чи шаб, чи рӯз, онҳо чунин карданд. Дорошоҳ гӯянд: дар он кишварҳо шахсе, ки вафодори ман буд, ӯро подоши сазовор додам; он ки ноустувор буд, ӯро ҷазои сахт додам. Ба хоҳиши Аҳурамаздо ин кишварҳо аз рӯйи қонуни ман рафтор намуданд. Он чи аз тарафи ман гуфта шуд, онҳоро чунин карданд. Дорошоҳ гӯяд: Аҳурамаздо ин шоҳиро ба ман фармуд. Аҳурамаздо ёрӣ дод, ки ин шоҳиро ба даст овардам. Ба хоҳиши Аҳурамаздо ин шоҳиро дороям» [8, с. 87]. Дар эъломияи Доро ба ду асос ва ё ҷанбаи ҳуқуқии ташкили ҳокимияти шоҳӣ ва низоми идораи давлат таъкид гардидааст: аввал ҳокимияти олӣ бо азму иродаи Аҳурамаздо ба шоҳони ҳахоманишӣ расидааст; дувум қонуни давлат, ки замони ҳукмронии Дорошоҳ дар

саросари кишвар амал менамуд, барои иҷрои он подош ва барои нақзи он ҷазо муайян шуда буд.

Ҳамин андеша дар сутунҳои дигари Катибаи Доро дар Беҳисутун чунин ифода гардидааст: «... Аз рӯйи адл рафтор намудам. На ба нотавон, на ба тавоно зӯрӣ накардам. Марде, ки ба хонадони шоҳии ман ҳамроҳ шуд, ӯро хеле хуб дастгирӣ намудам. Он ки зарарнок буд, ӯро сахт ҷазо додам. Дорошоҳ гӯяд: ... марде, ки дурӯғгӯй ё бадкирдор бошад, дӯстӣ ӯ мабош, ӯро сахт ҷазо деҳ» [8, с. 92]. Дорошоҳ ба ворисони тахти Ҳахоманишиён ҳушдор медиҳад, ки аз *druaga* (дӯрӯғ) ҳазар намоянд ва дӯрӯғгӯйро ҷазо диҳанд. Дар мавриди иҷрои ҷазо шоҳони ҳахоманишӣ ҳамоно ва беандоза таҳаммулпазир будани худро нишон медоданд. Плутархи юнонӣ дар мавриди қонуни ҷазои аҳди писари Хашоёршоҳ – Артахшатра I (Artaxšaçā I, ҳукмронӣ солҳои 464-424 то м.) менависад: «дастур дода буд, ки ҳангоми адои ҷазо нисбат ба ашрофзода, ӯро ҷисман ҷазо надода, либоси аз тан кашидаашро тозиёна зананд ва торҳои дӯхташудаи онро кашида гиранд» [171, с. 63].

Дар баробари арзишҳои мазҳабиву ахлоқӣ, амру фармонҳои шоҳаншоҳон асосҳои ҳуқуқии низоми давлатдории Ҳахоманишиёнро ташкил медоданд, зеро аз аҳди қадим шоҳон ҳокимияти номаҳдуд дошта, ҳокимияти онҳо дар саросари кишвар барпо ёфта буд ва риояву иҷрои онҳо ҳатмӣ буд. Аз тарафи дигар, азбаски империяи Ҳахоманишиён аз сарзамину мулкҳои зиёд иборат буда, дар баробари порсҳо бештар аз 70 қавму мардумон сукунат доштанд, меъёру муқаррароти мардумони ғайрипорс дар ҳудуди минтақаи сукунати онҳо, дар баробари меъёрҳои умумидавлатии муқарраргардида ҳатмӣ буда, риояи расму русум ва анъанаҳои маҳаллӣ низ ҷавобгарӣ дошт.

Дар аҳди нахустин шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ, ки қувваи асосӣ ва ҷидду ҷаҳди соҳибдавлатон ба истилои сарзаминҳои ҳамсоя ва тобеъ намудани мардумони кишварҳои мухталиф ба ҳокимияти порсҳо буд, барои аз байн бурдани норозигии мардумони тобеъгардида давлатдорон

маҷбур буданд ба расму русум ва урфу одатҳои онҳо, аз ҷумла қонунҳои маҳаллӣ муносибати таҳаммулпазирона дошта бошанд. Ҳамин тариқ метавон таъкид намуд, ки лашкаркашиву кишваркушоиҳои Ҳахоманишиён сабабгори аз байн рафтани анъана ва меъёрҳои мардумони истилогардида нагардиданд ва дар давлати порсҳо ниҳодҳо ва низомҳои мухталифи ҳуқуқӣ вуҷуд доштанд. Дар аҳди Ҳахоманишиён низоми ҳуқуқии Бобул ба сатҳи баланди рушд расида, дар байни дигар қавму мардумони кишварҳои Шарқи Қадим густариш ёфта буд. Ҳамзамон низоми ҳуқуқии бобулиён таҳти таъсири меъёрҳо қарор дошта, мафҳумҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии эронӣ ба он ворид гардиданд. М. Дандамаев дар ин маврид таъкид менамояд, ки дар асноди бобулӣ марбут ба асри V то милод барои ифода намудани мансаби ҳакам (судя) истилоҳи эронии dātaбara истифода гардида буд, ки ин истилоҳ реша аз вожаи аккадии dajānu – «ҳакам (судя)» дошт [133, с. 72]. Арҷгузорӣ ба қонун боис гардид, ки дар ҳаёти сиёсии давлати Ҳахоманишиён мафҳуми хос барои ифодаи қонун – data- пайдо шуда, минбаъд ба забонҳои мардумони ҳамсоя – арманӣ, иброни, аккадӣ ва ғ. ворид гардида буд.

Р. Фрай асосҳои қонунгузории Ҳахоманишиёнро таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки онҳо аз муқаррароти ҳуқуқии қабилаҳои ориёитабор умумиядошта реша мегирифтанд, вале дар давраи ташкилёбии давлати муттамарказ зарурати тафкик додани талаботи қонун дар соҳаи ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ ва қонунгузории танзимкунандаи умури давлатӣ ба миён омада буд. Дар мавриди аввал меъёрҳои қонунҳои маҳаллӣ амал менамуданд ва дар мавриди дувум барои танзими умури давлатдорӣ қонунҳои умумидавлатӣ ва мубориза ба муқобили ҷиноятҳои зиддидавлатӣ ба уҳдаи маъмурияти марказӣ вогузор гардида буд [210, с. 148].

Иҷрои талаботи қонун ва риояи меъёрҳои он барои ҳама мансабдорони олирутбаи давлатӣ, аз ҷумла шоҳаншоҳ ҳатмӣ буд. Олими тоҷик Э.С. Насруддинов бо истинод ба маълумоти Ҳеродот таъкид менамояд, ки ҳатто шоҳаншоҳони мағруру саркаш, ки аз доираи меъёрҳои

қонун баромада наметавонистанд, маҷбур буданд талаботи қонунро бечунучаро дар назар дошта бошанд ва дар ҳолатҳои истисноӣ ба Шурои аъёни дарбори худ барои пайдо намудани асоси ҳуқуқии сарфи назар кардани меъёри муайяни қонун муроҷиат намоянд. Масалан, Камбуҷӣ (ҳукмронӣ солҳои 530-522 то м.) ба чунин мушкилот дучор омада буд ва танҳо бо иҷозати Шуро даст ба амали нақзи қонун зад [171, с. 63].

Дар баррасӣ ва қабули қарор доир ба ҷиноятҳои зиддидавлатӣ шоҳаншоҳ шахсан ширкат намуда, баровардани ҳукми ниҳоӣ дар ин масъалаҳо ба ихтиёри шоҳаншоҳ буд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои юнонӣ ҳокимони ҳахоманишӣ қотеъона риоя талаботи қонун ва иҷрои онҳоро талаб намуда, аз амалдорон ва шаҳрвандон дастгирии адолат (arsta) ва маҳкум намудани риёкорӣ (drauga)-ро мунтазир буданд. Барои содир намудани ҷиноят ба муқобили давлат ва тартиботи давлатӣ гунаҳкорон ба ҷазо сахт гирифтор мешуданд. Ба қавли юнониён дар давлати порсҳо масъулияти авлод ва ё сулола барои амали аъзои худ (jus taliotiis) вуҷуд дошт, ки барои пешгирии баромадҳои оммавӣ ва ошӯбу исёнҳо ба муқобили ҳокимияти марказӣ ва дигар ҷиноятҳои вазнин ба муқобили ҳокимияти порсҳо мусоидат менамуд.

Р. Фрай қайд менамояд, ки дар ин давра дар ҳаёти ҷамъиятии мардумони Шарқи Наздик барои ифода намудани қонун аз вожаи порсии қадима – data- мавриди истифода қарор гирифт ва он ба забонҳои арманӣ, ибрии қадим ва аккадӣ ворид гардида буд. Метавон фарз намуд, менависад ӯ: «Бунёди қонунгузории Ҳахоманишиён аз муқарраротӣ ҳуқуқии ҷомеаи ориёӣ реша мегирифтанд ва дар марҳилаи ташкили низоми давлатдорӣ зарурати тафриқасозии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ҳаёти оилавӣ ва шахси алоҳида аз умури давлатдорӣ ба миён омада буд» [210, с. 148].

Дар ҳаёти сиёсӣ ва таъмини суботу амният дар ҳудуди давлати порсҳо артиш нақши калон мебозид ва Ҳахоманишиён ба ташкил ва навсозии артиш ва ҷузъу томҳои он аҳаммияти махсус медоданд. Дар ибтидо, дар замони ба сари қудрат расидани Куруши Кабир, мубоеизаи ӯ ба муқобили

шоҳи модҳо Астиаг ва нахустин лашкаркашиҳо, артиш асосан аз дастаҳои мусаллаҳи қабилаҳои порс иборат буд, ки дар ташкили давлати Ҳахоманишиён нақши муҳим бозиданд. Барои ифодаи артиш порсҳо мафҳуми «kara»-ро истифода мебурданд, ки мутобиқи маълумоти сангнабиштаҳои ин давра маънои «лашкари мардумӣ» ё «лашкари қабилавӣ»-ро дошт [99, с. 177-178].

Ҳастии асосии артиши давлати Ҳахоманишиёнро дастаҳои низомии порсҳо ва модҳо ташкил медоданд, вале дар шароити эълони ҷанг дар сохтори артиш дастаҳои низомии мардумони дигар ва сарзаминҳои ишғолгардида ташкил дода мешуданд. Дар ин маврид дар сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла Катибаи Беҳисутун маълумот вуҷуд дорад: маҳз артиши порсу модҳо бо сарварии Доро ошуби Бардии дурӯғин ва дигар ошубгаронро пахш намуда буд ва дар байни ҳашт нафар сарлашкарони тарафдори Доро шаш нафарашон порс ҳастанд [8, с. 87-88]. Дар тасвирҳои Тахти Ҷамшед, дар қатори аввали аскарони дар назди тахти Доро тасвирёфта порсҳо ва модҳо меистанд [255, с. 186]. Илова бар ин Ҳеродот зимни ёдоварӣ аз дастаҳои қавмии артиши Хашоёршоҳ, дар мадди аввал артиши порсҳо ва модҳоро ном мебарад [3, с. 426].

Дар ташкили умури низомии давлат уҳдадории ҳокимони хшатраҳо дар мавриди зарурӣ бо талаби шоҳаншоҳ сафарбар намудани миқдори муайяни сарбозон барои адои хизмати низомӣ, ширкат дар лашкаркашиҳо ва таъмини субот дар саросари давлати порсҳо ниҳоят муҳим ба шумор мерафт. Аксари даъватшудагон ба ҳайати артиш маъмулан берун аз маҳалли сукунат ва воҳиди маъмурии хеш хизмати аскариро адо менамуданд.

Дар раванди тулонии лашкаркашиҳо ва истилои сарзамину кишварҳои дигар сохтори артиш мураккаб гардида, дастаҳои мусаллаҳи қабилавиро артиши касбӣ – «spada» иваз намуда, артиш аз ҷузъу томҳои алоҳида – найзадорон, тиру камонварон, чархаҳои ҷангӣ, савора (asabara), пиёда (pasti) ва ғайра иборат буд [210, с. 152]. Дар байни ҷузъу томҳои

мухталифи низомӣ дастаи даҳҳазорнафара «ҷовидонҳо», горди савораи шоҳаншоҳӣ, лашкари савора ва пиёда нақши асосӣ мебозиданд. Ҳамзамон бо васеъ гаштани ҳудуд ва тобеъ сохтани мардумони мухталиф дар ҳайати артиш дастаҳои мусаллаҳи қавмӣ пайдо шуданд, ки дар амалиётҳои ҷангӣ таҳти фармондеҳони ҳамқавми худ иштирок менамуданд.

Ниҳоят дар сохтори артиши порсҳо неруҳои баҳрӣ низ мавҷуд буд, гарчӣ дар ин намуди артиш сокинони минтақаҳои наздисоҳилии нимҷазираи Осиёи Хурд – юнониёни Финикия ва Иония хизмат менамуданд. Неруҳои баҳрии порсҳо дар ҷанг ба муқобили юнониён борҳо дар набарди шадид рӯ ба рӯ буданд ва бо ин роҳ минтақаҳои наздисоҳилии Юнонро ишғол намуданд. Тадриҷан порсҳо ба боз намудани роҳҳои баҳрӣ ба сарзаминҳои дигар мароқ зоҳир намуда, баҳрнавардони дар хизмати давлати Ҳахоманишиён қарордоштаро ба кишваркушоиҳо сафарбар менамуданд. Падари таърих Ҳеродот хабар медиҳад, ки «Доро барои муайян намудани резишгоҳи дарёи Ҳинд ба баҳр ҳайати баҳрнавардонро, ки ба онҳо эътимод дошт, фиристод, ки дар байни онҳо баҳрнаварди кариандӣ Скилак буд ва сафари онҳо се моҳ идома ёфта буд» [3, с. 198]. Сохтмони роҳи обӣ аз баҳри Сурх ба баҳри Миёназамин дар ҳудуди Миср аз таваҷҷуҳ ва рушди баҳрнавардӣ дар давлати Ҳахоманишиён ва майли онҳо ба рушди роҳҳо ва тиҷорати баҳрӣ бо кишвару минтақаҳои наздисоҳилӣ шаҳодат медод.

Давлати Ҳахоманишиён, бахусус пойтахт ва шаҳрҳои асосии кишвар, дарбори шоҳаншоҳ ва дигар ниҳодҳои марказии ҳокимият ба маркази муттаҳидсозии намояндагони фарҳангҳои мухталифи Шарқу Ғарб табдил ёфта буданд. Аксари муҳаққиқони Ғарб бар он ақидаанд, ки раванди омезиши фарҳангҳои ду ҷаҳони Дунёи Қадим аз лашкаркашӣ, сайъ ва кӯшиши Искандари Мақдунӣ барои муттаҳид намудани юнониҳо бо мардумони Шарқ дар фазои ягонаи сиёсӣ оғоз ёфта буд, вале ба ақидаи академик Б.Ғ. Ғафуров дар асл лашкаркашиҳои юнониҳо сиёсати Ҳахоманишиён идома доданд [115, с. 12]. Барои исботи ин ақида метавон

мисол овард, ки ҳанӯз дар аҳди ҳукмронии Хшаяршани I (Xšayāršā I, солҳои ҳукмронӣ 486-464 то м.) ғояи сиёсии «олами ягона» вуҷуд дошт ва ба ақидаи М.А. Дандамаев ва В.Г. Луконин «фазои ягонаи фарҳангии Шарқ ва Ғарб» ташкил дода шуда буд [127, с. 263].

Раванди таъсири мутақобила, ки ба ақидаи академик Б.Ғ. Ғафуров дар шароити «таҳаммулпазирии фарҳангӣ» ба амал меомад, ба ташаккули аксари арзишҳои фарҳангӣ мусоидат намуд, ки минбаъд масири рушдро муайян намуда, арзишҳои навро ба вуҷуд оварданд ва арзишҳои мавҷудаи фарҳангиро такмилу тағйир доданд [115, с. 12]. Илова бар ин, омезиш ва таҳаввули анъанаву арзишҳои гузашта ва мероси фарҳангӣ заминаи ташаккули муҳити комилан нави фарҳангиро ба вуҷуд оварданд, ки дар таърих то имрӯз ҳамчун «фарҳанги Ҳахоманишиён» шуҳрат дорад.

Олимону мутафаккирон аз тамоми гӯшаву канори олами Дунёи Қадим ба пойтахт ва марказҳои фарҳангии давлати Ҳахоманишиён меомаданд, дар шаҳрҳо омезиши мафкура ва фарҳангҳои мухталиф ба амал меомад ва дар асоси ин омезиш мактабу равияҳои нави илмиву фарҳангӣ ба вуҷуд меомаданд ва аз тариқи онҳо фарҳанги Эрони бостон дар тамоми ҷаҳон густариш меёфт. Паёмади рушду густариши равандҳои фарҳангӣ табдил ёфтани давлати Ҳахоманишиён ба маркази бузурги илму фарҳанги аҳди қадим гардид.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати ташкилёбии абарқудрати порсҳо эроншиносони намоён – Р. Фрай ва М.А. Дандамаев нуқсонҳои низомии давлатдории Ҳахоманишиёнро хотирнишон менамоянд. Ба ақидаи онҳо ба муттамарказият ва рушди ниҳодҳо, сохторҳои нақлиётиву иртиботӣ дар давлати порсҳо нигоҳ накарда, давлати онҳо ғояи қавӣ (идеология)-и давлатӣ вуҷуд надошта, дар амал дар он парокандагии сиёсӣ вуҷуд дошт. Ҳанӯз дар давлати порсҳо боқимондаҳои давлати рушднаёфта – сохтори иҷтимоии ташаккулнаёфта, мухторияти хшатраҳо ва ҳокимияти васеи хшатравапанҳо (ҳокимон) бо сохторҳои низомӣ, маъмурӣ ва судӣ, ҳукмронии қавмӣ, аққалият – порсҳо ва нақши бузурги аёну ашроф дар

идораи давлат ва мухторияти як идда шаҳрҳо вуҷуд доштанд [118, с. 53, 55; 127, с. 97; 128, с. 297; 210, с.154]. Ин аз он шаҳодат медод, ки давлати порсҳо дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошт.

Дар ниҳоят бояд таъкид намуд, ки ба ҳама нуқсону камбудиҳо дар ташкили умури давлатдорӣ, давлати Ҳахоманишиён, бахусус низоми ташкили воҳидҳои идорӣ-маъмурии он ва ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар аҳди қадим ва давраҳои баъдии таърихӣ ҳадафи тақлиди кишвару мардумони давлатҳои ҳамсоя гардида буданд. Ҷаҳониён натанҳо таҷрибаи давлатдории Ҳахоманишиён, балки арзишҳои зиндагӣ ва маънавӣ, расму оин, анъана, афкори мазҳабӣ, арзишу меъёрҳои фарҳангии порсҳоро аз худ менамуданд. Маҳз фарҳанги ғании қадима, анъана ва арзишҳо буданд, ки давлати Ҳахоманишиён тавонист ҳокимияти худро аз болои сарзаминҳо ва мардумони зиёд таъмин намуда, дар тули бештар аз ду қарн дар қаламрави васеъ сулҳу субот ва рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва иҷтимоиро таъмин намояд. Ҳамин тариқ, метавон ба хулоса омад, ки дар ташаккули фарҳанги давлатдорӣ ва ҳаёти фарҳангии аҳди Ҳахоманишиён натанҳо порсҳову мардумони ориёитабор саҳм доштанд, балки фарҳанги аҳди Ҳахоманишиён натиҷаи фаъолияти муштараки мардумоне буд, ки дар минтақаи васеъ аз соҳилҳои шарқии баҳри Миёназамин то шимоли Ҳинди бостон сукунат доштанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили маълумоти мавҷуда роҷеъ ба низоми ташкили ҳокимияти марказӣ дар империяи Ҳахоманишиён моро ба хулоса меорад, ки ниҳодҳои марказии ҳокимият дар пойтахт ва маркази маъмурии асосии давлат шаҳри Шуш фаъолият дошта, тамоми асноди дарбори шоҳӣ – амру фармонҳои шоҳ, асноди муҳимми давлатӣ, қарору номаҳо, низомномаҳо ва асноду ҳуҷҷатҳои дигари давлатӣ маҳфуз буданд. Ниҳоди муҳимми ҳокимияти марказии Ҳахоманишиён дарбори шоҳаншоҳ буд, ки аксари мансабдорони олирутба, ашрофон, ходимони дарбори шоҳаншоҳӣ ва ҳокимони воҳидҳои маъмурӣ-идорӣ аз наздикони шоҳаншоҳ, пешвоёни сулолаи ҳукмрон ва аъёну ашрофи порс буданд. Дар назди дарбори

шоҳаншоҳӣ Шурои аъён вуҷуд дошт, ки пешвоёни маъруфи қабилаҳои порс ба он шомил мешуданд ва масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ ва давлатдории кишвар дар ин шуро мавриди баррасӣ қарор гирифта мешуд, вале тасмими ниҳоӣ дар ихтиёри шоҳаншоҳ буд. Назорати умумӣ аз болои фаъолияти тамоми сохторҳои давлатӣ ба уҳдаи ҳазорпат ё ҳазорапат (hazarapatiš – «сардори дастаи ҳазорнафара») буд, ки ҳамзамон сардори горди шахсии шоҳаншоҳ (нахустин ҳазораи «ҷовидонҳо») ва сардори дафтари марказӣ (шоҳӣ) буд. Дар баробари ҳазорпат сардори дафтардории шоҳаншоҳӣ – «дапирпат» фаъолият менамуд ва таҳти роҳбарии ӯ хазинадори асосӣ, муҳосибон, ҳакамон ва маъмурони маҳкамаҳо, дабирон ва дигар мансабдорони бонуфуз фаъолият доштанд. Дар низоми идораи маъмурии абардавлати Ҳахоманишиён мансабдорони хос амал менамуданд, ки онҳоро «чашм» ва «гуш»-и шоҳаншоҳ меномиданд.

Эҳтимол шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дар ташкили низоми давлатдорӣ дар марказ ва маҳалҳо ба мансабдорони хосси дорои салоҳиятҳои васеъ зарурат доштанд ва дар навбати худ ин мансабдорон бояд дар мавриди ҳама воқеаҳои муҳим, амалҳои хшатравапанҳо ва шоҳони маҳаллӣ ба шоҳаншоҳ ва дарбораш маълумот медоданд. Вазифаи асосии ин унсури муҳимми низоми идораи давлат аз таъмини субот дар хшатраҳо, устувор сохтани мавқеи ҳокимияти марказӣ дар маҳалҳо, сари вақт пешгирӣ намудани майлонҳои ҷудоихоҳӣ ва худхоҳии ҳокимони воҳидҳои маъмурӣ-идорӣ иборат буд. «Чашм» ва «гӯш»-и шоҳаншоҳ дар ихтиёри худ дастаи низомӣ дошта, ба гӯшаву канори империя сафар намуда, вазифаи худро иҷро менамуданд.

Бо ин мақсад, дар замони ҳукмронии Доро дар сохтори ҳокимияти марказии империя ин ниҳоди муҳим – «чашм» ва «гӯш»-и шоҳаншоҳ, шабеҳи хадамоти махсус ва ё пулиси махфӣ дар низоми идораи давлатҳои муосир, ташкил дода шуд. Дар сарчашмаҳои аҳди қадими порсӣ бо чунин унвон ниҳоди давлатӣ ёдоварӣ нашудааст, вале бар асоси маълумоти Ҳеродот дар мавриди дар дарбори шоҳони Мод вуҷуд доштани мансаби

«чашми шоҳ» [3, с. 48], ки ҳамин салоҳиятҳоро доштанд, метавон хулоса намуд, ки ин ниҳоди хосси давлатӣ аз гузашта мерос монда буд. Равшан нест, ки ду мансабдор «чашм» ва «гӯш»-и шоҳаншоҳ буданд ва ё ин салоҳиятҳои васеъро як мансабдор ба дӯш дошт. Ба қавл аз Р. Фрай метавон ёдовар гардид, ки дар яке аз катибаҳои мисрӣ ба забони оромӣ мансуб ба аҳди ҳахоманишӣ, истилоҳи *dwšky'* дучор меояд, ки реша аз забони қадимаи порсӣ дорад ва маънои «шунаванда»-ро дорад. Дар катиба сухан дар бораи мансабдоре меравад, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо ба сифати намояндаи ҳокимияти марказӣ дар маҳкама ширкат менамуд [210, с. 143-144].

Бар асоси таҳлили маълумоти сарчашмаҳо дар мавриди мансабдорони хосси шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ – «чашм» ва «гӯш»-и шоҳаншоҳ метавон хулоса намуд, ки салоҳияти ин мансабдорон аз салоҳиятҳои хшатравапанҳо васеътар буда, онҳо мансабдори воломақоми дарбори шоҳ ва ё худи шоҳаншоҳ маҳсуб меёфтанд. Илова бар ин муаррихони юнонӣ ёдоварӣ намуданд, ки «чашм» ва «гӯш»-и шоҳаншоҳ метавонистанд ба артиш ва хшатравапанҳо фармон диҳанд. Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки ба ин мансаб чун қоида наздикони шоҳаншоҳ – бародари шоҳ, писараш ва ё хешованди наздики дигараш таъйин мешуданд, ки аз мақоми баланд доштани ин мансабдорон дар низоми идораи давлати порсҳо шаҳодат медиҳад.

# БОБИ III. РОБИТАИ БАЙНИ ДАВЛАТ ВА МИНТАҚАҲОИ ТОБЕЪ

## 3.1. Мақомоти идораи воҳидҳои маъмурӣ – хшатра (сатрапия)-ҳо дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён

Ҳокимон ва мансабдорони воломақоми воҳиди маъмурӣ – хшатра (xsaθra,«خَشْتَر») дар тамоми давраи мавҷудияти давлати Ҳахоманишиён мақом ва унсури муҳимми идораи давлат ва амалӣ намудани ҳокимият дар маҳалҳо маҳсуб меёфтанд [86, с. 102]. Муҳаққиқони таърихи Ҳахоманишиён салоҳиятҳои мансабдорони воҳиди маъмурии давлати Ҳахоманишиён – хшатравапан (сатрап), девондори шоҳ ва сипаҳсолор, бахусус робитаи онҳоро бо сардори давлат – шоҳро баррасӣ намуда, таъкид менамуданд, ки назорати ҳокимияти марказӣ аз болои фаъолияти онҳо ҳамаҷониба ва пурсамар буд.

Мансабдори асосӣ дар низоми идораи воҳиди маъмурӣ – хшатра – хшатапаван (xšaçapāvan, «нигаҳбони давлат») буд, ки дар манбаъҳои юнонӣ онҳоро сатрап меномиданд ва маъмулан ба ин вазифа намояндагони сулолаи ҳукмрон ва аъёну ашрофи намоёну сарватманд таъйин мегардиданд. Бо васеъ гардидани миқёси кишваркушоиҳо ва ҳудуди империя, ба итоати Ҳахоманишиён даромадани сарзаминҳои васеъ ва кишварҳои гуногун мансаби ҳокимони минтақаҳо ба ихтиёри намояндагони нухбагони сиёсии маҳаллӣ низ вогузор мегардид. Ҳахоманишиён бо ин роҳ мехостанд нухбагони сиёсӣ ва аъёну ашрофи бонуфузи маҳаллиро таҳти назорати худ қарор дода, дар ҳамдастӣ бо онҳо дар минтақаҳои тобеъ суботи сиёсӣ ва низомиро таъмин намояд.

Ҳанӯз дар замони шуравӣ дар байни шарқшиносон дар мавриди истилоҳоти ҳаёти иҷтимоии Ҳахоманишиён чунин ақида вуҷуд дошт, ки онҳо реша аз забони модӣ мегиранд. Масалан, шарқшиноси намоён И.М. Дяконов бар он ақида буд, ки мансаби хшатапаван ҳанӯз дар замони Модҳо вуҷуд дошта, истилоҳоти хшайатия/xšāyaθiya ва хшатапаван/xšaçapāvan низ аз он аҳд роиҷ буданд [135, с. 361]. Бар ин асос,

аксари олимон ба ин хулоса омада буданд, ки Ҳахоманишиён асосҳо ва анъанаҳои низоми давлатдории худро аз модҳо мерос гирифта буданд. Илова бар ин, баъзе шарқшиносон даъво доранд, ки унвонҳои «шоҳ» (xšāyaθiya/хшайатийа), «шоҳаншоҳ» (xšaya*θ*iya xšaya*θ*iyanam/ хшайатийа хшайатийанам) ва хшатапаван (xšaçapāvan) танҳо дар минтақаҳое роиҷ буданд, ки то ташкилёбии давлати Ҳахоманишиён ба ҳайати давлати Мод дохил мешуданд. Онҳо бештар ба унсурҳои забони модҳо такя менамоянд, ки ба забонҳои дигар аҳди қадим ворид гардида буданд. Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки ба ақидаи Э.А. Грантовский мафҳуми «xšaça-pā» барои ифодаи пешвоёни мустақили қабилаҳо ҳанӯз дар қарни VIII то милод, хеле барвақт аз ташкилёбии давлати Мод дар байни қабилаҳои ориёӣ роиҷ буд [144, с. 323-324]. Ҳамин тариқ, бар асоси таҳлили забоншиносии мафҳумҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи ҳахоманишӣ мо наметавонем бо қатъият онҳоро танҳо ба анъанаҳои давлати модҳо мансуб донем, зеро мафҳумҳои порсии қадимаи «шоҳ» (xšāyaθiya/хшайатийа), «шоҳаншоҳ» (xšaya*θ*iya xšaya*θ*iyanam/хшайатийа хшайатийанам) ва хшатапаван (xšaçapāvan) бо истилоҳҳои санскритӣ ва ҳатто ведии «кшатрапа ва кшатравапати» (kSatra-pa (kSatra-pA) ва kSatra-pAti) бисёр шабоҳат доранд.

Тадриҷан дар гӯшаву канорҳои империя сулолаҳои ҳукмрони маҳаллӣ пайдо мешуданд ва то замоне ба ҳокимияти марказӣ содиқ буданд, аз тарафи онҳо пуштибонӣ мееёфтанд. Ба ин нигоҳ накарда, ба ақидаи муҳаққиқи рус Э.В. Рунг «дар аксар маврид ба мансаби сатрапҳо намояндагони аъёну ашрофи модҳову форсҳо таъйин мегардиданд, зеро онҳо нисбат ба сулолаҳои маҳаллӣ ба шоҳ бештар тобеъ буданд. Ин амал бояд садди роҳи пайдошавии «сулолаҳои сатрапҳо» мегардид, вале чунин сулолаҳо ба вуҷуд меомаданд» [190, с. 87]. Эроншиноси намоён Р. Фрай низ таъкид намуда буд, ки ба мансаби хшатапаванҳо бештар шоҳзодагони ҳахоманишӣ ва ҳокимони маҳаллӣ таъйин мегардиданд [210, с. 140].

Бояд зикр намуд, ки устувор гардидани низоми идории давлати Ҳахоманишиён ва ташкили воҳидҳои маъмурӣ-низомӣ қариб се даҳа

(солҳои 550-522 пеш аз милод) идома дошт. Ба ақидаи М.А. Дандамаев сар задани ошуби солҳои 522-521 пеш аз милод аз ноустувории давлати Ҳахоманишиён далолат менамуд. Дорои I бо мақсади ҷилавгирӣ аз майлонҳои ҷудоихоҳӣ тақрибан соли 518 пеш аз милод ба гузаронидани ислоҳоти низоми идораи давлат иқдом намуд, ки самти асосии он навсозӣ ва башаклдарории низоми идораи вилояту музофотҳо буд. Низоми идораи давлатии ташкилдодаи Дорои I устувор боқӣ ва то охири мавҷудияти империя қариб бетағйир монд.

Дар баробари ворид намудани навоварӣ дар низоми идории империяи Ҳахоманишиён, ислоҳоти маъмурии Дорои I тафовути байни хшатраҳо ва шоҳигариҳои зертобеъро нигоҳ медошт. Ин чунин маъно дорад, ки дар империяи Ҳахоманишиён дар баробари хшатраҳо мулкҳои зертобеъ – шоҳигариҳои хурд вуҷуд доштанд. Ба андешаи Р. Фрай навоварии дар умури идораи давлат дар аҳди Дорои I воридшуда аз ҷорӣ намудани низоми устувори пардохти уҳдадориҳо ва андозҳо иборат буд. Вай таъкид менамояд: «Ҳар сатрапия ҳамасола бояд ҳаҷми муайянгардидаи андоз дар шакли сабикаи тиллоӣ ва ё нукраро пардохт менамуд, ҳар як шоҳигариҳои зертобеъ бошад уҳдадории худро маъмулан дар шакли маҳсулот, на дар шакли фулузоти асилу гаронбаҳо ба давлат мерасонд» [210, с. 151].

Муаррихи намоёни тоҷик, академик Б.Ғ. Ғафуров воҳидҳои маъмурии давлати Ҳахоманишиёро «вилоятҳои молиётдиҳандаи ҳарбӣ, яъне сатрапиҳо» ва ҳокимони онҳоро «волиҳо (сатрапхо)» меномад. Вай таъкид менамояд, ки: «Волиҳо, ки бевосита ба подшоҳ итоат мекарданд, аксаран аз байни форсҳо таъйин карда мешуданд» ва ба уҳдаи онҳо вазифаи «ҷамъоварии андоз ва нигаҳдории қӯшун» вогузор гардида буд» [32, с. 98].

Дар мавриди теъдоди хшатраҳо дар байни муаррихони аҳди қадим ва таърихнигорону муҳаққиқони баъдӣ ақидаи ягона мавҷуд нест. Феҳристи 20 хшатраҳоро Ҳеродот дар ҷилди сеюми «Таърих» оварда аст, вале ба

андешаи аксари муҳаққиқони таърихи аҳди қадими Эрон Ҳеродот маълумот дар бораи хшатраҳои ҳахоманиширо аз осори ҷуғрофиёшиноси юнонӣ ва ё аз рӯйи феҳристи дар Иония – ватани муаррих таҳияшуда гирифтааст. Ба ақидаи Р. Фрай бошад, Ҳеродот дар таърихномаи худ танҳо феҳристи хшатраҳоро оварда аст, зеро онҳо мунтазам ба хазинаи империя андози пулӣ пардохт менамуданд ва мулкҳои зертобеъ ба ин феҳрист шомил нагардидаанд, чунки онҳо андози худро дар шакли ғайрипулӣ – маҳсулот мепардохтанд [210, с. 151].

Қариб чор даҳаи ҳукмронии Дорои I давраи забти минтақаҳои гуногун ва васеъшавии ҳудуди империяи Ҳахоманишӣ буд. Ҳамзамон дар ин муддат дар гӯшаву канораҳои империя ошуб ва баромадҳои оммавӣ сар зада, раванди муттаҳидсозӣ ва тағйир ёфтани теъдоду ҳудуди хшатраҳо идома дошт. Масалан, дар охири асри V ва ибтидои асри IV пеш аз милод борҳо Миср аз итоати Ҳахоманишиён баромада, боз дар натиҷаи лашкаркашиҳо тобеъ карда мешуд.

Дар катибаи Доро дар Беҳисутун, ки дар аҳди ҳукмрониаш ба забони порсии бостон китобат шудааст, номи кишварҳо омадааст, ки ба қавли Доро «ин кишварҳо аз они ман шудаанд, ба хоҳиши Аҳурамаздо ман шоҳи онҳоям. Порс, Хузистон, Бобул, Ассирия, Арабистон, Миср, аҳолии канори баҳр, Лидия, Юнон, Мод, Арманистон, Каппадокия, Парфия, Зранга, Ҳирот, Хоразм, Балх, Суғд, Гандора, Сака, Сатагуш, Ҳарауваштиш, Макрон, ҷамъ 23 кишвар» [8, с. 87]. Дар баробари феҳристи 23 кишвари таҳти итоати шоҳаншоҳони Ҳахоманишиён буда, дар матни катиба номи дигар вилояту музофотҳо, ба монанди «Марв» ном кишвар, «Яутия» ном кишвар, «Гарутава» ном вилоят, «Изала» ном вилоят, «Аутиёра» ном вилоят, «Арахозия» ва ғ. ёдоварӣ шудааст. Ба маврид мебуд таъкид намуд, ки Дорои I дар катибаи мазкур номи кишвару музофот ва вилоятҳоро дар робита бо лашкаркашиҳо, таҳти ҳокимияти худ дохил намудани онҳо ва пахш намудани ошубҳои оммавӣ ёдоварӣ намудааст ва эҳтимоли қавӣ аст, ки катиба то гузаронидани ислоҳоти маъмурӣ-идорӣ

канда шудааст. Ба ҳар ҳол феҳристи сарзаминҳои истилогардида аз тарафи Дорои I дар катибаи кӯҳи Беҳисутун омада барои дарки вусъати ҳудуди империяи Ҳахоманишиён сарчашмаи боэътимоди таърихӣ мебошад.

Дар таърихномаҳои аҳди қадим дар мавриди теъдоди хшатраҳои Ҳахоманишиён маълумоти мухталиф дучор меояд, зеро раванди муттаҳидсозӣ ва тақсимсозии ҳудуди хшатраҳо идома дошта, сиёсати маҳдуд намудани ҳудуди хшатраҳо пурзӯр мегардид. Маҳз барои ҳамин, дар охири ҳукмронии Дорои I теъдоди хшатраҳо нисбат ба оғози ҳукмрониаш чанд маротиба бештар буда, ин раванд то охири мавҷудияти империя давом дошт.

Сабаби дигари тағйири теъдоди хшатраҳо дар ҳайати империяи Ҳахоманишиён мутобиқат надоштани минтақаҳои васеи ҷуғрофиёӣ, ба монанди Бобул ва Ошур бо номи хшатраҳо буд. Масалан, Р. Фрай қайд менамояд, ки Бобул дар сарчашмаҳои аҳди ҳахоманишӣ ва баъд бо номи Ашристон (Ashristan) ёд мешавад ва сабаби чунин номгузорӣ то ҳанӯз равшан нест [210, с. 150].

Ба ҳайати хшатраҳои калон сарзаминҳое дохил мешуданд, ки дар ташкили умури дохилӣ ва амали намудани ҳокимияти маҳаллӣ ҳуқуқҳои васеъ то ҳадди мухтор буданро доштанд. Маъмурияти марказии давлати Ҳахоманишиён дар аксар маврид ба умури дохилии сарзаминҳои канорӣ камтар дахолат намуда, дар таъмини ҳокимияти худ дар ин сарзаминҳо ба ҳокимони маҳаллӣ ва пешвоёни қабилаҳо такя менамуд. Дандамаев таъкид менамояд, ки сарзамини яҳудиён, ҳокимону шоҳони зертобеъ ва маъмурияти шаҳрҳои Осиёи Хурд ҳуқуқи васеъ дар идораи мулкҳои худ дошта, дар ҷазираи Кипр вазифаи хшатравапани Ҳахоманишиён аслан вуҷуд надошт, дар Киликия, Пафлагония, Кария ва шаҳрҳои финиқӣ шоҳони маҳаллӣ ҳатто ҳуқуқи ба мерос гузоштани мансаби худ доштанд ва халқҳои дигар ба монанди арабҳо, ҳабашҳо ва ғ. ҳокимияти форсҳо ба воситаи пешвоёни қабилаҳо амалӣ мегардид [125, с. 97].

Муаррихи намоёни аҳди қадим Ҳеродот менависад, ки мансаби сатрап (шакли порсии қадима хшатапаван) дар аҳди Дорои I ҷорӣ гардида буд. Аксари муҳаққиқони таърихи Эрони бостон бар он ақида ҳастанд, ки ин мансаб дар давлати Модҳо ва бешубҳа аз оғози ташкилёбии давлати Ҳахоманишиён вуҷуд доштааст. М.А. Дандамаев бар он ақида аст, ки дар натиҷаи истиҳоти низоми маъмурӣ-низомии Дорои I салоҳиятҳои хшатапаванҳо тағйир ёфта, дар ихтиёри онҳо танҳо салоҳиятҳои идораи умури мулкӣ (ғайринизомӣ) боқӣ монда, идораи умури низомии хшатраҳо ба ихтиёри соҳибмансабони низомӣ гузашт ва онҳо ҳам ба монанди ҳокимони мулкӣ бевосита ба шоҳ тобеъ буданд. Ҳамзамон Дандамаев таъкид менамояд, ки дар аҳди ворисони Дорои I риояи қатъии салоҳиятҳои мулкӣ (умури маъмурӣ, маҳкама, андозбандӣ ва ғ.) аз байн рафта буд [133, с. 57-58].

Моҳият ва пайомади ислоҳоти умури идораи давлати Ҳахоманишиёнро баррасӣ намуда, эроншиноси машҳури шуравӣ М.С. Иванов қайд намуда буд: «дар аҳди Доро ташкили давлатдории Форс – ба давлати ғуломдории муттамаркази шарқӣ, ки онро «шоҳи шоҳон» («шоҳаншоҳ») сарварӣ менамуд, чӣ гунае шоҳони ҳахоманишӣ худро меномиданд, комилан ба охир расид» [139, с. 13].

Дар баробари танзими идораи умури ҳаёти дохилии давлат, ба ақидаи олими фаронсавӣ П. Бриан (P. Briant) «мақсади асосии низоми ташкилдодаи форсҳо ҷамъоварии андозҳо – таҳкурсии иқтисоди тамоми империяи порсҳо буд» [225, с. 180]. М.А. Мирзоалиева таъкид менамояд, ки яке аз вазифаҳои асосии хшатравапанҳо ҷамъоварии андоз ва нигаҳдории қӯшун иборат буд. Ҳамчунин ҳокимони хшатраҳо бо ризоияти подшоҳ метавонистанд бар зидди ҳамсоягони саркаши худ лашкар кашанд. Умуман, боҷу хироҷғундорӣ муҳимтарин вазифаи дастгоҳи давлатӣ маҳсуб меёфт. Мувофиқи ислоҳоти Дорои I хшатраҳо мебоист андози солонаро бо пул, маҳсулоти зироатӣ ва ҳунармандӣ пардохт менамуданд [35, с. 81]. Ба ақидаи Ҳ. Камол ҳаҷми муқарраршудаи андозу молиёти аз ҷониби

сатрапҳо ҷамъоваришуда, ба хизонаи шоҳӣ ирсол ва нигаҳдорӣ мешуданд [61, с. 62].

Бо мақсади танзими умури ҷамъоварии андозҳо дар хшатраҳо мансабдорони хос таъйин мегардиданд: масалан «лесонис»-ҳо масъули фаъолияти хоҷагидории маъбадҳо буданд, дар хшатраи Миср бошад назорат аз болои заминдориҳо ва ҷамъоварии даромади онҳо ба уҳдаи «сенти» вогузор шуда буд, ки ба ин мансаб намояндагони мардуми маҳаллӣ низ таъйин мегардиданд. Ба ақидаи Д.А. Изосимов «таъйин гардидани намояндагони сулолаҳои маҳаллӣ ба ин мансаби масъул аз ҷалби мансабдорони мисрӣ ба корҳои роҳбарикунанда дар маъмурияти хшатра шаҳодат медод» [138, с. 96].

Дар баробари салоҳиятҳои моҳияти иқтисодидошта – ҷамъоварии андозу пардохтҳо ба хазинаи давлат, хшатапаванҳо салоҳиятҳои муҳимми дигар – ҳалли масъалаҳои баҳсӣ дар маҳкама, роҳбарии идораи ҳудуди воҳиди маъмурӣ – амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқи зарб задани сиккаҳоро доштанд.

М.А. Дандамаев ва В. Луконин ба вазифаву уҳдадориҳои низомии хшатапаванҳо таваҷҷуҳ намуда, таъкид менамоянд, ки бинобар чанд омил онҳо вазифаҳои низомиро иҷро менамуданд [127, с. 123]. Ҳамзамон таъкид менамоянд, ки тибқи маълумоти Ксенофонт (солҳои 430-354 пеш аз милод) фармонравоии лашкари дар хшатраҳо қарордошта ба уҳдаи соҳибмансабони низомии аз тарафи шоҳ таъйиншуда вогузор гардида буд .

Дар мавриди салоҳиятҳои низомии хшатапаванҳо Ҳеродот маълумоти мухталиф меорад: ба ақидаи ӯ ба онҳо танҳо дастаи муҳофизони шахсиаш тобеъ буд, вале дар ҷойи дигар менависад: ба уҳдаи онҳо пурра салоҳиятҳои низомӣ вогузор шуда буд [3, с. 177]. Дар бораи салоҳиятҳои васеи низомии мансабдорони ҳахоманишиён дар хшатраҳо олими рус Э.В. Рунг аз маълумоти Ҳеродот мисол оварда, таъкид намуда буд: Артафен, писари Гуштосп – бародари ҳамхуни Дорои I хшатравапани Лидия буда, дар ихтиёри худ лашкари зиёд дошта, дар ҳалли масоили

давлатӣ худмухтор буд ва сафорату намояндагони юнониёни Осиёи Хурдро қабул менамуд [187, с. 56].

Аз ҷумлаи салоҳиятҳои низомии хшатравапан вазифаи назорат аз болои иҷрои уҳдадориҳои низомӣ дар ҳудуди хшатра – ташкили сафарбаркунии аскар ба лашкари шоҳ буд. Лашкари давлати Ҳахоманишиён аз ҷузъу томҳои низомии аз ҳисоби аҳолии хшатраҳо ва сарзаминҳои истилогардида иборат буд ва ба ақидаи Ю.С. Кухарчик ташкили ин ҷузъу томҳо дар аксар маврид аз фаъолияти ҳокимон ва ниҳодҳои ҳокимияти маҳаллӣ вобаста буд [155, с. 96]. Дар баробари ин, дар давраи лашкаркашиҳои шоҳ хшатравапанҳо дастаҳои ихтиёриён аз ҳисоби аҳолии хшатра шахсан роҳбарӣ менамуданд. Б.Ғ. Ғафуров менависад, ки дар баробари иштирок дар лашкаркашиҳои шоҳ хшатравапан «ҳақ дошт бо ҳамсояҳои итоатнакарда муносибат намояд ва бо ризояти шоҳ метавонист, ҳатто бар зидди онҳо лашкар кашад» [32, с. 98].

Меъёру қоидаҳои давлатдории давлатҳои гузаштаи Шарқ – Ошур, Модҳо, Урарту ва ғ. дар ташкили фаъолияти дастгоҳи марказии давлати Ҳахоманишиён – ҳокимияти шоҳаншоҳӣ боқӣ монда бошанд, дар ташкили ҳокимияи давлатӣ дар вилояту музофот ва сарзаминҳои зертобеъ тағйироти ҷиддӣ ба амал омада буд. Музофот ва шоҳигариҳои зертобеъ дар давлатҳои гузашта мавҷуд буданд, вале дар аҳди Ҳахоманишиён низоми хшатраҳо такомул ёфта, хеле рушд намуда буд.

Дар солҳои аввали ташаккулёбӣ ва устувор гардидани ҳокимияти Ҳахоманишиён, бахусус дар аҳди ҳукмронии Куруши Кабир, Камбуҷӣ ва солҳои аввали ҳокимияти Дорои I дар мансаби ҳокимони вилоятҳои зертобеъ аксар маврид мансабдорон ва намояндагони сулолаҳои маҳаллӣ фаъолият доштанд. То давраи гузаронидани ислоҳоти низоми давлатдорӣ дар аҳди Дорои I хшатравапанҳо дар ихтиёри худ вазифаи ҳокимони мулкӣ ва низомиро доштанд. М.А. Дандамаев таъкид менамояд, ки Доро салоҳиятҳои хшатравапанҳоро маҳдуд намуда, салоҳиятҳои мулкӣ ва низомиро ҷудо намуд. Вай менависад: «Сатрапҳо танҳо ба сифати

ҳокимони мулкӣ боқӣ монданд ва дастгоҳи маъмурии вилоят тобеи онҳо буд, онҳо масъулияти назорати ворид гардидани андозҳо, таъмини суботу амният дар ҳудуди минтақаи тобеи худ ва назорати фаъолияти мансабдорони маҳаллиро ба ухда доштанд. Дар замони осоишта дар ихтиёри сатрап танҳо дастаи начандон калони посбонони шахсӣ буда, лашкар бошад таҳти фармони соҳибмансабони низомӣ буд, ки бевосита ба шоҳ итоат мекарданд» [125, с. 97].

Сардори давлати тоҷикон Э. Раҳмон дар асари худ «Тоҷикон дар оинаи таърих» дар бораи низоми давлатдории Ҳахоманишиён маълумоти фаровон меорад ва таъкид менамояд, ки дар аҳди Дорои I «барои идоракунии ҳар як вилоят се амалдори воломақом – волӣ, девондори шоҳ ва сипаҳсолор таъйин мегардид, ки онҳо ба якдигар мутеъ набуданд ва ҳар кадомашон бевосита ба ҳокимияти марказии шоҳаншоҳ итоат мекарданд» [23, с. 151]. Дар бораи салоҳиятҳои нахустин амалдори ҳокимияти маҳаллӣ – волӣ (сатрап), ба истинод ба маълумоти муаррихи фаронсавӣ Масперо, таъкид мегардад, ки онҳо ҳокимияти маъмурию сарварии оммаро дар ихтиёр дошта, аз миёни форсҳо ва қавмҳои бегона аз ҷониби шоҳ таъйин мешуданд [23, с. 151].

Дар баробари хшатравапан (волӣ, сатрап) мансабдори воломақоми дигари хшатраҳо девондори шоҳаншоҳ буд, ки вазифаи ӯ иҷрои ваколатҳои идорӣ – «расмияти коргузорӣ, умури воридоту содироти амру фармонҳои шоҳаншоҳ ва иҷрои онҳо» буда, аз тарафи дигар дар бораи фаъолияти хшатравапан, сипаҳсолор ва муқаррабони онҳо ба шоҳаншоҳ маълумот ирсол менамуд. Муҳаққиқи тоҷик Муродов Н.С. ин ходими маҳаллиро «дабирони шоҳ» меномад ва таъкид менамояд, ки онҳо дар назди хшатравапан фаъолият намуда, тобеи онҳо набуданд [38, с. 124]. Дар бораи мақоми хосси ин ансабдори хшатраҳо он ҳолат шаҳодат медиҳад, ки девондори шоҳ танҳо аз ҳисоби форсҳо ба ин мансаби муҳим таъйин мешуданд.

Дар низоми ташкили идораи вилоятҳо мансаби сипаҳсолор низ воломақому дар роҳбарии урдуи лашкари хшатраҳо ваколати васеъ дошт. Лашкари давлати Ҳахоманишиён дар хшатраҳо ҷойгирбуда аз «дастаи сарбозони форс, аскарони ғайрипорс (аз ҷумла, бохтариёну суғдиёну сакоиҳо) ва ҷанговарони кироя (бештар дастаи юнониён) иборат буд». Сипаҳсолор амру фармонҳоро аз дарбори марказии шоҳаншоҳ мегирифт ва ба хшатравапану девондор итоат намекард [23, с. 151].

Се шохаи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар рақобати доимӣ буданд, ба якдигар эътимод надоштанд ва ошкорову пинҳонӣ аз кору фаъолияти якдигар назорат намуда, сайъ менамуданд, ки бо дарбори шоҳаншоҳ ва девони марказии он робитаи наздик дошта, садоқати худро ба шоҳ ва ҳокимияти ӯ нишон диҳанд.

Бо мақсади ба даст овардани маълумоти боэътимод, баррасии вазъ дар хшатраҳо ва арзёбии фаъолияти се мансабдори воломақоми хшатраҳо шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дар мавриди зарурӣ ҳамасола мансабдорони бовариноки худро, ки онҳо «чашм ва гӯши шоҳаншоҳ» меномиданд мефиристоданд. Онҳо маъмулан ба таври ғайрирасмӣ сафар намуда, аз наздик вазъ ва мушкилиҳоро баррасӣ намуда «камбудию норасоиҳоро ошкор мекарданд» ва дар мавриди муайян гардидани хиёнати мансабдорон ҳуқуқи баровардани ҳукм то ҳадди маҳкум ба маргро доштанд [23, с. 151].

Р. Гиршман ин мансабдорони хосса ва «комилан мустақил»-и шоҳро «маъмурони шоҳ» меномад, ки «ба ҳама навоҳии мамлакт эъзом мешуданд, то вазъи идораи умури онҳо (хшатра)-ҳоро баррасӣ кунанд». Ба ақидаи олими фаронсавӣ ин ниҳоди муҳимми дастгоҳи идораи давлатии Ҳахоманишиён дар аҳди ҳукмронии Дорои I барқарор шуда буд ва сохтори қавии «иртибот байни қудрати марказӣ ва маҳаллӣ» ва «аҷзо (ҷузъҳо)-и императорӣ» маҳсуб меёфт [74, с. 157].

Дар ташкили умури идораи империяи бузургмиқёс Дорои I ба тақсими салоҳиятҳои маъмури хшатраҳо аҳаммияти калон медод ва ба хотири аз байн бурдани майли ҷудоихоҳии онҳо низоми сегонаи

идоракуниро ҷорӣ намуда буд. Ба ақидаи олими намоёни Эрон А. Зарринкӯб «барои ин ки тамаркузи қудрат дар дасти ин хшатрапҳо (сатрапҳо) муҷиби таҷаррӣ (саркашӣ) ва ё ангезаи истиқлолталабӣ дар онҳо нагардад... як масъули умури молӣ, ки нозир ба дахлу хуруҷ ва асноду дафотири молиётии вилоят маҳсуб мешуд, низ ба таври мустақил дар канори сатрап масъулиятҳои хосси худро дошт, мавҷуд буд» [77, с. 93-94].

Ба ақидаи олими фаронсавӣ П. Бриан (P. Briant) дарбори шоҳаншоҳ дар симои хшатравапанҳо таҷассумгари иқтидору шаҳомат ва манзалату эътибори сардори давлати Ҳахоманишиёнро медид ва маҳз барои ифодаи он ҳокимони музофотҳо дастгоҳи маъмурии худро шабеҳи дарбори шоҳаншоҳ ташкил дода, барои тарбия намудани захираи инсонии ҳокимият – мансабдорони содиқ ва вафодор ба шоҳ ва ҳокимияти марказӣ иқдом менамуданд. «Чунин таҷриба, – менависад П. Бриан, – якпорчагӣ ва ваҳдати империяро халалдор наменамуд, чунон ки ба назар мерасид, балки барои устувор намудани он хизмат менамуд, зеро шароити заруриро барои нигоҳ доштани ягонагии сиёсӣ ва фарҳангии сулолаи ҳукмрони форсҳо дар тамоми қаламрави империя мусоидат менамуд» [227, p. 96].

И.М. Дяконов муҳаққиқи таърихи давлати Мод салоҳиятҳои хшатравапанро бо ҳокимони минтақавии модҳо (pakhatu) [135, с. 174] қиёс намуда, ба хулоса меояд салоҳиятҳои ҳокими хшатраи ҳахоманишӣ шабеҳи салоҳиятҳои ҳокими музофоти Модҳо (pəxāte, pexātu) буданд [135, с. 361].

Дар Бобул ҳам ҳокимони музофотҳо – pakhatu буда, ба муддати номуайян ба вазифа таъйин мегардиданд ва мансаби онҳо меросӣ мегузашт. Ба ақидаи муҳаққиқони англис ҳудуди хшатраҳои ҳахоманишӣ нисбат ба ҳудуди воҳидҳои маъмурии давлатҳои қаблӣ васеъ буда, маъмулан ба ҳайати онҳо сарзаминҳои миқёсан калон дохил мешуданд ва таркиби қавмии онҳо гуногун буда, қисми дигари онҳо то ҳамроҳ шудан ба империяи Ҳахоманишиён давлати мустақил буданд [254, с. 194-195].

Маъмурияти воҳидҳои маъмурӣ – хшатраҳо дар асл аз сохтори дастгоҳи марказии идораи империя – дарбори шоҳ нусхабардорӣ шуда, дар

навбати худ хшатраҳо ба воҳидҳои хурдтари маъмурӣ-идорӣ тақсим мешуданд. Дар баъзе мавврид сохтори маъмурияти ҳокимони вилоятҳо дар хшатраҳои гуногун тафовут дошт. Ҳокимияти воҳидҳои идории хшатраҳо ба уҳдаи форсҳо ва намояндагони нухбагони маҳаллӣ вогузор гардида буд.

Бояд тазаккур дод, ки дар таърихи 300-солаи дар муносибати байни ҳокимияти шоҳӣ ва хшатравапанҳо ихтилофу низоъҳо сар мезаданд. Олими рус В.П. Орлов ихтилофотро ба ду навъ ҷудо намуда, таъкид менамояд: «Як идда ихтилофоти сиёсӣ хусусияти маҳдуд дошта, ба суботи давлат таъсир намерасониданд. Дар дигар ҳолатҳо паёмади ҷиддии сиёсӣ доштанд ва метавонистанд сабаби иваз шудани сулолаи ҳукмрон гарданд, вале ин амал ба ашрофони эронӣ муяссар нашуд» [178, с. 19].

Агар ошубу низоъҳо ба пирӯзӣ мерасиданд, натиҷаи онҳо аз байн рафтани империяи бузург мегашт, аммо дар ҳама давраи мавҷудияти империяи Ҳахоманишҳо чунин воқеа ба амал наомада буд. Ба таври мисол, дар замони ҳукмронии Дорои I се хшатвапаван – Интафрен, Оройт ва Арианд ба муқобили шоҳ ошуб бардоштанд, вале онҳо пахш ва хшатравапанҳои саркаш ба марг маҳкум шуданд. Кушта шудани Хашоёршоҳ ё Хшаяршани I (ҳукмронӣ солҳои 486-464 то милод) дар натиҷаи табаддулоти дарбориён бо сарварии ҳазорпат Артабан шаҳодат аз он медод, ки дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён шоҳ аз ашрофони худ вобастагии калон дошт.

Дар робита ба масъалаи муносибат байни ҳокимияти марказӣ ва хшатравапанҳо наметавон дар бораи «ошуби бузурги хшатравапанҳо» дар замони ҳукмронии Артахшатраи II (Artaxšaçā II /Артаксеркси II, ҳукмронӣ солҳои 404-358 то милод) ёдовар нашуд, ки ба ақидаи аксари муҳаққиқони таърихи Эрони бостон аз парокандагӣ ва таназзули империяи Ҳахоманишиён шаҳодат медод. Дар мавриди сабабу ангеза ва паёмадҳои муқобилияти оммавии хшатравапанҳо бар зидди шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дар байни олимон андешаи ягона вуҷуд надошта бошад ҳам ва баъзе онро «воқеаи хусусияти минтақавӣ ва ба ҳокимияти марказӣ хатар

надошта» [256, с. 179] маънидод намоянд, дигарон ба паёмадҳои ҷиддии ошӯби хшатравапанҳо таъкид намудаанд [243, с. 115; 227, с. 675].

Дарвоқеъ ба муборизаи муштарак иқдом намудани хшатравапанҳои давлати Ҳахоманишиён намунаи равшани буҳрони равобити мутақобила миёни шоҳаншоҳ ва ҳокимони маҳаллӣ буд. Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки ҳокимони хшатраҳо мақсади ташкили давлати мустақили худро надоштанд ва танҳо барои васеъ намудани салоҳиятҳо ва доираи таъсири худ, аз ҷумла бо истифодаи неруи низомӣ мубориза мебурданд.

Маълумоти мавҷуда дар бораи воҳидҳои маъмурӣ-идории давлати Ҳахоманишиёнро ҷамъбаст намуда, метавон таъкид намуд, ки дар низоми давлатдориии Ҳахоманишиён ҳокимон ва мансабдорони воломақоми воҳидҳои маъмурӣ – хшатраҳо мақом ва унсури муҳимми идораи давлат ва амалӣ намудани ҳокимият дар маҳалҳо маҳсуб меёфтанд. Мансабдори асосӣ дар низоми идораи воҳидҳои маъмурӣ – хшатраҳо – хшатапаван (xšaçapāvan, «нигаҳбони давлат») буд, ки дар манбаъҳои юнонӣ онҳоро сатрап меномиданд ва маъмулан ба ин вазифа намояндагони сулолаи ҳукмрон ва аъёну ашрофи намоёну сарватманд таъйин мегардиданд. Дар баробари салоҳиятҳои моҳияти иқтисодидошта – ҷамъоварии андозу пардохтҳо ба хазинаи давлат, хшатапаванҳо салоҳиятҳои муҳимми дигар – ҳалли масъалаҳои баҳсӣ дар маҳкама, роҳбарии идораи ҳудуди воҳиди маъмурӣ – амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқи зарб задани сиккаҳоро доштанд. Аз ҷумлаи салоҳиятҳои низомии хшатравапан вазифаи назорат аз болои иҷрои уҳдадориҳои низомӣ дар ҳудуди хшатра – ташкили сафарбаркунии аскар ба лашкари шоҳ буд.

Дар баробари хшатравапан (волӣ, сатрап) мансабдори воломақоми дигари хшатраҳо девондори шоҳаншоҳ буд, ки вазифаи ӯ иҷрои ваколатҳои идорӣ – «расмияти коргузорӣ, умури воридоту содироти амру фармонҳои шоҳаншоҳ ва иҷрои онҳо» буда, аз тарафи дигар дар бораи фаъолияти хшатравапан, сипаҳсолор ва муқаррабони онҳо ба шоҳаншоҳ маълумот ирсол менамуд. Дар низоми ташкили идораи вилоятҳо мансаби

сипаҳсолор низ воломақому дар роҳбарии урдуи лашкари хшатраҳо ваколати васеъ дошт. Маъмурияти воҳидҳои маъмурӣ – хшатраҳо дар асл аз сохтори дастгоҳи марказии идораи империя – дарбори шоҳ нухсабардорӣ шуда, дар навбати худ хшатраҳо ба воҳидҳои хурдтари маъмурӣ-идорӣ тақсим мешуданд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки мансабдорони маҳаллӣ – хшатравапан, девондори шоҳ ва сипаҳсолор таҳти назорати қатъии дастгоҳи шоҳаншоҳ буданд ва тамоми дастур ва супоришҳои ҳокимияти марказиро бечунучаро иҷро менамуданд. Дар сурати риоя намудани тартиботи муқаррарнамудаи шоҳу ҳокимияти марказӣ дар иҷрои салоҳиятҳо ва уҳдадориҳои худ озод буданд ва метавонистанд бо ҳокимони дигар хшатраҳо робита дошта бошанд. Робитаи наздики хшатравапан бо шоҳ, садоқати мансабдорони маҳаллӣ ба ҳокимияти марказӣ, аз як тараф ва таъмини назорати самаранок ва қавии шоҳу дарбораш аз болои фаъолияти маъмурият ва хшатравапанҳо заминаи устувори суботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии давлатро ташкил медод.

## 3.2. Нақши хшатраҳои шарқӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии давлати Ҳахоманишиён

Аксари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки умумияти таърихӣ-ҷуғрофиёӣ ва фарҳангии халқҳои ориёитабор ва дар ҳайати давлатдории Модҳо дохил будани бахши ин сарзаминҳои паҳновар, заминаи ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохил шудани онҳоро фароҳам овард. Дар сарчашмаҳои юнонӣ минтақаи сукунати мардумони муқимиро бо номи Ориёно ва қабилаҳои саҳрогардро – Скифия ёдоварӣ намудаанд.

Академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки: «Ин сарзаминҳо дар марҳилаи гузариш ба ҷамъияти синфӣ» қарор дошта, дар ноҳияҳои тараққикардаи онҳо «аввалин давлатҳо ташкил меёфтанд». Устод дар мавриди давлатдориҳои минтақа сухан ронда, дар бораи ду давлат – «Хоразми Бузург» ва Бохтари Қадим маълумот медиҳад. Б. Ғафуров

қабоили саҳрогардро сакоиҳо ном бурда, менависад, ки онҳо «ба ду конфедератсия (иттиҳод – муалл.) ҷудо мешуданд»: сакоиҳои ҳумаварга («сакоиҳои ситояндаи Ҳаума») ва сакоиҳои тиграхада/тиграхауда («сакоиҳои кулоҳпӯш»), ки аввалиҳо бо Бохтару Ҳинд ва дувумиҳо бо Суғд робита доштанд» [32, с. 82].

«Юнониҳо дар ибтидо сарзамини скифҳо (Скифия) гуфта, мардуми минтақаҳои соҳилҳои шимолии баҳри Сиёҳро дар назар доштанд, вале дар аҳди Ҳахоманишиён ҳама қабоили саҳрогарди шабеҳи скифҳо дар даштҳои Авруосиёро чунин меномиданд» [143, с. 703]. Маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки форсҳо ба таври умум қабоили саҳрогарди даштҳои бузурги Авруосиёиро сакҳо меномиданд, зеро маҳз бо онҳо иртибот доштанд. «Аҳолии Скифия аз лиҳози қавмӣ ва бештар умумияти фарҳангиву идорӣ дошта, натанҳо дар даштҳои Осиёи Марказии имрӯза, балки дар минтақаи васеъ – аз ҷанубу шарқи Аврупо то марзҳои Чин саҳронишин буданд. Аз лиҳози ҷуғрофиёӣ тамоми даштҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла даштҳои поёноби Амударё ва Сирдарё шомили сарзамини скифҳо буда, «бевосита дар соҳили Амударё бо Бохтар ва минтақаҳои ҷудогонаи Суғд ҳаммарз буд» [143, с. 704].

Партава (Порт) ё Парфия минтақаи ҷанубии байни кӯҳҳои Албурз ва Нишопурро дар бар мегирифт ва ба қавли Страбон сарзамини начандон калон, камсарват, кӯҳистонӣ ва ҷангалзор буд, вале дар замони Ҳахоманишиён бар илова аз Вркана (Гиркониё)-и машҳур, минтақаҳои атрофи онро низ дар бар мегирифт. Муаллифони аҳди Ҳахоманишиён Врканаро минтақаи марзӣ миёни кадусиҳо ва сарзаминҳои паҳновари шимолу шарқӣ, ки қабилаҳои скифҳо дар онҳо саҳрогардӣ мекарданд, медонистанд.

Бохтар (Бактрия) асосан минтақаи шарқии байни ду дарёи бузург – Амударё ва Сирдарёро дар бар гирифта, сарҳади ҷанубии он қаторкӯҳи Ҳиндукуш, дар шимолу ғарб – миёнаоби Амударё, дар шимол – қаторкӯҳи Ҳисор ва дар шарқ қариб то Ҳимолой мерасид. «Муҳаққиқони аҳди қадим

бар он ақида буданд, ки Бохтари Қадим дар аҳди ҳукмронии Виштосп (охири асри VII- ибтидои асри VI то милод) ба ҳадди вусъати иқтидор расида, сарзаминҳои васеъ, бар илова аз ҳудуди Бохтар – Ишкат, Парут, Марғиён, Арея, Суғду Хоразм ва дар ҷануб то водии дарёҳои Этимандр (Ҳилманд) ва Арахот (Арғандоб) ва ноҳияҳои болооби дарёи Кобулро дар бар мегирифт. Ба эҳтимоли қавӣ сарзамини Бохтар дар ҳамин вусъати ҳудуд ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохил гардида буд. Ба ақидаи С. Бобомуллоев аксари ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистони Марказӣ, аз ҷумла водии Ҳисор ба ҳайати хшатраи Бохтар дохил буда, дар муддати чоряки сеюми асри VI то милод (солҳои 550-525 то милод), дар замони Куруши Кабир ва Дорои I истило гардида буд» [108, с. 206].

Суғда (Суғд) – минтақаи байни ду дарёи бузург – Амударё (Окс) дар ҷануб ва Сирдарё (Яксарт ё Танаис) дар шимолро дар бар мегирифт. Маркази Суғд водии имрӯзаи Зарафшон маҳсуб ёфта, пойтахти он шаҳри Мароқанд (Самарқанд) буд.

Ҳарайва (Haraiva ё Арея) – водии ду дарёҳои имрӯзаи Таҷан (Теҷен) ва Ҳарирӯдро дар бар гирифта, аз лиҳози хоҷагидорӣ сарзамини серобу зироаткор маҳсуб меёфт ва нақши он дар аҳди Ҳахоманишиён муҳим арзёбӣ мегардид.

Хворазм (Хоразм) сарзамини дигари то аҳди Ҳахоманишиён маълум, мутобиқи маълумоти Скилак (охири асри VI то милод) ва Ктесий (охири асри V то милод) шарқтар, байни портҳо ва бохтариҳо ҷойгир буд. Муаррихони аҳди қадим хабар медиҳанд, ки то ташкилёбии давлати Ҳахоманишиён ҳокимони Хоразм минтақаи водии дарёи Ҳарирӯдро таҳти назорат қарор дода, як муддат портҳо, гиркониён ва аҳолии минтақаҳои ҷанубтар ҳам таҳти ҳокимияти онҳо буданд.

Дар даштҳои паҳновари шимолӣ ду иттиҳоди қабоили бузурги саҳрогард – сакҳо ва массагетҳо вуҷуд доштанд. Водии Фарғона ва ноҳияҳои атрофи он ба ҳайати иттиҳоди сакҳо ва дар даштҳои шимолу шарқии баҳрҳои Хазар ва Арал массагетҳо саҳронишин буданд.

«Пас аз ташкилёбии давлати Ҳахоманишиён бо сарварии Куруши Кабир сарзаминҳои шарқӣ ва шимолу шарқӣ дар давраҳои аввали забткориҳо ба ҳайати империяи паҳновар дохил шуданд. Дар тамоми давраи мавҷудияти абардавлати Ҳахоманишиён қисми бештари минтақаҳои имрӯзаи Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Покистон ва шимоли Ҳиндустон таҳти ҳокимияти Ҳахоманишиён қарор доштанд, вале минтақаҳои сукунати қабоили саҳрогарди сакоиҳо ва дохиҳо дар охири асри V ва массагетҳою хоразмиён дар ибтидои асри IV то милод аз таҳти итоати онҳо баромада буданд» [143, с. 699].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҳамроҳшавии минтақаҳои шарқӣ ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён таъкид менамояд, ки: «Порсҳо баъд аз модҳо, аз ҷумла дар ҳудуди Осиёи Марказӣ аз лиҳози сиёсӣ мавқеи худро тавият бахшида, ба зинаҳои сифатан нав иртиқо доданд, аммо то ба ин қудрату тавоноӣ расидан форсҳо роҳи тулонии пуршебу фарози тараққиётро тай кардаанд» [21, с. 89].

Сарзаминҳои забтгардида бидуни тағйири ҳудуд ба ҳайати давлати Ҳахомнишиён ҳамчун хшатра (сатрапия) дохил мегардиданд, вале дар дигар ҳолатҳо сарзаминҳои бузург тақсим гардида, ба чанд хшатра табдил меёфтанд. Муаррихи юнонӣ Ктесий қайд менамояд, ки: «Пешвои гиркониён Артасир ва сипас «парфиягӣ, сак ва бохтарӣ» пас аз ғалаби Куруш бар Астиаг ва қабл аз тасхири пойтахти модҳо – Экбатан ва асир гардидани шоҳи онҳо, ба тарафи вай гузашта буданд» [143, с. 732].

Бештари муҳаққиқон тахмин менамоянд, ки истилои сарзаминҳои бохтариҳою сакоиҳо байни солҳои 545 ва 539 то милод, яъне байни истилои Лидӣ ва Бобул ба амал омада буд. Ҳеродот дар ин маврид ду маротиба таъкид менамояд: «Аввал ин ки, пас аз истилои Лидӣ Бобул, мардуми бохтарӣ, сакоиҳо ва мисриён садди роҳи Куруш буданд ва бори дигар менависад, ки пас аз истилои тамоми қитъа (Осиё) Куруш рӯ ба муқобили ошуриҳо овард, ки шаҳри аз ҳама машҳур ва пуриқтидори онҳо

... Бобул буд» [3, с. 59, 67]. Ктесий бошад дар «Перçіка» (Таърихи Порс) дар бораи ҷангҳои Куруш менависад ва эҳтимол менамояд, ки аввал сарзамини бохтариҳо ва баъд сакоиҳо истило гардида бошанд» [13, с. 40].

Дар нимаи дувуми асри VI то милод Ҳахоманишиён қисми аксари сарзаминҳои маскунии Осиёи Марказиро истило намуда, ба марзи даштҳои паҳновар – минтақаи сукунати қабоили саҳрогард: «Массагетҳо, дахоиҳо, сакоиҳо, сарвомату сарматҳо расиданд. Забткориҳои нокоми Куруши Кабир ва пирӯзиҳои Дорои I бар саҳрогардон мақсади Ҳахоманишиён – пурра тобеъ намудани онҳоро муяссар нагардонд. Як идда қабоили сакоиҳоро Дорои I тобеъ намуд ва дастаҳои низомии онҳо дар ҳайати лашкари давлат дар истило ва таъмини идораи дигар сарзаминҳо, ҷангҳои форсу юнониҳо ва хидмати низомӣ дар дигар сарзаминҳо, аз ҷумла дар шаҳрҳои Миср ширкат менамуданд. Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ сарбозони сакоӣ дар Бобул хидмати низомӣ намуда, соҳиби қитъаи замин мегардиданд» [126, с. 39] ва ҳатто дастаҳои низомии қабоили сарвоматӣ дар ҳайати лашкари Ҳахоманишиён вуҷуд доштанд» [197, с. 169].

Дар таъмини робита байни «ҷаҳони тамаддуни эронӣ» – давлати Ҳахоманишиён ва «олами қабоил» – қабоили саҳрогарди даштҳои шимолу шарқӣ, ба ақидаи Т.К. Темуров: «Хоразм нақши «пули иртиботӣ»-ро мебозид» [206, с. 60], зеро як қисми қабоили саҳрогард ба ҳокимияти эрониён итоат кардан нахостанд ва ба минтақаҳои шимолтар – даштҳои соҳили дарёи Урал кӯч бастанд. «Дар замони хукмронии Артахшатра II (Artaxšaçā II, солҳои 404-359 то м.) Хоразм, Суғд ва сакоиҳо аз итоати порсҳо баромада, ба ақидаи М.А. Дандамаев ба иттиҳодчиёни Ҳахоманишиён табдил ёфтанд» [128, с. 248]. Сабаби чунин иттиҳоди Хоразм ва қабоили саҳрогард дар он буд, ки ду тараф барои баромадан аз тахти ҳокимияти порсҳо ба ҳамдигар кумак мерасониданд ва пуштибонии дастаҳои ҷанговарони қабоили саҳроӣ дар муборизаи истиқлолхоҳии хоразмиён нақши асосӣ дошт.

Сарчашмаи муҳим дар бораи сиёсати Ҳахоманишиён дар хшатраҳои шарқӣ сангнабиштаҳои бо дастури шоҳаншоҳони ин сулола ҳаккокишуда мебошанд. Дар миёни онҳо катибаи Беҳисутун, ки бо дастури Дорои I дар кӯҳпора канда шуда буд, маълумоти бештар медиҳад. Катибаҳои дигари Дорои I (Dārayavahuš I), Хшаёршо (Xšayāršā), Артахшатраи III (Ардашери III,Artaxšaçā III) дар Шуш, Персеполис, Нақши Рустам, Бобул ва соҳили дарёи Суетс низ ба ҷанбаҳои мухталифи сиёсати Ҳахоманишиён дар ҳудуди имрӯзаи Осиёи Марказӣ равшанӣ меандозанд.

Ба андешаи В.В. Гусаков: «Хшатраҳои шарқӣ дар сиёсати давлатдории Ҳахоманишиён натанҳо мавқеи намоён доштанд, балки барои давлатдорон мушкилоти зиёд эҷод менамуданд. Ҳахоманишиён аз ибтидои ташкили абардавлати худ ба масъалаи тобеъ намудани сарзаминҳои шарқӣ таваҷҷуҳи хосса дошта, ҳанӯз Куруши Кабир барои ба итоати худ баргардонидани ҳудудҳои аз даст рафтаи давлати Модҳо ба шарқ лашкаркашӣ намуда, тавонист муқобилияти мардуми саркашро пахш намояд ва «муҳимтарин минтақаҳои зироаткории Осиёи Марказиро муттаҳид намояд» [123, с. 13].

Дар мавриди вуҷуд надоштани маълумот дар бораи раванди ҳамроҳшавии мардумони минтақаҳои шарқӣ ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён ва набардҳои шадиди ин раванд В.В. Гусаков қайд менамояд, ки: «Шояд чунин маълумот мавҷуд набошад ва дар раванди истилои сарзаминҳои шарқӣ набардҳои шадид ба амал омада набуданд, зеро байни форсу модҳо ва қабоили саку массагетҳо тафовутҳои амиқи қавмӣ, нажодӣ ва фарҳангӣ вуҷуд надошт, аҳолии Эрону Турон аз лиҳози қавмӣ ҳамсон буд ва байни мардуми минтақаҳои ғарбӣ ва шарқӣ аз лиҳози забонӣ ва хулқу рафтор тафовут вуҷуд надошт ва бинобар гузаштаи муштарак доштанашон ба ташкили «иттиҳоди сиёсӣ» омода буданд» [123, с. 13].

Дар бораи қаробати қавмӣ миёни порсҳои соҳибдавлат ва мардумони сарзаминҳои шарқӣ омилҳои дигар ҳам шаҳодат медиҳанд, ки далели аз

ҳама муҳим, мутобиқи маълумоти Ктесий «... чанде пеш аз марг, Куруш фарзанди худ Бардияро ҳокими портҳо, карманиҳо, бохтариҳо ва хоразмиҳо таъйин намуда буд» [185, с. 92-93]. Бо дар назар гирифтани он, ки Куруши Кабир Бардияро қабл аз ҳокими сарзаминҳои шарқӣ таъйин ва валиаҳди тахти шоҳаншоҳӣ эълон намуда буд, метавон хулоса намуд, ки дарвоқеъ хшатраҳои шарқӣ дар сиёсати давлати порсҳо мақоми муҳим доштанд.

Ашрофи ҳахоманишӣ, дар мадди аввал намояндагони сулолаи ҳукмрон ва наздикони шоҳаншоҳ дар аксар хшатраҳои шарқӣ мансаби хшатравапан (сатрап)-ро ишғол менамуданд. Марказҳои идорию маъмурии хшатраҳои Порт, Марғиён, Бохтар ва Суғд аз лиҳози низомӣ ба истеҳкомгоҳи қавӣ табдил дода шуда, дар дохили қалъаи ҳоким биноҳои маъмурии боҳашамат бо услуби меъмории ба Ҳахоманишиён хос буда, сохта шуда буданд. «Хшатравапанҳо ба ободию ташкили хоҷагидорӣ ва обёрии сарзаминҳои тобеъ аҳаммияти калон медоданд, ки дар ин бора боқимондаҳои шабакаҳои обёрӣ дар минтақаҳои васеи соҳилҳои дарёҳои Мурғоб, Таҷан, Балхоб, миёнаобу поёноби Амударё ва Сирдарё шаҳодат медиҳанд. Дар миёни сарзаминҳои Ҳахоманишиён дар ҳудуди имрӯзаи Осиёи Марказӣ Хоразм дар поёноби Амударё ва водии Фарғона мақоми хосса дошта, ҳамчун навоҳии тамаддуни мардуми зироаткор дар байни ҷаҳони қабоили саҳрогард намоён буданд» [135, с. 267].

«Кишварҳои Осиёи Миёна хшатраҳои XII (Бохтар), XVI (Суғд, Хоразм ва Порт), XV (сакоиҳо) ва XI (сакоиҳои соҳили баҳри Хазар)-ро ташкил мекарданд [26, с. 108]. Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Маҳз асолати ягонаи фарҳангию этникӣ буд, ки сарзамини қадимаи ориёиҳои Варорӯд – Бохтару Суғд, Марву Сакистон ва Хоразму Порт ба қаламрави шарқии давлати бузурги Ҳахоманишиён ҳамчун вилоятҳои ҷудогона пайваста, ба густариши сиёсати ягонаи давлатдорӣ ва паҳншавии тамаддуни ориёӣ мусоидат карданд» [23, с. 326].

Дар муттаҳид намудани давлати Ҳахоманишиён ва пойдор намудани мавқеи ҳокимияти шоҳаншоҳӣ дар сарзаминҳои шарқӣ Дорои I нақши муҳим дошт. Дар баробари гузаронидани ислоҳоти маъмурӣ-сиёсӣ, танзими умури ҷамъоварии андозҳои давлатӣ, сохтмони роҳҳои шоҳаншоҳӣ, мутобиқ гардонидани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар кишвар, ҷорӣ намудани ченакҳои муайяни вазну ҳаҷм ва ба муомилот баровардани сиккаҳои ягонаи нуқраву тилло, Дорои I ба бунёди марказҳои сиёсии давлат оғоз намуд. Ба ақидаи олими амрикоӣ Мария Брозиус: «Сохтмони қасри Куруши Кабир ва тахти шоҳаншоҳӣ – Тахти Ҷамшед дар Посоргод, қасри шоҳаншоҳӣ дар Шуш ва дигар қасрҳои бошукӯҳ бояд таҷассумгари шукуҳу шаҳомат ва қудрату тавоноии давлату сулолаи Ҳахоманишиён мегардид» [232, с. 64].

Дар замони ҳукмронии Дорои I абардавлати порсҳо ба воҳидҳои маъмурӣ-идорӣ – хшатраҳо тақсим буд. Дар мавриди ҳуқуқҳои хшатраҳо олими фаронсавӣ Жан-Пол Ру (Jean-Paul Roux) менависад, ки: «Онҳо воқеан ҳуқуқи мухторият дошта, забон, мазҳаб, расму одат ва тарзи ҳаёту арзишҳои фарҳангии худро нигоҳ доштанд, худоёну муқаддасоташон арҷгузорӣ мешуд ва хисорот ва харобаҳои дар рафти истилои порсҳо сарзада, аз нав барқарор ва ҷуброн мегардиданд» [250, с. 126].

Маъмулан сарҳади воҳидҳои идорӣ ба марзҳои қаблии сарзаминҳои тобеъгардида мутобиқат доштанд, ки аз ваҳдати то замони Ҳахоманишиён ташаккулёфтаи фарҳангӣ-таърихии мардумони минтақа шаҳодат медод. Масалан, «Ҳудуди собиқ давлати Бохтари Қадим ба хшатраи алоҳида бо марказаш шаҳри Балх табдил дода шуда, ин шаҳр ҳанӯз аз замони Куруш маркази бузурги маъмурии порсҳо дар шарқи кишвар буд. Бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеи худ дар ин сарзаминҳо Куруши Кабир дар Суғд, дар соҳили дарёи Танаис (Сирдарё) ба шаҳри нав – Киропол ё Киресхата асос гузошт» [143, с. 733]. Ба ақидаи И.И. Аминов бо мақсади ҳарчӣ зудтар дар ҳайати давлат муттаҳид намудани сохторҳои идорӣ-сиёсии мавҷудаи сарзаминҳои шарқӣ «Порсҳо ба хшатраҳо ҳуқуқҳои васеъ

ва дар сурати пазируфтани тобеияти онҳо ҳуқуқи мерос гузоштани ҳокимияти маҳаллиро ба ихтиёри ҳокимон мегузоштанд» [104, с.73].

Дар байни хшатраҳои шарқӣ Бохтар нақши муҳим мебозид. Муҳаққиқи амрикоӣ Мария Брозиус таъкид менамояд, ки: «Бохтар ҳанӯз то истилои порсҳо ҳоким ва шаҳрҳои зиёд дошт. Марғиён, Суғд, сарзамини сакоиҳо, даҳҳо ва массагетҳо тобеияти ҳокими Бохтарро пазируфта буданд. Мария Брозиус дар мавриди нақши муҳим доштани хшатраи Бохтар дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии абардавлати порсҳо бо аксари муҳаққиқон мувофиқ аст ва далели раднопазирии инро дар таъйин намудани ҳокими Бохтар аз наздикони шоҳаншоҳ ва ё ашрофи бонуфузи Ҳахоманишиён медонад» [233, с. 115].

Дар таъмини тартиботу риояи қонунҳо маъмурияти воҳидҳои идорӣ ва ҷузъу томҳои низомии дар ин сарзаминҳо ҷойгир буда саҳм мегирифтанд. Хшатраҳо ба ҳокимияти марказӣ андоз пардохта, теъдоди муайяни сарбозонро мефиристоданд. «Хусусияти хосси ташкили низоми давлатдорӣ дар хшатраҳои шарқӣ аз он иборат буд, ки ҳамзамон бо таъйини ҳокимони маҳаллӣ аз намояндагони ҳокимияти марказӣ доираҳои ҳукмрон сайъ менамуданд ҳуқуқҳои ашрофони маҳаллиро маҳдуд насозанд ва бо ин роҳ тобеияти ашрофи маҳаллиро ба даст меоварданд. Ҳамин тариқ, аҳолии хшатраҳои шарқӣ, ба мисли дигар сарзаминҳои тобеи ҳокимияти Ҳахоманишиён, таҳти истисмори ашрофи маҳаллӣ ва ҳокимони ҳахоманишӣ қарор доштанд. Аз тарафи дигар, наздикшавии ашрофи маҳаллӣ ва маъмурияти Ҳахоманишиён ба афзоиши тафриқа ва вусъатёбии ихтилофи табақотӣ мусоидат менамуд» [142, с. 267].

Бо мақсади таъмини саривақтии азму ирода ва фармонҳои шоҳаншоҳ дар сартосари абардавлати Ҳахоманишиён – аз Осиёи Хурд дар ғарб то Гандҳара ва Ҳинд дар ҷанубу шарқ «роҳи шоҳӣ» сохта шуда буд. «Шаҳр-марказҳои маъмурии хшатраҳо – Балх, Мароқанд, Артакоана, Задракарта («кохи Дорои I») ва ғ. «шаҳри шоҳӣ» ном дошта, дар маркази он «кохи шоҳ» – қароргоҳи шоҳаншоҳ ҳангоми сафарҳояш ба минтақа, вале дар асл

қароргоҳи хшатравапан ва дигар намояндагони ҳокимияти марказӣ ҷойгир буд» [143, с. 750].

Вижагии дигари татбиқи сиёсати шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён дар хшатраҳои шарқӣ сохтмони наҳрҳо ва шабакаҳои обёрӣ буд. Чунин шабакаҳо моликияти шоҳаншоҳ маҳсуб ёфта, масъули тақсим ва ситонидани андози об барои коркарди онҳо ходимони дастгоҳи идории марказӣ буданд ва даромади онҳо ба хазинаи шоҳаншоҳ ворид мегардид. Дар баробари шабакаҳои обёрӣ заминҳои аз ҳисоби оби ин шабакаҳо обёрӣ гардида низ моликияти шоҳаншоҳ маҳсуб меёфтанд ва чунин ниҳодҳои бузурги иқтисодӣ дар сарзаминҳои шарқӣ вуҷуд доштанд. Қувваи корӣ дар ин хоҷагиҳо (узборӣ) аз ҳисоби асирони низомӣ таъмин гардида, онҳоро гарда меномиданд ва дар урдугоҳҳои махсус нигоҳ дошта мешуданд. Шакли дигари заминдорӣ – патибож низ вуҷуд дошт, ки маҳсулоти кишоварзии истеҳсолгардида барои таъмини эҳтиёҷоти дарбори шоҳаншоҳ истифода мешуд.

Аксари тобеини империя таҳти ҳокимияти хшатраҳо – хшатравапанҳо, намояндагони шоҳаншоҳ дар воҳидҳои маъмурӣ-идорӣ қарор доштанд. Хшатравапанҳо бо фармони шоҳаншоҳ аз наздикони шоҳаншоҳ, ашрофи олимақом ва намояндагони сулолаҳои бонуфузи порс ва маҳаллӣ ба мансаб таъйин мешуданд. Қаблан ишора гардида буд, ки вазифаи муҳимми ҳокимони хшатраҳо – ҷамъоварии андозу пардохтҳо ва сафарбар намудани сарбозон ба лашкари шоҳаншоҳӣ буд. Агар хшатравапан дар иҷрои вазифаи худ дастоварди назаррас медошт, ҳудуди хшатра васеъ мегардид. Барои ҳамин ҳокимони маҳаллӣ ба ташкили ҳаёти хоҷагидорӣ, сохтмони роҳу обёрии заминҳо ва ҷамъоварии андозҳо аҳаммияти калон медоданд ва бо ин роҳ садоқати худро ба шоҳаншоҳ ва ҳокимияти марказӣ собит месохтанд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ – сангнабиштаҳои шоҳон ва осори муаррихони юнонӣ дар баробари хшатраҳои тобеи шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ ҳамчунин «кишварҳо», «сарзаминҳо» ва «халқҳо» ёдовар

мешаванд. Масалан, дар сангнабиштаи кӯҳи Беҳисутун, дар қатори 23 «кишварҳо»-и мутеи Дорошоҳ сарзаминҳои шарқӣ – Парфия, Зранга, Ҳирот, Хоразм, Балх, Суғд, Гандора, Сака, Сатагуш ва ғ. омадааст [8, с. 87]. Аз матни сангнабишта, ба қавли Дорои I дар бораи низоми идораи давлат дар ин «кишварҳо» чунин бармеомад: «боҷ меоварданд», «он чӣ гуфта шуд ... онҳо чунин карданд», «аз рӯйи қонуни ман рафтор намуданд», «шахсе вафодори ман буд, ӯро подоши сазовор додам», «он ки ноустувор буд, ҷазои сахт додам» ва ғ. [8, с. 87]. Ҳамин тариқ метавон хулоса намуд, ки сарзаминҳои шарқӣ пас аз истило ва ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён ҳамроҳ гардиданашон, ба воҳидҳои идорӣ-маъмурӣ – хшатраҳо тақсим гардида, ҳокимону мансабдорони давлатӣ мутобиқи қонунҳои низоми идории давлат амал менамуданд ва дар таъмини сиёсати ҳокимияти марказӣ саҳм мегирифтанд.

Муҳаққиқи намоёни таърихи Эрони бостон А. Зарринкӯб дар мавриди вижагии татбиқи сиёсати ҳокимияти марказӣ чунин баён менамояд: «Дар маҳалҳо ба назорати қатъии шоҳаншоҳ аз болои хшатравапанҳо ва маъмурияти ҳокимони маҳаллӣ, бахусус дар мавриди ҷамъоварии андоз ва иҷрои пардохтҳои ҳатмӣ ишора менамояд. Ба қавли ӯ баъзе хшатравапанҳо барои назорати қатъӣ шоҳро «савдогар ва бозоргонпеша мехонданд», вале дар асл ин амал барои ҳифзи қудрати империя ниҳоят зарур буд ва ду паёмади мусбат дошт: яке пеши роҳи истисмори бераҳмона ва худсарии бемавриди мансабдорон нисбат ба оммаи мардумро мегирифт ва аз ҷониби дигар, садди роҳи ҷамъоварии ғайриқонунии молиёт аз тарафи хшатравапанҳо ва саркардагони маҳаллӣ, ки сабаби асосии норозигӣ ва ошубҳои оммавӣ буд, мегашт» [77, с. 94].

Ҳахоманишиён ба наздикшавии иқтисодӣ ва фарҳангии сарзаминҳои шарқӣ, бахусус хшатраи Бохтар бо марказҳои сиёсии империя таваҷҷуҳи бештар медоданд, зеро бохтариҳо нисбат ба дигар мардумони музофотҳои шарқӣ бо марказҳои қадимии Байнаннаҳрайн робитаи зич доштанд. Дар бораи нақши хоссаи Бохтар дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён, ба

ақидаи Б.А. Литвинский ва Пянков И.В., «таъйин гардидани ақрабои наздики шоҳаншоҳ ва сулолаҳои намоёни порс ба мансаби хшатравапани Бохтар шаҳодат медод» [143, с. 754]. Эҳтимол меравад, ки бохтариҳо бо ихтиёри худ ба итоати Куруши Кабир даромаданд, зеро ба ақидаи Ктесий бунёдгузори империяи Ҳахоманишиёнро набераи шоҳи модҳо Астиаг медонистанд [209, с. 184]. Илова бар ин Ҳахоманишиён дар ташкили сохтори ҳокимияти худ ба ниҳодҳои рушдёфтаи сиёсӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии бохтариҳо такя менамуданд ва аз тарафи дигар, дар давоми ҳазорсолаи I аввали то милод Бохтар маркази ташаккул ва густариши дини зардуштӣ буд ва ин омил ҳам дар болоравии мақоми ин сарзамин дар ҳаёти динӣ-фарҳангии минтақаи сукунати мардумони ориёитабор нақши муҳим мебозид.

Ба ақидаи Р.Р. Вергазов рушди равобити фарҳангӣ миёни олами мардумони эронитабор: «Раванди ҳамгироии Бохтарро дар империяи порсҳо ба сифати пойгоҳи Ҳахоманишиён дар шарқ вусъат бахшид» ва наздикшавии минтақаҳои ҳамҷаворро бо марказҳои сиёсию итисодӣ ва фарҳангии империя густариш дод» [111, с. 99-100]. Доираҳои ҳукмрон ва ашрофи бохтарӣ фарҳанги расмии Ҳахоманишиёнро пазируфта, дар рушди робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ байни хшатраҳои ғарбӣ ва шарқӣ ва сарзаминҳои ҷанубу шарқӣ, аз ҷумла Ҳинд саҳми фаъол доштанд. Олими узбек О. Ҳомидов таъкид менамояд, ки: «Дар баробари нақши калон доштани хшатраи Бохтар дар ҳаёти иқтисодӣ – истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷамъоварии андоз, дар ҳаёти сиёсӣ-низомӣ – ҳамчун маркази минтақавии ҳокимияти порсҳо ва таъмини лашкар бо сарбозон, дар Бохтар дар давраи мавҷудияти давлати Ҳахоманишиён анъанаҳои давлатдории бохтариҳо густариш ёфта, аз тарафи ҳокимияти шоҳаншоҳӣ дар умури давлатдории порсҳо васеъ истифода мешуданд» [211, с. 89-90].

Сарзамини Суғд қабл аз дохил шудан ба ҳайати давлати порсҳо таҳти таъсири Бохтар буд ва шояд аз ҳамин сабаб тобеи хшатраи Бохтар гардид. Ба монанди дигар сарзаминҳо Суғд ба Ҳахоманишиён андоз ва ба артиши

онҳо сарбоз мефиристод ва яке аз манбаъҳои сангҳои гаронбаҳо буд, ки дар сохтмони қасру кохҳои бошукӯҳи пойтахт ва марокизи асосии давлат истифода мегардиданд. Ба ақидаи Р.Р. Вергазов Суғд «пойгоҳи асосии истихроҷи сангҳои нодир барои коргоҳу устохонаҳои шоҳаншоҳӣ ба шумор мерафт» [111, с.100].

Ба доираи муносибатҳои иқтисодӣ-сиёсии Ҳахоманишиён ворид гардидани Хоразм нисбат ба дигар сарзаминҳои шарқӣ тафовут дошт, зеро дар ҳаёти ин сарзамин қабоили саҳрогард нақши муҳим доштанд. Бостоншиноси намоён С.П. Толстов бар он назар буд, ки: «Дар поёноби ду дарёи бузурги Осиёи Марказӣ дар аҳди қадим шаҳрҳо ва шабакаҳои обёрии инкишофёфта асоси хоҷагидории нахустин давлатдориҳоро ташкил менамуданд» [209, с. 89-91]. Новобаста аз таъсири ҳамаҷонибаи Бохтар бар Хоразм, мардумони ин сарзамин дар гузашта бо Парфия ва дигар сарзаминҳои ғарбии Эрони аҳди бостон робитаи зич дошта, дар ибтидо ба ҳайати хшатраи Парфия ва дар аҳди Артахшатраи II (Ардашери II) хшатраи мустақил буд.

Дар натиҷаи амалӣ намудани сиёсати ягонаи фарҳангӣ дар хшатраҳои шарқии давлати Ҳахоманишиён, ба ақидаи олимони ғарбӣ, тадриҷан фазои муштараки «Pax Persica» – ҷаҳони порс ташаккул ёфт. Ба ақидаи Р.Р. Вергазов: «Намунаи ташаккул ёфтани ин олам дар аҳди Ҳахоманишиён дар амал самараи хуб ба бор оварда, дар таъмини амнияту субот ва барқарор намудани робитаҳои устувор байни ҳокимияти марказӣ ва сарзаминҳои мухталифи империя, ки дар онҳо даҳҳо қавму халқиятҳо сукунат доштанд, нақши муҳим бозид» [111, с. 103]. Ба ибораи дигар, Ҳахоманишиён тавонистанд дар мадди аввал бахши умдаи сулолаҳо ва ашрофи маҳаллиро дар руҳияи фарҳанги расмии дарборӣ, тарзи зиндагӣ, расму русум, анъана ва санъати расмӣ тарбия намоянд ва сабки фароқавмиро ташаккул диҳанд, ки амалан натиҷаи омезиши фарҳанги порсҳо ва фарҳангҳои сершумори маҳаллӣ буд.

Роҳи дигари ҷорӣ намудани фарҳанги давлатдории Ҳахоманишиён дар сарзаминҳои мухталифи империя якрангу якнавосозии қонуну муқаррароти давлатӣ буд. Ба ақидаи муҳаққиқи эронӣ А. Толизорӣ: «Раванди танзими меъёрҳои қонун, расму русум ва меъёрҳои ҳуқуқӣ-мазҳабӣ ва мутобиқгардонии онҳо бо меъёру қоидаҳои умумиимпериявӣ дар аҳди Дорои I оғоз гардида, давлатдорони ҳахоманишӣ дар ин раванд аз меъёру қоидаҳои ҳуқуқии давлатдориҳои қаблӣ, аз ҷумла Бобул, Модҳо ва ғ. истифода мебурданд» [205, с. 11]. Дар хшатраҳои шарқӣ бошад, ба назари И. Аминов ва Ғ. Ҷаводӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ бар асоси меъёру қоидаҳои маҳаллии ба муқаррароти санадҳои ҳуқуқии умумидавлатӣ ва умумиимпериявӣ мутобиқ гардонидашуда, танзим мегардиданд [108; 134]. Ба вижагии танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ дар сарзаминҳои шарқӣ муаррихони намоён Б. Литвинский ва И. Пянков ишора намудаанд: «Масъалаҳои марбут ба умури давлатдорӣ аз ҷониби ҳакамҳои шоҳӣ бар асоси қонуну меъёрҳои шоҳӣ – умумидавлатӣ баррасӣ ва ҳал гардида, дар танзими умури ҳаёти дохилии хшатраҳо меъёрҳои ҳуқуқи маҳаллӣ истифода мегардиданд» [143, с. 757]. Дар мавриди вижагии ташкили сохторҳои маҳаллии ташкили низоми идории давлатдории Ҳахоманишиён олими фаронсавӣ Пйер Бриан (PierreBriant) бар он ақида аст, ки: «Роҳу равишҳои ҳалли масъалаҳои маъмурӣ, бо эҳтимоли қавӣ, бар пояи ниҳодҳои анъанавии маҳаллии қаблан вуҷуддошта ташкил дода шуда буданд» [227, с. 89].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки татбиқ ва истифодаи меъёрҳои умумидавлатӣ дар ҳама хшатраҳо, аз ҷумла хшатраҳои шарқӣ яксон буд, яъне умури муҳимми давлатдорӣ аз ҷониби ҳакамҳои хосса – ҳакамҳои шоҳӣ баррасӣ гардида, дар танзими масъалаҳои дохилии хшатраҳо, масалан дар Бохтар ва Хоразм, меъёру қоидаҳо ва расму оинҳои мардуми маҳаллӣ ба инобат гирифта мешуданд.

Дар бораи хидмати мутақобилаи таърихии Ҳахоманишиён ва мардумони Суғду Бохтар ва Хоразм сухан ронда, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки «Ҳахоманишиён ориёиҳои Осиёи Миёна, Эрон ва Шарқи Наздикро дар ҳайати як давлат муттаҳид карда, барои ташаккул ёфтани мардум ва фарҳанги муштараки ориёӣ замина фароҳам оварданд» [21, с. 106]. Дар навбати худ хшатраҳои шарқӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии империяи паҳновари Ҳахоманишиён нақши калон мебозиданд. «Ворики тахти шоҳаншоҳӣ ҳамеша ҳокими Бохтар буд. Сарватҳои табиии хшатраҳои шарқӣ, масалан тиллои Бохтар, лоҷуварди Суғд, фирӯзаи Хоразм дар сохтмони қасрҳои пурҳашамати пойтахт ва марказҳои маъмурию сиёсии Ҳахоманишиён васеъ истифода мешуданд» [23, с. 326].

Аҳолии хшатраҳо ҳамчун табаъаи шоҳаншоҳ барои истифодаи сарвати асосии шоҳаншоҳ – «замину об» уҳдадор буд андозу пардохтҳои давлатро иҷро намояд. Ҳаҷми солонаи андозу пардохтҳои давлатӣ дар замони ҳукмронии Дорои I барои ҳар хшатра мушаххас шуда, бо нуқра ва тилло пардохт мешуданд. Ба қавл аз Ҳеродот бохтариҳо 360 талант (ченаки вазн: таланти нуқра ба 30 кг ва тилло ба 26 кг баробар буд – муаллиф), портҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо ва ареиҳо 300 талант, сакҳову каспиҳо 250 талант ва дигар хшатраҳо камтару бештар, масалан бобулиҳо 1000 ва мисриён 700 талант пардохт менамуданд [3, с. 168]. Кишварҳои аз лиҳози сарватҳои табииву филизҳои гаронарзиш камбудӣ дошта, андозҳои муайяншударо бо маҳсулоти кишоварзӣ – озуқа ва чорво мепардохтанд. Шакли дигари уҳдадориҳои маҷбурии давлатӣ уҳдадории меҳнатӣ – ширкати мардумони хшатраҳои шарқӣ дар сохтмони иншоотҳои бузург, роҳу истеҳкомҳои мудофиавӣ ва ғ. буд. Илова бар ин ба ақидаи И.М. Дяконов: «Дар хшатраҳои шарқӣ, ба монанди дигар хшатраҳо, барои нигоҳ доштани пойгоҳҳои низомӣ андози иловагӣ ситонида мешуд» [135, с. 344].

Дар баробари ҷамъоварии андозҳо уҳдадории муҳимми давлатӣ – сафарбар намудани намояндагони мардумони маҳаллӣ ва қабоили саҳрогард ба лашкари Ҳахоманишиён буд. Мутобиқи ахбори сарчашмаҳои

юнонӣ бахтариҳо, ки сарзаминашон аз сарватҳои табиӣ бой буд, ба лашкари Ҳахоманишиён 30 ҳазор сарбози савораро бо тамоми аслиҳа ва лавозимоти зарурӣ таъмин менамуданд. Дар бораи иштироки бохтариҳо дар ҷангҳои порсҳо ба муқобили юнониён нависандаи намоёни юнонӣ Эсхил ва Ҳеродот маълумот додаанд [218, с. 592], дастаи 2 ҳазорнафараи бохтариҳо дар аввалин муҳорибаи порсҳо ба муқобили лашкари Искандари Мақдунӣ дар назди дарёи Граник саҳм доштанд. Дар баробари ширкат дар лашкаркашиҳо мардумони хшатраҳои шарқӣ – хоразмиён, сакоиҳо ва бохтариҳо ба сифати сарбоз дар баробари яҳудиёну мисриён ва ғ. дар пойгоҳҳои низомии давлати порсҳо дар Бобул ва истеҳкоми низомии Элфантини Миср хидмат менамуданд [18, с. 458].

Олимони англис бар асоси маълумоти сарчашмаҳои юнонӣ дар бораи ширкати мардумони сарзаминҳои шарқӣ дар ҷанг ва лашкаркашиҳои порсҳо ба муқобили юнониҳо ёдовар мешаванд, ки: «Дар ҳайати лашкари Ҳахоманишиён – воҳидҳои пиёдаnизом, савора ва ҳатто сарбозони киштиҳои ҷангӣ дастаҳо ва воҳидҳои мукаммали низомии бохтариҳо, сакоиҳо, портҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо, каспийҳо ва дигар қавмҳои шарқӣ хидмат менамуданд ва дар аксар маврид фармондеҳон дар лаҳзаҳои душвори ҷанг онҳоро истифода менамуданд» [255, с. 175].

Қаробати қавмӣ, шабоҳати ташкили низоми лашкари порсҳо бо мардумони хшатраҳои шарқӣ ва эътимоди ҳокимони марказӣ ба онҳо имкон фароҳам оварда буд, ки ҷузъу томҳои хоразмиҳо, бохтариҳо, суғдиён ва сакоиҳо дар ҳайати лашкар аз уҳдаи иҷрои супоришҳои низомӣ ва ҷангӣ мебаромаданд [123, с. 14].

Омили муҳимми барқарор гардидани равобити наздик миёни ҳокимияти марказӣ ва хшатраҳои шарқӣ ҷалби васеи аъёну ашрофи маҳаллӣ дар идораи давлат, ташкили ниҳодҳои иқтисодӣ ва ширкат дар забткориҳову лашкаркашиҳо буд. Артасир – ашрофи гирконӣ ва писараш Артапан дар даври ташаккулёбии давлати бузурги порсҳо дар паҳлӯи шоҳаншоҳон дар пойдор сохтани низоми давлатдорӣ саҳм доштанд: ҳанӯз

дар замони Камбуҷӣ ва Дорои I, мутобиқи ахбори Ктесий, Артасир мансаби олии ҳазорпатро ишғол менамуд, писараш Артапан бошад дар аҳди Хшаяршани I (Хашоёршои I, Xšayāršā I, ҳукмронӣ солҳои 486-464 то милод) фармондеҳи лашкари Ҳахоманишиён ба муқобили юнониён буд [143, с. 756]. Дар аҳди Артахшатраи II (Ардашери II) Артасири дигари бохтарӣ – намояндаи шоҳаншоҳ ва ҳокими Арманистон буд [185, с. 35]. Дар давраи таназзули давлати Ҳахоманишиён – замони ҳукмронии Дорои III зодаи Порт – Амминап ҳокими Миср буд.

Ҳамин тариқ, порсҳо бо роҳи ҷалби намояндагони мардумони хшатраҳои шарқӣ дар умури давлатдорӣ ва низомии империя мехостанд дар сарзаминҳои шарқии худ амнияту суботро таъмин намоянд ва такягоҳи боэътимод дошта бошанд.

Раванди ҳамроҳ намудани сарзаминҳои шарқӣ ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён ба муқобилияти мардумони маҳаллӣ дучор омада буд. Албатта сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи муҳорибаҳои шадид хабар намедиҳанд, вале аз ибтидо аҳолии сарзаминҳои шарқӣ нисбат бо ҳокимияти порсҳо муросо намекарданд. Дар ин маврид дар китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» омадааст, ки: «ба муқобили массагетҳои пархошҷӯю гарданкаш лашкар кашидани Куруши Кабир..., ошубҳои озодихоҳонаи Порту Марғинон (Марғиён) ва дигар сакоиҳои кӯчманчиро бераҳмона фурӯ нишондани Дорои Бузург ва пешвои сакоиҳои тиграхуд – Скунҳаро асир гирифтани вай далелҳои раднопазирест, ки ориёиҳои набардпешаву силаҳшӯри тӯронӣ ба ин шоҳаншоҳони қудратманд ва шикастнопазир сари таслим фуруд овардан намехостанд» [23, с. 327].

Дар бораи сар задани мухолифат байни ҳокимияти марказии Ҳахоманишиён ва хшатраҳои шарқӣ М.А. Дандамаев чунин менигорад, ки: «Эҳтимол меравад пас аз марги Камбуҷӣ дар соли 522 то милод дар раванди мубориза барои тахти шоҳаншоҳӣ нухбагони сарзаминҳои шарқӣ аз мухолифони Доро пуштибонӣ намуданд. Дар натиҷа пас аз ба сари ҳокимият омадани Дорои I хшатраҳои шарқӣ ҳадафи таъқибу фишорҳо ва

ҷазо гардида буданд» [128, с. 64-69, с. 77-85]. Бохтар ва Марғиён дар ин раванди лашкаркашии Доро аз ҳама бештар осеб диданд. Дар ин маврид дар катибаи кӯҳи Беҳисутун Доро менигорад: «Аҳурамаздо ба ман ёрӣ дод. Бо хоҳиши Аҳурамаздо лашкари ман он лашкари ошубкардаро бисёр кушт. Аз моҳи асридия 23 рӯз гузашта буд, (ки) онҳо ҷанг карданд... пас аз он кишвар аз они ман шуд. Ин (аст) он чӣ аз тарафи ман дар Балх карда шуд» [8, с. 90].

Академик В.В. Струве бо истинод бар маълумоти катибаҳои Бобул менависад, ки: «Нусхаи оромии катибаи Беҳисутун теъдоди қурбониёни лашкаркашии Доро ба Марғиён ва дигар хшатраҳои шарқиро бештар аз 55 ҳазор ва асиронро қариб 7 ҳазор муайян менамояд, ки нисбат ба хшатраҳои ғарбӣ ба маротиб зиёд буд» [201, с. 24]. Сабаби асосии кушта шудани теъдоди зиёди мардуми Марғиён аз он иборат буд, ки аҳолии вилоятҳои шарқӣ дар мубориза барои ба даст овардани тоҷу тахти шоҳаншоҳӣ аз мухолифони Доро пуштибонӣ менамуданд ва дар оянда ҳам метавонистанд бар зидди ҳокимияти ӯ муқобилият нишон диҳанд. «Шиддати муборизаи мусаллаҳона дар сарзаминҳои шарқӣ танҳо пас аз асир гирифтану кушта шудани сарвари ошубгарон – Фрада паст гардида буд» [204, с. 64]. Дар баробари мардуми Марғиён аҳолии дигар сарзаминҳои шарқӣ, аз ҷумла Порт, Гиркания, Бохтар ва ғ. ба ҳокимияти Доро итоат кардан намехостанд ва шоҳаншоҳи порсҳо маҷбур буд то тобистони соли 521 то милод ба муқобили мардуми ошубгар мубориза барад.

Таъқибу лашкаркашиҳои чандсола боиси он гардид, ки як қисми мардуми бумӣ, бахусус қабилаҳои саҳрогард маҷбур шуданд қаламрави давлати порсҳоро тарк намуда, ба даштҳои паҳновари шимолӣ паноҳ баранд. Дар бораи муборизаи Доро ба муқобили қабоили сакоиҳо дар катибаи Беҳисутун чунин маълумот омадааст: «Дорошоҳ гӯяд: пас аз он ман бо лашкар ба Скифия (кишвари сакоиҳо – муаллиф) рафтам. Пас он сакоиҳое, ки кулоҳи нӯгтез мепӯшанд, аз назди ман гурехтанд... Пас ин сакоиҳоро бисёр куштам, қисми дигарашонро асир гирифтам. Сардори

онҳо Скунҳа ном, ӯро асир гирифтанд ва ба назди ман оварданд. Дигареро сардори онҳо интихоб намудам, чунон ки хоҳиши ман буд. Пас аз он кишвар аз они ман шуд» [8, с. 93].

Дар бораи ба эътидол овардани вазъи дохилии давлат пас аз ошуби Бардияи дурӯғин Доро чунин мегӯяд: «Дорошоҳ гӯяд: он шоҳиро, ки аз авлоди мо гирифта шуда буд, ман барқарор кардам... Ба мардум чарогоҳҳо, ҳайвонот, ғуломон ва хонаҳоро... баргардонидам. Ман мардумро дар ҷояшон гузоштам, ҳам Порсро, ҳам Модро ва ҳам дигар кишварҳоро, чунон ки пештар буд. Ман он чиро ки бардошта шуда буд, барқарор намудам» [8, с. 88]. Ҳамин тариқ, пас аз лашкаркашиҳои Дорои I ба сарзаминҳои шарқӣ дар солҳои 521-517 пеш аз милод, ҳокимияти Ҳахоманишиён дар сарҳади замони Куруши Кабир барқарор гардида, дар сартосари минтақаи бузург пойгоҳҳои низомӣ устувор карда шуданд ва пас аз гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ-маъмурӣ ва низоми андоз аҳволи табақаҳои васеи аҳолӣ – кишоварзону ҳунармандон рӯ ба беҳбудӣ ниҳод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди робитаи мутақобилаи сарзаминҳои шарқӣ ва ғарбии маҳалли сукунати қабоили ориёитабор таъкид менамояд: «Суннати давлатдории каёнӣ ва низоми идоракунии кишвар аз Ориёнои Шарқӣ ба қаламрави Порс роҳ кушода, зимни омезиш бо суннати давлатдории модҳо дар тавлид ва ташаккули як давлати абарқудрати дунёи қадим – империяи Ҳахоманишиён нақши муҳим бозидааст» [23, с. 326]. Пас аз ин робитаҳои гуногунҷанба дар замони мавҷудияти империяи Ҳахоманишиён густариш ёфта, «... ниёгони ориёии тоҷикон ба империяи абарқудрати ҳахоманишӣ дар ҳайати вилоятҳои Бохтару Суғд ва Хоразм муттаҳид шуда, чун халқиятхои ҳамзабону ҳамрешаи дорои фарҳанги муштараки ориёӣ боз соҳиби умумияти мазҳабӣ, умумияти давлатдорӣ ва тақдири ягонаи таърихӣ гардидаанд» [23, с. 326].

Ҳамин тариқ, ба ҳайати давлати бузурги порсҳо дохил гардидани сарзаминҳои Бохтару Суғд ва Хоразм ва дигар минтақаҳои сукунати

мардуми ориёитабор раванди ташаккули ҷомеаи табақотӣ ва низоми давлатдорӣ густариш ёфт. Вижагии умдаи ҳамроҳшавии сарзаминҳои шарқӣ ба ҳайати абарқудрати Ҳахоманишиён аз он иборат буд, ки раванди ҳамроҳшавӣ ихтилофоти шадиди қавмиро ба вуҷуд наовард ва нисбат ба дигар минтақаҳо бидуни талафоти зиёд ба амал омад. Дуруст аст, ки пас аз ошубу исёнҳои соли 522, дар рафти лашкаркашиҳои Дорои I ба Марғиёну Бохтар талафоту қурбонии зиёд буд, вале дар умум, низоми Ҳахоманишиён дар сарзаминҳои шарқӣ таҳаммулгарона буд ва бар пояи истисмори шадиди мардуми таҳҷойӣ асос наёфта буд. Муносибати таҳаммулпазирона ба барқарор намудани робитаҳои дӯстона миёни ҳокимияти марказӣ ва мардуми хшатраҳои шарқӣ мусоидат намуд ва бесабаб набуд, ки шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ дар байни мардуми ин сарзамин обрӯй ва эътибори баланд доштанд.

Ҳамзамон лашкаркашиҳо ва кишваркушоиҳои Ҳахоманишиён раванди рушди анъанавӣ ва таърихии ин сарзаминҳоро халалдор сохта, мардумони ин сарзаминҳоро мутеи низом ва дастгоҳи давлатдории порсҳо сохт, вале аз ҷониби дигар, барқарор гардидани низоми ягонаи давлатдорӣ, дар ҳаёти сиёсӣ, маъмурӣ ва иҷтимоии минтақа ҷорӣ гардидани қонун ва меъёрҳои ҳуқуқии муштарак, ташаккули низоми давлатии ҷамъоварӣ ва пардохти андозҳо, густариши робитаҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ байни хшатраҳои ғарбӣ ва шарқӣ, ҷалби ашрофу сулолаҳои ҳукмрони маҳаллӣ ба низоми идоракунии маҳаллӣ ва марказӣ ва дигар равандҳои хосси дохилидавлатӣ ба рушди ҳамаҷонибаи сарзаминҳои шарқӣ мусоидат намуд.

Паёмади мусбати дигари ҳамроҳшавӣ ба ҳайати абарқудрати дунёи қадим, дохил гардидани сарзаминҳои шарқӣ ба муомилоти тиҷоратӣ ва робитаҳои фарҳангии ҷаҳонӣ, рушди фарҳангҳои маҳаллӣ ва ворид гардидани арзишу анъанаҳои фарҳангии мардумони сарзаминҳои ғарбӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми ориётабори шарқӣ буд. «Муносибатҳои тиҷоратӣ байни хшатраҳои шарқӣ ва сарзаминҳои дигари

давлати Ҳахоманишиён густариш ёфта, то Бобулу Миср ривоҷ доштанд. Дар баробари ин, ба арсаи робитаҳои байнидавлатӣ воридшавии мардумони Бохтар, Марғиён, Суғд, Порт, Хоразм ва ғ. ба рушди робитаҳои онҳо бо давлатҳои пешрафтаи Дунёи Қадим, тиҷорати байналмилалӣ, истеҳсол ва мубодилаи молу ашё мусоидат намуд. Муҳаққиқи тоҷик Ф. Мирзоев бар асоси маълумоти сарчашмаҳои юнонӣ таъкид менамояд, ки савдогарони бохтарӣ дар бозорҳои кишварҳои мазкур бо лоҷуварду ақиқ ва сангҳои дигари қиматбаҳо тиҷорат мекарданд» [36, с.139].

Дуруст аст, ки дар баробари паёмадҳои мусбат, ҳамроҳ гардидани сарзаминҳои шарқии мардумони ориёнтабор – Бохтар, Марғиён, Суғд, Порт, Хоразм ва ғ. ба ҳайати давлати абарқударати порсҳо паёмадҳои манфӣ низ дошт. Лашкаркашиҳои Ҳахоманишиён садди роҳи рушди мустақилонаи низоми навташаккулёфтаи давлатдорӣ дар ин сарзаминҳо гардида, ба сари аҳолӣ бор намудани андозҳову пардохтҳо ва уҳдадориҳои ҳатмӣ дар ибтидо, то устувор гардидани робита байни минтақаҳои истилогардида, садди роҳи рушди иқтисодии сарзаминҳои шарқӣ мегардид. Паёмади дигари манфии ҳамроҳшавӣ аз он иборат буд, ки пас аз пахш намудани ошубу исёнҳои оммавӣ аз тарафи лашкари Ҳахоманишиён сафи ғуломон аз ҳисоби мардумони сарзаминҳои шарқӣ дар дигар хшатраҳои давлати порсҳо афзоиш меёфт. Мардуми ба асорат афтидаро аз Бохтар, Марғиён, Суғд, Порт, Хоразм ва ғ. ба дигар минтақаҳо интиқол дода, дар навбати худ ба хшатраҳои шарқӣ аз дигар сарзаминҳо ғуломонро меоварданд. Чунин омезиш боиси мураккаб ва пурихтилоф гардидани сохтори иҷтимоии ҷомеаи хшатраҳои шарқӣ мегашт.

# ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Давлати Ҳахоманишиён – бузургтарин абарқудрати аҳди қадими Шарқ дар миёнаҳои асри VI то милод ташкил ёфта, дар натиҷаи лашкаркашиҳои шоҳаншоҳони нахустинаш – Куруши Кабир, Камбуҷӣ ва Дорои I ҳудуди васеъ аз Миср то шимоли Ҳинди Қадимро дар бар мегирифт ва дар ин сарзаминҳои мухталифи паҳновар бештар аз 70 қавму мардумон сукунат доштанд. То ташкили давлати абарқудрат қабилаҳои порс дар минтақаҳои ғарбӣ – дар сарзаминҳои Аншан ва Парсумаш ҳанӯз беш аз ду қарн пеш шоҳии худро ташкил дода буданд ва то аҳди Куруш порсҳо таҳти ҳокимияти давлатҳои Элому Мод қарор доштанд.

Сарзаминҳои сершумори тобеи давлати Ҳахоманишиён, ки дар сохтори давлатдорӣ воҳидҳои идорӣ-маъмурӣ – хшатраҳоро ташкил медоданд, бинобар дар сатҳи мухталифи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ-фарҳангӣ қарор доштанд, аз ҳамдигар тафовути калон доштанд. Табиист, ки тафовутҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, қавмӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ ба ташаккули низоми давлатдории империя таъсири калон мерасониданд. Ба ҳама тафовутҳои иҷтимоиву фанҳангӣ нигоҳ накарда, хидмати таърихии шоҳаншоҳони империяи Ҳахоманишиён – аввалин абардавлати аҳди қадими Шарқ дар он буд, ки бар пояи муносибати таҳаммулгароёна ва танаввуи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар тӯли мавҷудияти давлати худ фазои сулҳу субот ба вуҷуд оварда ба рушди бесобиқаи муносибату равобити иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва густариши робитаҳои созандаи фарҳангӣ мусоидат намоянд.

Низоми давлатдории Ҳахоманишиён бар пояи истифодаи васеи анъанаҳои фарҳангӣ (аз ҷумла ҳуқуқӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва ғ.) ва маъмурии на танҳо порсҳо, балки мардумони сарзаминҳои истилогардида дар муддати бештар аз ду қарн побарҷо буд. Дар Бобул, Миср, мулкҳои сершумори Осиёи Хурд, сарзаминҳои шарқӣ дар баробари мансабдорони порс ба мансабҳои ҳакамон, дафтардорону дабирон ва роҳбарони дабирхонаҳо,

сардорони воҳидҳои маъмурӣ, масъулони ҷамъоварии андозҳо, роҳбарони иншоотҳо калони сохтмонӣ ва ғ. мардумони ғайрипорс ҷалб мегардиданд. Дар баробари аз худ кардани арзишҳо, анъанаҳо ва дастовардҳои мардумони сарзаминҳои тобеъ, порсҳо ин арзишу анъанаҳо ва дастовардҳоро ба мантиқи фарҳангу расму одати худ мутобиқ сохта, дар ташкили низоми далатдорӣ ва идораи империяи паҳновар истифода мебурданд. Низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён аз як тараф муттамарказ буда, аз тарафи дигар ба анъанаҳои давлатдорӣ ва ташкили идории ҳар як воҳиди маъмурӣ ва мардумони сершумори сокини кишвар созгор буд. Чунин вижагии ташкили фаъолияти низоми идории кишвар, ки хусусиятҳои маҳаллиро ба назар мегирифт, танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳокимияти қавии марказӣ имконпазир буд. Таҳлил ва баррасии масъалаҳо ва ҷанбаҳои ташаккул ба хулосаҳои зерин меорад:

1. Низоми давлатдорӣ ва идораи воҳидҳои маъмурӣ-низомӣ дар натиҷаи лашкаркашиҳо ва кишваркушоиҳо ташаккул ёфта, хусусият ва вижагиҳои хос дошт. Мақомот ва ниҳодҳои марказии идораи давлат дар пойтахти империя – шаҳри Шуш қарор дошта, ҳокимони маҳаллӣ – хшатравапанҳо ва сипаҳсолорҳо бо ҳокимият ва маъмурияти марказии давлат робитаи зич доштанд ва таҳти назорати доимии шоҳаншоҳ ва мансабдорони олирутба буданд. Дар баробари шаҳри Шуш Тахти Ҷамшед (Персеполис) маркази доир намудани маросимҳо ва Экбатану Бобул бошад ҳамчун марказҳои тиҷоратию стратегӣ ва ё маркази маъмурии хшатраҳо буданд. Назорати умумӣ аз болои фаъолияти ниҳодҳо ва сохторҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ихтиёри мансабдори воломақом пас аз шоҳаншоҳ – ҳазорпат буд ва ӯ ҳамзамон сардор ва фармондеҳи горди хоссаи шоҳаншоҳӣ маҳсуб меёфт [1-М].

2. Мутлақияти шоҳаншоҳӣ дар давлати Ҳахоманишиён меросӣ буда, чанд насли аҷдодони Куруши Кабир дар шоҳии начандон калони Аншан, ки дар ҳудуди давлати Элом буд, ҳоким (шоҳ) буданд. Дар давлати Ҳахоманишиён шоҳи интихобшуда унвони «шоҳаншоҳ» ва ё «шоҳи

шоҳон»-ро дошта, шахсияти шоҳ муқаддас ва «илоҳӣ» дониста мешуд. Бояд таъкид намуд, ки ҳокимияти шоҳаншоҳӣ дар баробари ҷанбаи мазҳабӣ-илоҳӣ ҷанбаи дунявӣ дошт [2-М].

3. Маркази маъмурӣ ва сиёсии кишвар шаҳри Шуш буда, ки дар он ниҳоду сохторҳои марказии абарқудрат дар он амал мекарданд. Вазифаи асосии ниҳодҳои марказии идораи давлатӣ аз таъмини ҳокимияти давлатӣ дар минтақаву сарзаминҳои мухталиф, ташкили назорат аз болои ниҳоду сохторҳои маҳаллӣ – хшатраҳо, иҷрои дастуру фармонҳои шоҳаншоҳон, риояи меъёру муқаррароти қонунҳои давлатӣ, таъмини назорат аз болои ҳокимиони маҳаллӣ – хшатравапанҳо ва дигар мансабдорону намояндагони ҳокимияти марказӣ дар маҳаллҳо, иҷрои уҳдадориҳои иқтисодӣ, низомӣ ва ғ. иборат буд. Салоҳияти олии назорати қатъӣ аз болои фаъолияти тамоми умури давлатдорӣ ва иҷрои амру фармонҳои шоҳаншоҳон дар ихтиёри ҳазорпат буд, ки ҳамзамон сардори горди шоҳаншоҳӣ ва мансабдори воломақоми давлати Ҳахоманишиён пас аз шоҳаншоҳ буд [3-М].

4. Дар ташкили ҳокимияти давлатӣ, таъмини фаъолияти ниҳоду сохторҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимият намояндагони аъёну ашрофи қабилаҳои порс – такягоҳи асосии сулолаи ҳоким Ҳахоманишиён мақоми хос дошта, ҳамзамон шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ барои таъмини суботи низомӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ намояндагони сулолаҳои маҳаллиро ба идораи давлат ҷалб менамуданд. Дар Миср, Бобул, шаҳр-давлатҳои соҳили баҳри Миёназамин ва дигар минтақаҳо ба мансабҳои судяҳо, шаҳрдорҳо, роҳбарони ниҳодҳои идоракунандаи захираҳои давлатӣ, сардорони ниҳодҳои иқтисодӣ, хоҷагидорӣ ва сохтмону нигаҳдории ниҳодҳои муҳимми иртиботӣ намояндагони сулолаҳои маҳаллӣ ҷалб мегардиданд [2-М].

5. Ислоҳоти ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ-маъмурӣ ва низомии кишвар, ки дар аҳди Дорои I амалӣ гардид, заминаи ташкил ёфтани давлати муттамаркази порсҳоро ба вуҷуд овард ва низоми муттамарказ ва воҳиди идораи

давлатро ташкил дод ва то аз байн рафтани ҳокимияти Ҳахоманишиён тағйир наёфт. Мутобиқи ислоҳот ҳокимони воҳидҳои маъмурӣ-идорӣ – хшатравапанҳо дар ихтиёри худ танҳо салоҳиятҳои мулкиро нигоҳ дошта, дастгоҳи маъмурии хшатра тобеи онҳо буд. Онҳо ҳокимияти судиро татбиқ намуда, масъули ҷамъоварии андоз ва дигар пардохтҳои давлатӣ, таъмини суботу амният дар ҳудуди хшатра буданд ва фаъолияти мансабдорони маҳаллиро роҳбарӣ ва назорат менамуданд. Мутобиқи ислоҳоти Доро дар хшатра умури артиш ва ташкили лашкар ба ихтиёри сипаҳсолор буд, ки онҳо бевосита ба шоҳаншоҳ тобеъ буданд. Сипаҳсолор масъули таъмини амнияту субот дар ҳудуди хшатра буда, хшатравапан – масъули ташкили ҳаёти хоҷагидорӣ ва ҷамъоварии андозҳо буд. Барои таъмини эҳтиёҷоти дохилии хшатра ҳокими он – хшатравапан ҳуқуқи сикка задани тангаҳои нуқрагӣ ва мисиро дошт, ки аз салоҳиятҳои васеи иқтисодии ҳокимони воҳидҳои идорӣ-маъмурӣ шаҳодат медод.Вижагии ислоҳоти низоми идораи давлат, ки дар замони Дорои I татбиқ гардида буд аз муттамарказ намудани низоми идораи давлат ва ташкили ҳокимияти маҳаллӣ дар дасти намояндагони сулолаи ҳоким ва аъёну ашрофи қабилаҳои порс буд.Низоми идораи воҳидҳои маъмурӣдар замони Дорои I, ки ҳокимият байни хшатравапан ва сипаҳсолор тақисм шуда буд, дар марҳилаҳои баъдӣ тағйир ёфта буд, масалан дар аҳди Хшаёршоҳ масъули умури мулкӣ – хшатраванҳо тобеи сипаҳсолор буданд [5-М; 8-М].

6. Пайомади ташкили империя ва ҳукмронии Ҳахоманишиён рушди беназири равандҳои наздикшавӣ ва муттаҳид гардидани фарҳанг ва боварҳои мазҳабии қавму қабила ва халқҳои мухталиф буд. Империяи Ҳахоманишиён дар тамоми давраи мавҷудият нисбат ба анъанаҳои фарҳангӣ ва арзишҳои мазҳабии мардум ва сарзаминҳои истилонамуда сиёсати таҳаммулпазирона ба амал мебаровард. Империяи Ҳахоманишиён намунаи равшани танаввӯи қавмӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ буд.

Ташкил, таҳаввул ва рушди низоми идораи давлатдорӣ дар замони Ҳахоманишиён заминаи мусоидро барои рушди равобити байниқавмӣ,

мубодилаи байнифарҳангӣ ва омезиши арзишҳои мазҳабии мардумони гуногун, рушди равобити иқтисодӣ-тиҷоратӣ дар ҳудуди давлати паҳновари Ҳахоманишиёнро фароҳам овард ва дар ин равандҳо омили асосӣ рушду густариши робита ва ҳамгироӣ байни минтақаҳои гуногуни империя буд. Ба густариши ин равандҳо ташкили пойгоҳҳои низомӣ аз ҳисоби қавму мардумони хшатраҳои дигар ва ба кори маъмуриятҳо воҳидҳои идорӣ ҷалб намудани намояндагони дигар минтақаҳо мусоидат менамуд.Дар сохтмони биноцои мухҳташами маъмурӣ дар марказҳои сиёсии империя, бунёди шоҳроҳҳо, сохтмони шабакаҳои бузурги обёрӣ ва дигар лоиҳаҳои муҳимми ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҷалб намудани ҳунармандону устоҳо аз дигар минтақаҳо ва хшатраҳо боиси вусъат ёфтани робитаҳои фарҳангӣ миёни қавму мардумони сокини кишвари паҳновар гашта, таркиби аҳолии марказҳои сиёсӣ ва шаҳрҳои империяи Ҳахоманишиён аз гурӯҳҳои қавмии ғайрипорс – оромиҳо, эломиҳо, модҳо, лидиягиҳо, юнониён, арабҳо, ҳиндуҳо, мисриён, бобулиҳо, яҳудиён, финикиягиҳо, хоразмиёну сакҳо ва ғ. омезиш меёфт ва ваҳдати қавмӣ ва фарҳангиро вусъат мебахшид. Ҳамин тариқ, ваҳдати сиёсӣ ва фарҳангии аксари қавму мардумони Шарқи Қадим, ки дар аҳди давлатдории Ҳахоманишиён барпо гардида буд, марҳилаи муҳимми рушди таърих ва тамаддуни ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад [7-М].

7. Аҳаммияти ҷаҳонии ташкили давлати бузург аз он иборат буд, ки империяи порсҳо ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам аз лиҳози фарҳангӣ-тамаддунӣ васлгари фарҳангу тамаддунҳои Ғарбу Шарқ ба шумор мерафт. Аз аҳди Ҳахоманишиён ба баъд фарҳанги порсҳо манбаъ ва сарчашмаи таҳаввулоти маънавӣ-ахлоқӣ ба шумор рафта, ҳанӯз аз замонҳои қадим аз мавқеи васлкунанда ва омезиши фарҳанги кишвару мардумони дигарро зуҳур намуда буд [4-М].

8. Хшатраҳои шарқӣ – Бохтар, Марғиён, Суғд, Порт, Хоразм ва ғ. дар ташкили ҳокимият ва татбиқи сиёсати давлатии Ҳахоманишиён нақши муҳим мебозиданд. Сокинони ин митақаи паҳновар аз ду гурӯҳ – аҳолии

муқимӣ (гиркониён, портҳо, хоразмиён, фарғониён, марғиён, суғдиён, бохтариён ва ғ.) ва мардуми саҳрогард (қабилаҳои саку массагетҳо ва ғ.) иборат буданд. Ду омили асосӣ заминаи ба ҳайати давлати Куруши Кабир ворид шудани сарзаминҳои шарқиро фароҳам сохта буданд: якум, дар ҳайати давлатдории Модҳо дохил будани ин сарзамин ва дувум – умумияти таърихӣ-чуғрофиёӣ ва фарҳангии халқҳои ориёитабор.Ҳудуди имрӯзаи Осиёи Миёна хшатраҳои ва XI (сакоиҳои соҳили баҳри Хазар), XII (Бохтар), XV (сакоиҳо), XVI (Суғд, Хоразм ва Порт)-ро ташкил мекарданд.Дар байни хшатраҳои шарқӣ Бохтар нақши муҳим мебозид ва вориси тахти шоҳаншоҳӣ ҳамеша ҳокими Бохтар буд. Ворид гардидани сарзаминҳои шарқӣ ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён ба рушди робитаҳои сиёсӣ ва фарҳангии онҳо бо давлатҳои пешрафтаи Дунёи Қадим, тиҷорати байналмилалӣ, истеҳсол ва мубодилаи молу ашё мусоидат намуд [4-М].

9. Дар шароити рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқ, баррасӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи низоми давлатдорӣ, ҷойгоҳ ва нақши давлати Ҳахоманишиён, густариши робитаи онҳо бо кишварҳои ҳамҷавор ва давлатҳои Аврупои аҳди бостон – Юнону Рум, нақши фарҳанг, расму русум, арзишҳои фарҳангӣ ва мазҳабӣ ва оини давлатдории Ҳахоманишиён дар Дунёи Қадим ва саҳми онҳо дар рушди таъриху фарҳанги башарият аҳамияти илмӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ-тарбиявӣ дорад. Омӯзиши саҳифаҳои дурахшони давлатдориҳои гузаштагони халқи тоҷик, корномаҳо ва саҳми бузурги шахсиятҳои намоёни сиёсӣ ва фарҳангии онҳо, мақоми онҳо дар таърихи ҷаҳон ва сарнавишти мардумони кишварҳои мухталифи муосири Шарқи Наздик, Миёна ва Ҷанубӣ, аз ҷумла, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар тарбияи наслҳои имрӯза ва оянда, тарбияи насли ҷавон дар руҳияи ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги ниёконамон, эҳёи анъана, расму оин ва арзишҳои таърихиву фарҳангии гузаштагонамон ва ниҳоят барои ҳалли масъалаҳои муҳимми давлатдории муосири тоҷикон аҳамияти бузург дорад. Ҷавонони мо бояд бо таъриху фарҳанги гузаштагони халқи тоҷик ифтихор намоянд ва корномаву хидматҳои беназири шахсиятҳои

бузурги таърихӣ – давлатмардон, сипаҳсолорон ва сарсупурдагони муборизаҳои миллӣ-озодихоҳона ба муқобили истилогарони хориҷӣ ифтихор намоянд ва корнамоии онҳо мактаби таҷриба ва садоқат ба миллату Ватан бошанд [7-М].

## II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

